**РУСТАМИ ВАҲҲОБ**

# С А Л О М

Душанбе
«Адиб»
2015

**ББК 84 Тоҷик 7-5**
Р-88

Муҳаррир *М.Акбарзод*

Р-88 **Рустами Ваҳҳоб. Салом.** *(маҷмӯаи ашъор)*
– Душанбе, «Адиб», 2015, 256 саҳ.

Ин китоб иборат аз ашъоре мебошад, ки дар жанру қолабҳо ва мавзӯъҳои гуногун иншо шудаанд. Таърихи таълифи ин ашъор низ аз ибтидои фаъолияти адабии муаллиф то имрӯзро дар бар мегирад. Аз ин лиҳоз маҷмӯаи мавриди назар мунтахаботе нисбатан мукаммал аз осори манзуми шоир мебошад.

Васфи арзишҳои муқаддаси башарӣ, миллӣ ва ватанӣ, худшиносии таърихӣ ва фарҳангӣ, пайванди самимона ва меҳрсиришт ба ин арзишҳо ва ин марзу бум мавзӯъи аслӣ ва меҳварии ин маҷмӯаро ташкил медиҳад.

Дар баробари тасвирҳо ва тавсифҳои шоирона, ба бархе аз масъалаҳои мубрами дунёи муосир аз зовияи диди шоирона назари таҳлилӣ ва таҳқиқӣ шудааст.

Умед аст, ки ин китоб мавриди таваҷҷӯҳи муҳаққиқон ва писанди хонандагон гардад.

ISBN 978-99947-2-213-6

© Нашриёти «Адиб», 2015

# САРСУХАН

Дар ин маљмўа се даста аз ашъори муаллиф гирд омадааст: ашъори тоза, ки пас аз чопи маљмўаи «Шањри Хуршед» иншо шуда, қисме аз ашъори мављуд дар маљмўаи мазкур ва «Калимањо» ва ашъоре, ки дар замони чопи ду маљмўаи ќаблї мављуд буда (чопшуда ва ё чопнашуда дар матбуот), ба далелњои гуногун вориди ин маљмўа нашудаанд. Бо ин њол, албатта, наметавон гуфт, ки ин њамаи навиштањои манзуми муаллиф аст, балки шумори зиёде аз ашъор њанўз боќї монда, ки бархе дар матбуот ба чоп расида ва ќисме њам ба сурати дастнавишта аст.

Далели чопи дубораи қисме аз ашъори ќаблї ин аст, ки шуморагони он маљмўањо мањдуд буда ва маљмўаи аввалї имрўз таќрибан дастрас нест. Ба ѓайр аз ин дар чопи дубора њар як манзума ва шеър дигарбора тањриру тасњењ ва гузашта аз он баъзан такмил шуда, матни нав ба миён омадааст. Таќрибан, њеч як шеър аз ин ќоида истисно нест. Амри дигаре, ки муаллифро ба ин кор водошта, ин аст, ки баъзан дар матбуот ва расонањо ашъори ќаблї ба таѓйир ва тањриф мавриди истифода ќарор гирифтааст ва ё њадди аќал сол ва шароити таълифи он шеър дар назар гирифта нашудааст.

Бо лињози гуногунии зиёди мавзўї таќсими мавзўии ашъор салоњ дониста нашуд ва ба асоси хусусиятњои шаклї таќсимбандї шуд. Шеърњои нисбатан калонњаљм дар бахши «Манзумањо» љой дода шудааст, ки албатта «манзума» дар мавриди бархе аз онњо ба маънои мусталањи илмии он нест, балки манзур ба таври куллї – асари манзум мебошад.

Дар охири ин маљмўа шуморе аз байтњои «Њазор бадења», ки дар оянда маљмўае алоњида хоњад шуд, љой гирифтааст. Маншаи эљоди ин абёт (ё муфрадот) ин аст, ки муаллиф ба далели машѓулиятњои зиёд дар ду-се соли охир фурсати камтаре барои навиштани осори манзуми муфассал дошта ва аѓлаб он чи ба ёд расида, бадоњатан

дар ќолаби байте рехта шудааст. Аз тарафи дигар, дар давоми солњо мушоњидаи истиќболи гарму самимии хонандагон ва муњаќќиќон аз муфрадот (байтњо) боис шуд, ки ба ин навъи назм таваљљуњи бештаре шавад ва дар устувор сохтани мавќеи он чун аввалин жанри ѓиноï ба ќадри тавони худ сањм бигузорем, чун «шеъри хурд» имрўзњо дар назми љањон хеле риволљ ёфтааст ва баъзан чунин тасаввур мешавад, ки гўё «шеъри хурд» дар назми мо собиќа надоштааст ва онро аз дигар љой бояд иќтибос кард. Дар њоле ки «хурдтарин» шеъри дунё байт аст ва адабиёти куњану нави мо маќоми муайяне доштааст. Воќеан байт (фард), дубайтï, рубоï ва ќитъаи мўљаз бењтарин навъњои озмудашудаи «шеъри хурд» мебошанд.

Дар охир, бо пешнињоди ин маљмўаи нисбатан мукаммалтар аз ашъори пешин ва нави худ, аз устодон ва хонандагони арљманд дархост мешавад, ки аз маслињат ва роњнамоï дареѓ наварзанд.

*Муаллиф*
*Душанбе, 10 октябри 2015*

# МАНЗУМАҲО

*(Маснавӣ, қасида, мусаммат)*

## ЛОЗУРКӮҲ

*Имрӯз башар воқеан дар рӯёрӯйӣ бо ду хатари азим қарор дорад, ки яке табиъист ва дигаре маънавӣ. Табиъӣ он аст, ки бо номи «гармои ҷаҳонӣ» аз чандин сол қабл шинохта шудааст ва атрофи он ҳангомаҳо барпост, вале зоҳиран наметавон аз он пешгирӣ кард. Маънавӣ он аст, ки башар дар сабқати пешдастӣ бар якдигар даст ба исрофоте моддию маънавӣ мезанад, ки ин равандро суръат мебахшад ва ҳеч ҳозир нест, аз ин сабқатҳои ҷунуномез даст бикашад. Дар ин миён «лозур» (пиряхҳо) рамзи захираҳои оби ҳаёти сайёра ҳастанд, ки бо исроф ба нобудӣ кашонда мешаванд. Дар айни ҳол шабеҳи лозурҳои дерсол бар қуллаҳои омонбӯси кӯҳистон ҳамчунон захираҳои маънавӣ ва арзишҳои суннатии башарӣ ва миллӣ ҳастанд, ки бо муҳофизакорӣ дар лифофаи урфу одатҳо ва анъанаҳои неки суннатии мардумӣ нигоҳ дошта шудаанд, вале дар ин сабқатҳои бартариҷӯйӣ онҳо низ гудохта ва аз миён бурда мешаванд. Табиъат ва одамийят ҳарду дар як хатти буҳрон қарор гирифтааст. Нобудии яке нобудии дигар ва наҷоти яке наҷоти дигарест.*

Истода ту дар муқобили тӯфон
Як деҳаи муштипар дар оғӯшат.
Эй Пири муроди банда, Лозуркӯҳ,[1]
Ҳошо, ки даме кунам фаромӯшат.

Селоб ба рӯи синаат канда
Аз қарн ба қарн дарраҳои жарф.
Гаҳ ҷомаи сабзи хусравон дорӣ,
Гаҳ хирқаи сӯфи сӯфиён аз барф.

---

1 Кӯҳест, дараҳояш анбошта аз лозур (пирях) дар мунтаҳои шарқи Тоҷикистон.

Саҷҷодаи туст осмони шаб,
Тасбеҳи ситораҳо дар ангуштат.
Дарёи шароби нур мерезад
Дар косаи сангҳо зи чархуштат.

Гулбонги азони бомдодонро
Ту ҳарф ба ҳарф мекунӣ такрор.
Ҳар ҷо ки будам тамоми умри худ
Ман мешудам аз ҳамин садо бедор.

Ду даст кушодаву уфуқҳоро
Ҳамчун хати марз кардаӣ таъйин.
Ҳамчун хати ҳушдор бар девор,
Ҳамчун хати марзи суннату ойин.

Мисли хати сарнавишти бетаҳрир
Ин хат ба нигоҳи ман муҷассам буд.
Тӯмори муқаддаси балогардон,
Чун хатти васийяте зи Одам буд.

Бигзор, ки ҳар хате шавад ботил,
Зинҳор, на ин нишонаи тақдир.
Бигзор, ки дар ғуруби хунинаш
Бар гардани ман биёяд ин шамшер.

Истода агар наӣ сари ин марз
Дар селрави замонаи бекеш,
Арвоҳи гузаштагон ба шоми ид
Пайдо накунанд хонаҳои хеш.

Умре ба шаҳомати ту менозам,
Эй мазҳари рӯҳи бешикасти ман.
Аз шохаи килки ту қалам кардам,[1]
Ангушти Масеҳ шуд ба дасти ман.

1 Дар домани Лозуркуҳ дараест бо номи дараи килкҳо (найқалам).

Занбӯри ту лона дар дилам дорад,
Чун дар ҷигари камолҳои нарм.
Ҳарчанд ки неши садзабон хурдам,
Озори касе наҷустам аз озарм.

Бо санги қаноати ту бишкастам
Сар нозада гардани ҳавасҳоро.
Омӯхтам аз ҳилоли лоли ту[1]
Афсуни раҳоӣ аз қафасҳоро.

Аржанги ман аст ҷумла осорат,
Зелолу чабарғу фарку гулхорат.
Ҳам боғи наботи[2] ман ба домонат,
Ҳам шохи наботи ман ба дасторат…

Як умр ба як қарор истодан
Дар паҳнаи ин ҷаҳони беистод
Дарсест варои ҷумла мактабҳо,
Ғайри ту надонамаш дигар устод.

II

Бо суръати чархи саҳнаи театр
Ҳар лаҳза ҷаҳони мо дигар гардад.
Ҳар қадр ниқоб тоза ороянд,
Дар дидаи ман ғарибтар гардад.

Ночор ғарибтар шавам ман ҳам,
Чун ҷумлаи бениҳояту оғоз.
Чун тарма дилам ба доманат кӯчад,
То сар биниҳад ба пои ту, устоз.

1 Кабки ҳилол, ки хушхон нест.
2 Боғи набот – боғи ботаникӣ.

Худ аз пайи дил ҳамешитобам боз,
Пайваста ба лаб ҳамин дуъо дорам:
«Эй кош, туро ба ҷои худ ёбам,
Ё Раб, машикан ту хатти паргорам.

Бигзор, ки раҳ чу кошии чинӣ
Ҳамвор бувад, фароху бопаҳно.
Бигзор, ки пул ба пояи пӯлод
Нозанда бувад ба шонаи дарё.

Бигзор ҳазор нақшаи дигар
Дар тарҳи навини роҳҳо бошад,
Аммо ту ба ҷои хештан бошӣ,
Саҳми ту зи тарҳҳо ҷудо бошад…

Эй роҳкушо, туро сано хонам,
Хайре ба ҷаҳон чу раҳкушоӣ нест.
Сад гуна нисор мекунад мардум,
Аммо ба савоби ин худоӣ нест.

Он пинаи дасти ту гули шодист,
Ангушти ту худ калиди ободист,
Чашми ту чароғи роҳи озодист,
Ҳаққо, ки ҳамосаи ту фарҳодист.

Танҳо зи ту илтимоси ман ин аст
Аз ёд мабар шукӯҳи куҳҳоро.
Магзор, ки об аз осиё афтад,
Аз решаи ҷон ҷудо шавад дарё.

Лозуркуҳ!
Бурҷи порсои ман,
Албурзи шукӯҳи хештандорӣ.
Дар раг-раги рӯдҳост хуни ту
Дар пайкари дашту боғҳо ҷорӣ.

Ойини ту карда ойинабандат,
Он кист, ки бишканад туро ойин?
Он кист, ки аз ҷунун гиребонат
Хоҳад бидарад ба панҷаи хунин?

Ҳайфо, ҷигари ту об мегардад,
Дар оташи ҳирсу ози оламхор.
Сӯи ту ҳамехазад зи ҳар кӯе
Оташнафас аждаҳои истеъмор.

Ҳар дуд, ки аз манораҳои оз[1]
Мепечад сӯйи гунбади гардун,
Чун ҳалқа ба гардани ту меафтад,
Гӯё ки ту вомдорӣ аз ҳар дун».

III

Ин гуна дилам ба чангули ошӯб,
Ногоҳ зи дур мешавад пайдо
Он қуллаи меҳри ҷовидони ман
Он пайкари пуршаҳомати воло.

Як пораи абри шӯх кӯдаквор
Бо бозии хеш карда машғулаш,
В-он хоҳари меҳрубони ӯ – Маҳрӯд
Мешӯяд пойҳои шахшӯлаш.

Ӯ низ маро зи дур мебинад,
Месурфаду рост мекунад қомат:
«Обо,
    ку биё,
            чи дер меоӣ,
На хатти ту мерасад, на пайғомат».

1 Манзур бухорҳои саноъатии ҷаҳонӣ.

Эй Пир, дуруд, ҷовидон бошӣ,
Бе ёди ту як нафас намегирам.
Сад шукр, ки боз дидамат барҷой,
Бе ту камтар зи нақши тасвирам.

Бурҳони вуҷуди ман вуҷуди туст,[1]
Бе устуни қомати ту вожунам.
Ҳар кабки канори туст ҳамхонам,
Ҳар лолаи сурхи туст ҳамхунам.

То ҳаст паноҳи ту Ҳумохуна,[2]
То боли ҳумой бар сарам бошад.
Бе афсару тахту ганҷ султонам,
Ин бол чу дасти модарам бошад.

Медонам як-як арчаҳоятро,
Ҳар бор шуморашон ҳамегирам.
Ҳар кас, ки камон кашад ба нахчират,
Гӯё, ки ба дил нишонад ӯ тирам.

Бигдохта оташи дилат лозур,
Ҷорист зи чашмат оби ойина.
Ҳар кас, ки бидид рӯи худ дар он,
Дар ӯ нагирифт сеҳри бадкина.

Як тахтаи лозури ту фарзандон
Дар оташи назъ рӯйи дил монанд.
Аз ҷӯйи яхат насибаи охир
Дар мазраъи оташини худ ронанд.

Дарсе, ки гирифтам аз дабистонат,
Фармоядам аз ҳазор як кардан:
Қулзум ба даруни сина парвардан,
Як чашмаи сода бар лаб овардан.

1 Эй ҳузури мақдамат дар зиндагӣ бурҳони ман. – Бедил.
2 Номи дарае дар пои Лозуркӯҳ, ки ошёни мурғони ҳумо аст.

Як чашмаи содае, к-аз он хуршед
Бо найлаби нур об менӯшад.
Худ оинаи камоли берангист,
Сад ранг гул аз канори он ҷӯшад.

Бар «қуллаи оҷ»-и шеъри номавзун
Аз лолаи сурхи ту ливо дорам.
Пеши ту ки ҳамчу тифли нодонам,
Аз мӯи сафеди худ ҳаё дорам.

IV

Ҳоло,
 хуш бош, Достони ман,
Умри ту фузун зи Достон бодо!
То қуллаи ту нишеми Симурғ аст,
Ин фарру шукӯҳ ҷовидон бодо!

Он гуна, ки по ба доманат мондам,
Як рӯз ба домани ту сар монам.
Сад шукри вуҷуди ту, ки то ҳастӣ,
Бо лаъли дили ту ҳамгуҳар монам…

В-он гоҳ ки осмон чу ойина
Бар фарқи сари ту пора мегардад,
Он гоҳ ки мармари сапеди ту
Хокистари як шарора мегардад,

Он гаҳ ки забони оташафшонҳо
Сар мекашад аз замири ту берун,
Он гоҳ ки ошкор мегардад -
Дар синаи туст як дили пурхун,

Он гоҳ ки кӯҳ чу «иҳни манфуш» аст[1],
Ман хилвати тоати ту меҷӯям,
Аз домани сабзи ту ҳамехезам,
Тавфиқи шафоати ту меҷӯям…

V

То мерасад он замонаи мавъуд,
Он қисмати бехатои лутфу қаҳр,
Мебояд табли огаҳиро кӯфт,
Мебояд хост доди ту аз даҳр.

Эй зодаи чор гавҳар – эй Инсон!
Аз гавҳари оташ ин фузунхоҳӣ
Берун бикашад турову гардонад
Дар тобаи тобдода чун моҳӣ.

Бодо, ки чаҳор рукни бунёдат
Аз адл шавад чу нури биноӣ.
Магзор каҳе зи кӯҳи ту коҳад,
То бо ту бувад тавони дарёӣ.

Дастони ситорарези дарёҳо
Сад чархаи нурро бигардонад
Он қадр,
 ки деви зулмати инкор
Дар пойи шаҳомати ту сар монад.

*Июл- сентябри 2009*

---

1 Ишора ба ояти 5 сураи муборакаи «Такосур» (Ва кӯҳҳо аз ҳайбати он ҳамчун пашми паҳида пароканда гарданд.)

## КӮҲИСТОН

Кӯҳистонам!
Қарори ман ин ҷост,
Рӯйиндижи ман, ҳисори ман ин ҷост,
Дар чархи фалак мадори ман ин ҷост,
Гаҳвораи ман, мазори ман ин ҷост.

Рӯйида канори чашмаи Идрок,
Дар силсилаи сулолаи ин хок,
Печида мисоли решаҳои ток,
Мастии ману хумори ман ин ҷост.

Ин ҷост, ки бед ҳам шакарбанд аст,
Бебар на, ки тӯбии самарқанд аст,
Лахти ҷигаре ба ҳар шаҷар банд аст,
Сад миҷмари лолазори ман ин ҷост.

Дар сӯзани хӯша муҳраи шаҳвор,
Мурғак равад аз насим гандумзор,
Ҷонҳо зи сурур мешавад саршор,
Шеъру ғазалу шиори ман ин ҷост.

Сад рӯд дуруди зиндагӣ бар лаб,
Чун оби ҳаёт аз зиломи шаб
Доман-доман меканад кавкаб.
Дарёи ситоразори ман ин ҷост.

Дар зери ҳазор селборонҳо,
Вораста зи хокрези тӯфонҳо,
Хомӯш нагашт оташи ҷонҳо,
Дар санг ниҳон шарори ман ин ҷост.

Гар дар нигаҳе чу хорҷорӯбам,
Бар сардари кӯҳсор мансубам,
Заҳри нигаҳи ҳасудро рӯбам,
Хорам агар, ифтихори ман ин ҷост.

Як тоқадарахт бар фарози кӯҳ,
Фӯлодпайу таҳамтану бишкӯҳ,
Бар сар карда як осмон андӯҳ,
Тамкини ману виқори ман ин ҷост.

Ин ҷост, ки мӯбамӯ ҳама аслам,
Бо гардиши хоку осмон васлам,
Ҷои дигаре бурун зи ҳар фаслам.
Поизу дайу баҳори ман ин ҷост.

Печида садои ман ба ҳар бодаш,
Аксам ба навори ҷӯйи Фарҳодаш,
То ҳашр намеравам ман аз ёдаш,
Анбор зада навори ман ин ҷост.

Сурхоб, ки панҷа мекашад бар санг,
Чун панҷаи Борбад ба тори чанг,
Аз санг бурун кунад ҳазор оҳанг,
Арғуни[1] ҳазортори ман ин ҷост.

Дар шохи чабарғ ахтарони ёд
Чун хӯшаи лаъл медурахшад шод,
Бунёдам агар ҳама равад бар бод,
Дар нур равон ғубори ман ин ҷост.

Дар марзи Ватан ситодаам настӯҳ,
Бебим зи турктози ҳар анбӯҳ.
Оҳехта теғҳои Лозуркӯҳ,
Ойинаи зулфиқори ман ин ҷост.

Беҳтар бувадам зи рутбати шоир,
Як пораи хишти турбати он Пир,
Аз турбати поки Пири Шаҳносир,[2]
Шашсадсола табори ман ин ҷост.

---

1 Арғун – асли “арғунун”
2 Аз ниёкони нависанда.

Эй марг, туростгар димоғи ман,
То нур бигирӣ аз чароғи ман,
Ҷойи дигаре макун суроғи ман,
Меъоди ман, интизори ман ин ҷост.

Роҳест ниҳода сар ба пои дӯст,
Он чор сада ба марҳабои дӯст,
Хоҳанд кунанд ҷон фидои дӯст.
Ин ҷост чаҳорёри ман, ин ҷост.

Кӯҳистонам –
 Тоҷикистонам!
Сайёраи сабзи ишқу имонам,
Бахшанд агар ихтиёри кайҳонам,
Ҳаройина,
        ихтиёри ман ин ҷост.

*Тобистони 2012*

## ОЙИНАИ ЯКРӮЙ

*Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон!*
*(Хоқонии Шарвонӣ)*

Эй толиби Сосонӣ, эй ворими Сомонӣ,
Кас домани ин давлат нагрифт ба осонӣ.
Ободии Меҳанро имрӯз ҳамебояд,
Бозуи Каюмарсӣ, тадбири Сулаймонӣ.
То чанд кунӣ такрор
        дар сояи ин пиндор:
Девори Бухоро буд Исмоили Сомонӣ.
Бедор бишав, эй дил, ҳушёр бишав, эй ҷон,
Бо фарраи яздонӣ, бо фитрати инсонӣ.
Он бо дили бишкаста, ин бо ҷигари хаста,
Ё Раб, чи пушаймонӣ, ё Раб, чи пушаймонӣ.

Гирди ду-се хон гардон, ку ройи
                    ҷаҳонгардон?
Ин моя ҷаҳонбинӣ, даъвои ҷаҳонбонӣ.
Аз кибр чӣ безорем,
                    бигзор, ки бигзорем,
«Баҳмонию басторӣ, басторию баҳмонӣ».
Гар хоки Самарқандӣ ё хори Бухоройӣ,
Нури басари мойӣ, лаъле зи Бадахшонӣ
Бар зарраи хоки мо сад чашми тамаъ боз аст,
Дар тангаи ин чашмон мову ту чу зиндонӣ.
З-ин танг ба парвоз ой, эй ақли ҷаҳонтасхир,
Симурғи ту аввал буд дар вусъати кайҳонӣ.
Созанда бишав, эй даст, пӯянда бишав, эй ақл,
«Аз ҷанги хурӯсон беҳ фарҳанги хуросонӣ».
Аз наъраи бедардон хуршеди Ватан ларзон,
Фазл аст суханчинӣ, айб аст сухандонӣ.
Ому лаби пурхунро то бар лаби Сир овард,
Мегуфт ба дил дорам сад ҳуққаи руммонӣ.
Ин ҳуққаи руммонӣ он дурҷи маъонӣ нест,
Ин қиссаи Ниле нест
                    в-он Мӯсии Имронӣ
Бигзор, ки бардӯзем лаброву ҷигар сӯзем,
Гар ёри Худовандӣ, в-ар душмани шайтонӣ.
Хомӯш кун ин гуфтор, гуфтори пур аз озор,
Гар ҳарзаи мо шеър аст, пас, чист зи Хоқонӣ
Аз ҳарзаву беҳуда сад хирману сад туда,
То дона ҷудо созад, ку бозуи деҳқоне.[1]

## II

Аз захми камон растем, аз захми забон ҷастем,
Аз захмаи ҷон мастем дар пардаи ирфонӣ.
Ҷовид, бимон эй дил, дар пайкари обу гил,
Бе ту чӣ бувад ин даҳр ҷуз фарфараи фонӣ.

---

1 «То кунад аз ҳам ҷудо, бозуи деҳқон куҷост» (Халилуллоҳ Халилӣ).

Ҷовид бимон, эй ақл, беҳтар зи ту ёре нест,
Он ҷо ки саворе нест
н-афтода зи пайконе
Ҷовид бимон, эй рӯҳ, эй мояи ҳар ҳастӣ,
Ин банд даре дорад, эй бандии канъонӣ.
Ҷовид бимон, эй ишқ, эй ахтари пирӯзӣ,
Заҳрӣ туву нӯшӣ ту, дардӣ туву дармонӣ.
Ҷовид бимон, Меҳан, эй колбади ҷонам,
Ё Раб, ба хато гуфтам, ҷонӣ туву ҷононӣ.
Ҷовид бимон, дониш, ҷовид бимон, фарҳанг:
Эй равзанаҳои нур дар дидаи зиндонӣ.

III

Эй Пири барозанда, як ҳиммати созанда,
То ҷамъ кунӣ моро з-ин хоки парешонӣ.
Эй санги сабури мо, эй чашмаи нури мо,
Аз дидаи кӯри мо, ҳарчанд ки пинҳонӣ.
Аз оташи нойи ту сад шуъла ба ҷон дорем,
Дар ҳастии мо пинҳон, ай шери найистонӣ.
Ин қадр ҷалолатро офоқ писандидаст:
Ҳар рӯз туро бахшад як шамс ба қурбонӣ.
Маҳмилкаши дарди мо, эй марди набарди мо,
Донам, ки давои мо ҳам низ ту медонӣ.
Ёри ту Худои туст, в-он ақли расои туст,
К-аз мо натавонӣ дид
ҷуз ғафлату ҳайронӣ.
Сад узр ҳамегӯяд муслим, ки мусалмон аст,
Имрӯз мусалмонро нанг аст мусалмонӣ.
Сад тиккаву сад пора, ҳар пора пайи чора,
То рӯзи дигар пора созад шаби зулмонӣ.
«Чун даври фалак гардон, дар кори ҷаҳон
ҳайрон»,[1]
Ду чашми Хуросонанд он ду шаҳи раббонӣ…

1 Аз Хоқонии Шарвонӣ.

IV

Савганд ҳамехӯрдам, к-аз дард нахоҳам
гуфт,
Ҷуз дард чиро гӯям, ту дидаӣ дармоне.
Эй дӯст, ту дидастӣ як лахти ҷигар обод,
Як мушти дили эмин аз санги фалахмоне?
Як рӯй, ки сели ғам бар он нахурӯшидаст,
Як дида, ки хунобаш наншаста ба домоне.
Як даст, ки домоне нокарда раҳо дидӣ?
Як сар ту магар дидӣ нохӯрда ба сандоне?..
Эй нури ду чашмонам, оё ту надидастӣ
Роҳе, ки барад моро то мақсади имонӣ?
Роҳе тиҳӣ аз раҳзан в-аз фитнаи оҳарман,
То қуллаи қуръонӣ, то қиблаи ваҳдонӣ.
Он роҳ, ки Симурғи Аттор бипаймудаш,
Он роҳ, ки ҳудҳудро кардаст Сулаймоне.
Қурбони ду чашмонат, эй дӯст, агар дидӣ,
Он роҳ маро бинмо,
в-ар дар гарави ҷоне.
Он қуллаи якроӣ, он қиблаи яктоӣ,
Ойинаи якрӯйӣ, ойини якоройӣ,

*Майи 2000*

## СОҚИНОМА

*На бода-ст ин май , ки хуни дил аст,*
*Ҳама дурди дарди даруни дил аст.*
*Сухан гарчи боғу баҳори ман аст,*
*Ҳам он чашми Исфандёри ман аст.*
*Аз ин равза ҳарчанд пандам расад,*
*Аз ин раҳгузар ҳам газандам расад.*
*Ҳамора чу ҷон пеши ин равзан аст,*
*Аз ин равзанам чашми ҷон равшан аст.*

Бидеҳ, соқӣ, он оби афшурдаро,
Зи нав зинда кун ин дили мурдаро.[1]
Маро бо ту ҳарчанд миқдор нест
Ҳарифе дигар ҳам сазовор нест.
Биёвар чунон бодаи хушгувор,
Ки гар маст нӯшад, шавад ҳӯшёр.
В-агар тифл нӯшад, шавад шергир,
Ҷавонӣ биёбад аз ӯ марди пир.
Ғаме дерсолу майе дерсол,
Сухан гар парешон барояд, манол.
Парешон шуда хоку хошоки мо,
Парешон шуда навдаи токи мо.
Яке достонест бебандубун,
Дарундардарун дардҳои куҳун.

* * *

Ало, соқӣ, Ҷоми Ҷамам орзуст,
Ҳам он Рахшу он Рустамам орзуст.
Куҷо он ки аз шери нар мӯ гирифт,
Зи як хукбон бандагӣ хӯ гирифт,
Ҳама дасти бегона бӯсанду бас,
Зи худ нашмаранд эч касро ба кас.
Зи деҳе барояд яке шермард,
Дигар деҳ нишинад ба андӯҳу дард.

1 Байт бо андаке тағйир матлаъи «Соқинома»-и Хоҷуи Кирмонист.

В-агар офтобаш барояд зи шарқ,
Ба дарёи ғарбаш бисозанд ғарқ.
Куҷо он Фарибурзу он фарру бурз?
Куҷо он камони каёнию гурз?
Куҷо нозиш аз ном ҳангоми разм?
Куҷо нозиш аз ҷом ҳангоми базм?
Ниҳон ному ком асту ҷанге ниҳон,
Таҳи домани ҳар кӣ санге ниҳон.
Ниҳон меҳру кину ниҳон рою дин,
Ба каф гурз на, гурза[1] дар остин.
Биё, соқӣ, он офтоби баланд,
Ки дилро ниҳам рӯйи он чун сипанд.
Бухуре аз ин донаи ғам кунем,
Дар ин дашт ёде зи Одам кунем.
В-аз он май, ки афришта бар хок зад,
Дар он анҷуман ҷом бебок зад.[2]

* * *

Муғаннӣ, бизан пардаи роҳи рост,
В-агар дар сари роҳи рост аждаҳост!
Чу аз Соми якзахм ёд оварӣ,
Ба як захма сад аждаҳо бишкарӣ.
Дил аз каҷравони равонкаҷ гирифт,
Най овар, ки аз чангам ояд шигифт.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки чун дам кашам,
Зи дил наъраҳои «Аналҷам!» кашам.
Аҷамро аз он тира шуд рӯзгор,
Ки бар Ҷам гузин кард Заҳҳоки мор.
Натобид як бе худӣ аз худӣ,
Зи бегона бархост дасти бадӣ.
Ба подоши лағзиш ба соле ҳазор
Ҳама мағзи сар дод бар хӯрди мор.
Муғаннӣ, куҷоӣ, ки море дигар
Зи андешаи мо бароварда сар.

1 Гурза – навъе мори пурзаҳр.
2 Дӯш дидам, ки малоик дари майхона заданд, Гили Одам бисириштанду ба паймона заданд. (Ҳофиз)

Даме най дамию фусунаш кунӣ,
Фаридун шавӣ, хоку хунаш кунӣ.
Мабодо, к-аз он ҳаждаҳи Ковиён
Яке ҳам намонад кунун дар ҷаҳон,
Ки ҳар дам шигифтӣ кунад ин дагар:
«Чаро он якерост ҳаждаҳ писар?!»
Муғаннӣ, бизан захма бар тори зеҳ,
Зеҳозеҳ суруде бихонем, беҳ:
Зиҳӣ, он ки мехӯрд заҳробро,
Ба заҳроб парвард Суҳробро.
Зиҳӣ, он ки дар чоҳ Бежан бизод,
Чу ашкаш зи мижа Манижа фитод.
Зиҳӣ, он ки дар оташистони Вахш
Сиёвахши нав зод бо сад дурахш.
Чу бугзашт з-ин оташи пуршитоб,
Бияндешам аз макри Афросиёб.
Зиҳӣ, он ки Сино бизояд зи дард,
Зи гарди мазораш ниёз аст мард.
Зиҳӣ, модарон – офаринандагон,
Паямбархудоён, Худобандагон.

* * *

Бидеҳ, соқӣ он ки зи гул ранг зад,
Ғами дигаре дар дилам чанг зад.
Зи кори Ҳариман занам достон,
Ки тораш фиғон асту пудаш фиғон:
Яке фитна ангехт дар рӯзгор,
Бишуд ёр дар чашми мардум чу мор.
Зи хуни бародар маро пайса дод,
Зи пероҳани хунияш киса дод.
Басо Рустамо, к-андар он ҷодуйӣ
Ба фарзанди худ кард он бадхуйӣ.
Басе дахма низ омад аз он диёр,
Ки он ҷо ниёяш буд, ин ҷо нигор.
Муғаннӣ, маро нағмаат ошност,
Чӣ неку бигӯӣ, ки: «Моро зи мост»:
Дареғ, он шаҳидони кӯҳу камар,
Ватанро ба сар чун шикаста сипар.

Ҳазор офаринро сазоворҳо,
Ба нафрини ноҳақ гирифторҳо.
Зи хуншон басе боз аз ин обу гил
Бирӯяд ҳама лола бо доғи дил.
Бар ин лолазорон агар биғнавӣ,
Ҳамон нолаи ошно бишнавӣ:
«Шаҳидони зулми Фарангем мо,
Ба хуни Ватан лоларангем мо».[1]

* * *

Муғаннӣ, найе каш, ки оҳе кашем!
Суйи кишвари ғам сипоҳе кашем.
Бару буми ғамро ба пай биспарем,
Чу шерон ҳама гӯри ғам бишкарем:
Зи дасти ғаму биму андӯҳу бок
Забон баста дорему дилҳои чок.
Биё, соқӣ, он абри гавҳарнисор,
Ки аз хоки мо бардамонад баҳор.
Ба Наврӯзи нав тоза ойин кунем,
Зи нав Рахши фархундаро зин кунем,
Битозем бар пушти Албурзкӯҳ,
Дигарбора ҷӯем фарру шукӯҳ,[2]
Яке хусравӣ маҷлис оро кунем,
Чаманро чу авранги Доро кунем.
Чу ман Ҷоми Ҷамро бигирам ба даст
Бигӯям-т, Искандараш чун шикаст.
Сикандар даре бар Аҷам боз кард
В-аз он гоҳ тороҷ оғоз кард.
Сикандар ситудан аз он рӯзгор
Шуда дар Аҷам панди омӯзгор.
Касе з-ин раҳ омад ба боди ғурур,
Аҷам бут тарошид аз он санги гӯр.
Бараҳман наям, бутпарастӣ кунам,
Биё соқӣ, оҳанги ҳастӣ кунам.

---

1 Аз Маҳмуди Тарзӣ.
2 Муддате кишвар ошуфта буд, то Рустам Қубодро аз пушти Албурзкӯҳ овард.

Ба каф, соқӣ, он ҷоми озар бинеҳ,
Маро фарраи пури Озар бидеҳ.
Яке харбут аст андар ин шорсон,
Ки инак шикастан расидаш замон.
Чу дил гурз кӯбад ба девори тан,
Зи ҷо барҷаҳад худгаре бутшикан.
Чу кӯшему дар ӯ шикаст оварем,
Калиди раҳоӣ ба даст оварем,
Ки бо фанди ӯ бастаи дигарем,
Риёбандагони варо чокарем.
Бути нафси аммораи мост ин,
Бади мову патёраи мост ин.
Бидеҳ, соқӣ,он равшаноби нахуст,
Ки дар ӯ падид аст душман зи дӯст.
«Маро бо адӯ оқибат фурсат аст,
Ки аз осмон муждаи нусрат аст».[1]

* * *

Муғаннӣ, дигар нағмае соз кун,
Замину замонро пуровоз кун.
Ба овои тору ба гулбонги руд
Бигӯ ҷомбахшони моро дуруд.
Дуруде бар он пири донои Тӯс,
Ки хуршеду маҳ оядаш хокбӯс.
Ҷаҳонпаҳлавони ҷаҳони сухан,
Ҷаҳонхусрави ҷовидони сухан.
Ба сад обхези дигар Нӯҳи мост,
Ки «Шаҳнома» худ киштии рӯҳи мост.
Агар тоҷикеро пайи доварӣ
Ту аз чашми сӯзан бурун оварӣ,
Чу ришта шавад гар зи по то сараш,
Ҳамон «Шоҳнома» бувад дар бараш.
Яке тор ҳам монад аз он вуҷуд,
Бар он тор ёбӣ зи «Шаҳнома» пуд.

1 Байт аз Хоҷа Ҳофиз аст.

* * *

Муғаннӣ туро беш аз ин роҳ нест,
Ки ҷони ту з-ин парда огоҳ нест.
Бинеҳ, соқӣ, он обгина зи чанг,
Ки борикроҳест аз ҷавфи санг,
Дуруде ба Сурхобу пероманаш,
Бар он кӯдакони бари доманаш,
Ки чун порсӣ гавҳар афшон кунанд,
Замину замонро зарафшон кунанд.
Дуруде бар он бурҷи Хуршеди ман,
Дуруде бар он Кохи уммеди ман.
Аз ин роҳ, соқӣ, чу берун равем
В-аз он нардбонаш ба гардун равем,
Бинеҳ дар кафам ҷоми Хайёмро,
Бипаймоям оғозу анҷомро.
Дуруде бар он ринди гардунсипар,
Ки пешаш бияфканд гардун сипар.
Муғаннӣ, зи ҷон баркаш овозро,
Дуруде бигӯ шери Шерозро.
Аз он пеш, к-ӯ рафт худ бар биҳишт,
Биҳиште бар ин хокдон бар бикишт.
Муғаннӣ, бикаш ҳиндуве дастпеш
В-аз ӯ бозбистон Бухорои хеш.
Дуруде ба Деҳлию Лоҳури пок,
Бар он Бедили пурдил, Иқболи ҷок.
Яке муслиму ибрати барҳаман,
Дигар барҳаманзодае бутшикан.
Чу шамшер берун кашад з-он ниём,
Кулоҳи каёнӣ биёбад ғулом.
Чи шамшер – шамшери илми яқин,
Кулаҳ аз хирадмандиию рою дин.

* * *

Куҷо, соқиё, май дар ин ҷом ҳаст,
Навиди навойин саранҷом ҳаст.
Бубахшо, ки густох бирбудамаш;
Ниёзӣ зи сӯзи дарун будамаш.
Зи полвани ҷон биполудамаш,
Ҷуз оташ ба чизе наёлудамаш.
Раво бод ин май бар он родмард,
Ки ҷонаш зи оташ бувад, дил зи дард.
Муғаннӣ, бигӯ: Довари додбахш,
Чу риндон маро ройи озод бахш.
Бар ин хоксорон ғуруре бидеҳ,
Ба бечорагон дасти зӯре бидеҳ.
Бидеҳ бар ҷавонон нигоҳи баланд,
Ки бар чарх ёзанд хамми каманд.
Бидеҳ чашми берун дарундидаро,
Дарундида бикшо бурундидаро.
Ба ҳар ки дилаш ҳар чиро хост, деҳ,
Маро худ забону дили рост беҳ.
Ки аз ростӣ чун раҳойӣ бувад,
Маро ростӣ подшойӣ бувад.

*Соли 1989*

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, захми носури дилам,
Тоҷикистон, ранҷи маҳдури дилам.

Тоҷикистон, кӯлбори дарди мо,
Дар сари мижгони ҳасрат гарди мо.

Тоҷикистон, дашти ёҳуи ҷунун,
Киштии саргашта дар дарёи хун.

Тоҷикистон, маслахи номуси ишқ,
Пуштаи хокистари қақнуси ишқ.

Тоҷикистон, синаи садчоку реш,
Тоҷикистон, мусҳафи паҳну пареш.

Тоҷикистон, гулшани доғи фироқ,
Шӯълаи конуни сӯзи иштиёқ.

Эй бурида панҷ ангушти ҳунар,
Ханҷари бишкаста дар пушти ҳунар.

Бе ту як соат вуҷудам шод нест,
“Дар дилам як гӯшаи обод нест”.[1]

Тоҷикистон, мушти безинҳори мо,
Бар сари мо таънаи ағёри мо.

Дар бари гургон адуят баррахор,
Дар бари шубон фиғонаш зор-зор.

«Ман надонам беш аз ин дам занам,
Фош агар гӯям, ҷаҳон барҳам занам».[2]

---

1 Мисраъ аз Лоиқ Шералӣ
2 Аз Мавлоно.

Тоҷикистон, эй нишем андар ҳубут,[1]
Бар лаби оташфишон сурби сукут.

Тоҷикистон, модари бемори мо,
Дар дили шаб гиряҳои зори мо

Тоҷикистон, арсаи шатранги[2] қарн,
Озмоишгоҳи сад найранги қарн.

Уфтода хишти девори ҳарам,
Оҳуи захмии хуншори ҳарам.

Хилвати бишкастаи пири Аҷам,
Гӯши ҳушро бонги ожири Аҷам.

Байни шерон тоҷу тахти Яздгурд,
Интизори ҳиммати Баҳроми гурд.

Тоҷикистон, ояти наҳйи нифоқ,
Тоҷикистон, сури поёни фироқ.

* * *

Эй бародар, дӯстӣ ё душманӣ,
Ин замон бо мо ба як пироҳанӣ.

Бар масал пироҳани мо меҳан аст,
Беш аз ин ҷону тани мо меҳан аст.

Чашми бино бе Ватан кӯр аст, кӯр,
Оби ҳайвон бе Ватан шӯр аст, шӯр.

Ту магӯ дар Тоҷикистонем мо,
Не ғарибу не парешонем мо.

---

1 Фуруд омадани Одам аз биҳишт.
2 Шатранг – асли шатранҷ.

То набошад қавми моро иттиҳод,
Ин ватандорист ҳамчун абру бод.

Боди ваҳдат аз Ватан пӯё шавад,
Куштаи ғурбат зи нав эҳё шавад.

Тӯшаи марди – сафар ёди Ватан,
Хотири ҷамъаш – дили шоди Ватан.

Гар бидонӣ бе ватанбон нестӣ,
Гар ба Чинӣ, кам зи Хоқон нестӣ.

Чист миллат?
– Ваҳдати дунёи мост,
Дӯши мо, имрӯзи мо, фардои мост.

Аз саводаш дидаи мо равшан аст,
Дар ҳисораш ҳастии мо эман аст.

Решаи ҷонҳост дар ҳам бофта,
Риштаи ҷонҳост дар ҳам тофта.

Аз пари Симурғи тавҳидаш қалам,
Мераҳонад ҳасти моро аз адам.

Ваҳдати миллат бақои миллат аст,
Устувор аз муддаои миллат аст.

Ҳарфҳо аз муддао гардад китоб,
Зарраҳо аз тоби мақсад офтоб.

Чашми Сино бар сари гаҳворааш,
Тарҳи сад олам ба ҳар ангорааш.

Дар вуҷуди миллати яктопараст
Ваҳдату мақсуд чун ду шаҳпар аст.

Бо ду шаҳпар дарнавардад ин ҷаҳон,
Зери болаш як бувад ҳафт осмон.

Сӯйи дому донаи кас нангарад,
Ҳимматаш то авҷи гардун мебарад.

Он ки ҳаст Албурзу Алвандаш нишем,
Аз сияҳчоли замонаш нест бим.

Бартариҳояш ҳам аз худогаҳист,
Огаҳӣ – шерозаи девони Зист.

Дастҳо пайванди ин ҳаблулматин,
Асли ҳикмат, асли ойин, асли дин.

Не гусастан, не шикастанро раҳе,
Пайкари пӯлоду ҷони огаҳе.

Фитнаи айём монанди ҳубоб
Мешавад аз мавҷи дарёяш хароб.

Нури Ҳақ ойинаи идроки ӯ,
Хонаи хуршедҳо афлоки ӯ.

Ҳикматаш деринаву бахташ ҷавон,
Дар замираш растхези ҷовидон…

Тоҷикистон, эй раҳини иттиҳод,
Эй шуда даъват ба дини иттиҳод.

Ҳурмати ашки ятимон, иттиҳод,
Ҳурмати аҷзои Қуръон, иттиҳод.

Ашки тифлонат ширеши маҳкам аст,
Захмҳои душманиро марҳам аст.

Ҳурмати хуни шаҳидон, иттиҳод,
Бар сипоси оли Сомон, иттиҳод.

Кӯр бодо чашми шайтон, иттиҳод,
Эй муваҳҳид, баҳри Яздон, иттиҳод.

* * *

Дар шаби ҳаҷре пур аз биму умед,
Хоб медидам, ки симурғе сапед

Дар Ватан буд бар сари ман парфишон,
Аз фурӯғаш мавҷ мезад осмон.

Ман саропо ҳамчу як ҷоми булӯр
Мешудам саршор аз нуру сурур.

Дар канорам ё падар, ё пир буд,
Дар лаби мо ояти такбир буд.

Ё Худо, ин хобро таъбир деҳ,
Ё Худо, аз раҳматаш танвир деҳ.

Ё Худо ин ранҷро кӯтоҳ кун,
Ё Худо, моро зи мо огоҳ кун.

Ё Худо, моро раҳо кун аз нифоқ,
Ҳамчу занбӯрон ба шаҳди иттифоқ.

Ин шаби ҳиҷрон ба сар омад, ба сар,
Ман надорам тоқати ҳаҷри дигар.

* * *

Ассалом, эй хоки гулафшони ман,
Ассалом, эй Тоҷикистон, ҷони ман.

Ассалом, эй гавҳари ноёби ман,
Ассалом, эй Вахш, эй Сурхоби ман.

Ассалом, эй қиблаи шабҳои ҳаҷр,
Ассалом, эй матлаи анвори фаҷр!

*Соли 1997*

## ДАВРОНИ ОФТОБ
***Барои устод Мирзо Турсунзода***

Шод бодо равони марди бузург,
Ки дар ӯ даргирифт дарди бузург.
Кард парвоз сӯи Шарқи ғулом,
То диҳад даври офтоб давом.
То ба ҳинду намуда ҳиндуро,
Вонамояд ба ӯ худи ӯро.
То зи ҳоли вай иқтибос кунад,
Ҳоли моро аз ӯ қиёс кунад.
Гар набудаш ба дил ғами меҳан,
Шеъри шевош кай шудӣ шеван?
Ҳинд меҷусту хештан меёфт,
Дардҳои дили ватан меёфт.
Он ки бар дигарон ҳамегиряд,
Баҳри худ дар ниҳон ҳамегиряд.
Он ки озодии ҷаҳон хоҳад хоҳад,
На ки аз худ дар ин миён хоҳад?
Он ки бар Зиндарӯду Нилу ба Ганг
Ҳамчу бар об гуфт хоби Фаранг.
Дӯстонро зи душманон бишнохт,
Дӯст бинвохт, душманон бигдохт.
Рафт берун зи чордевораш,
То биҷӯяд зи даҳр осораш.
Вусъати хоки худ таманно кард,
Ҳамгинонро ба ҳамгинон овард:
Чист дар худ хазидан ин микдор,
Ҳалқа дар худ задан ба суннати мор?
То кай аз теғи зӯрҳо нимӣ?
На як иқлим, ки сад иқлимӣ?
Гангу Варзобу Зиндарӯд астӣ,

«Ҳиссаи баҳри беҳудуд астӣ»,
Чоки захми қурун ба ҳам овар,
Ту ҳамоварди мард бош чу мард.

Он ки з-ӯ Осиё сухангӯ шуд,
Хоки афсурдааш тагорӯ шуд.
Наъра шуд нолаҳову савти ҳазин,
Зираҳи дасти банда чини ҷабин.
Он ки шеъраш кунад ба ҷон кора,
Байте бар санги хокаш ангора.
Чист ин санг, санги ҳиммати мост,
Арзаи сарнавишти миллати мост.

Гарчи дорад сурудаҳои латиф,
Сода ҳамчун равони марди шариф,
Нарм чун пахтаҳои Вахши накӯ,
Гарм чун соҳати Ҳисори ӯ,
Чун Душанбеи тифлпарвари ӯ
Бӯи модар шамӣ зи дафтари ӯ,
Шеъри размандааш дигаргун аст,
Он агар шир бошад, ин хун аст.
Ному номусу ору нанг дар ӯст,
Даъвии Шарқ бар Фаранг дар ӯст.

Шеър бояд, ки шӯр ангезад,
Мурдагонро зи гӯр ангезад,
Ки раҳи бахти халқ бинмояд,
Гираҳи бахти халқ бикшояд…
Сода – носода шеъри ӯ ин аст,
Зиндагонист – тахлу ширин аст.
Гашта дар содагии мардум гум,
Шеъри ӯ сода нест,
эй мардум!

*Соли 1987*

## НАВРӮЗ

*(Дар ҳошияи тақвим)*

Наврӯз рӯзи хилқати Инсон аст,
Рӯзи кушудани дари кайҳон аст.
Рӯзи шукуфтани гули Хуршед аст,
Рӯзи таваллуди маҳи Обон аст.
Наврӯз рӯзи тантанаи уммед,
Наврӯз рӯзи рӯйиши имон аст.
Рӯзи фуруд омадани фарвар,
Рӯзи фароз омадани Ҷон аст.
Наврӯз рӯзу соати мисоқ аст,
Ёдовари нахустин паймон аст.
Наврӯз рӯзи шустани лавҳи дил
Аз нақшҳои ботили шайтон аст.
Донӣ, чаро ба суфраи наврӯзӣ
Ойина дар баробари Қуръон аст?
То ки ба рӯйи хеш назар созӣ,
Рӯйи ту низ мусҳафи Яздон аст.
Рӯзи фурӯғи ҷоми ҷаҳонбин аст,
Пайдоии нигини Сулаймон аст.
Шерозбанди маърифати Тӯрон,
Ойинаи тамаддуни Эрон аст.
Наврӯз рӯзи бастани Заҳҳок аст,
Рӯзи фирори галлаи девон аст.
Рӯзе, ки бод роиҳаи минуст,
Ҳар шоха хушку тар ҳама райҳон аст.
Рӯзе, ки бо сухан натавон нозид,
Рӯзе, ки обу хок ғазалхон аст.
Рӯзе, ки баршумурдани авродаш
Дилсӯзтар зи чомаи Ҳассон аст.
Гар кор бандӣ, ин ҳама тадбир аст
В-ар ноз ҷӯйӣ, он ҳама афсонаст.
Наврӯз рӯзи адлу сахову ҷуд,
Наврӯз ҳамсиришти мусулмон аст.
Ҳар чиз ки Худо написандад, нест,
Маҷмӯаи худойписандон аст.

Наврӯз рамзи давлати Сомонист,
Кори ҷаҳон аз он чу басомон аст.
Рӯзе, ки ҳар куҳан бишавад тоза,
Дар бостон таровати бустон аст.
Боғи Нишоти хуррами Кашмир аст,
Ҳар ҷой, ки шикаста биёбон аст…

* * *

Боз ой, эй фариштаи фаррухпай,
Боз ой, эй ки дар қадамат ҷон аст.
Боз ой, ки ситода ба сад уммед
Дар остонаи ту куҳистон аст.
Минои субҳу он шафақи рангин
Дар обгина лаъли Бадахшон аст.
Боз о ба даштҳои ҳазороняшт
Аз сабза сад саҳифаву девон аст.
Боз ову хуш хиром ба лоластон,
Ҳар лола як пиёлаи паймонаст.
Ранги дигар маҷӯй аз ин лола,
Якранг чун шаҳодати Нуъмон аст.
Ҷони ҷаҳон ба домани ту бастаст,
Имрӯз, ки ҷаҳон-т ба фармон аст.
Милоди ту валодати фарҳанг аст,
Оғози ту муқаддами Зарвон аст.
Рӯзи заволи салтанати зулмат,
Рӯзи ҷалоли Оли Хуросон аст.

*Феврали 2011*

## НАВРӮЗГОҲ

Ало Наврӯзи тақвими Ҷалолӣ,
Биё, бо он фару фархундафолӣ,
Дигаргун соз аҳволи башарро,
Бишӯй аз рӯйи гетӣ гарди шарро.
Ба бӯйи хок Одамро даво кун,
Дили моро ба раҳмат ошно кун.
Ба назме ки дар ӯ ҳаргиз халал нест,
Туро дар кори ин олам бадал нест.
Шукӯҳи Ҷоми Ҷам дар синаи туст,
Ҷабини офтоб ойинаи туст.
Майи боқӣ ту дар паймона дорӣ,
Зи фавҷи ахтарон парвона дорӣ,
Ки чун дар оташи ту пок сӯзанд,
Ба сӯзи нав ҷаҳонро барфурӯзанд.
Ало Наврӯзи тақвими Ҷалолӣ,
Ки пайки адлу рамзи эътидолӣ,
Сару сомони Сомонӣ ту дорӣ,
Зиҳӣ давлат, ҷаҳонбонӣ ту дорӣ.
Нишоти ҳикмати Хайём бо туст,
Ҳазор оғози хушфарҷом бо туст.
Сиёвушон зи домонат бирӯяд,
Шамимаш ҳикмати Сино бигӯяд.
Насимат сабз созад турбати Бурх,
Фурӯзад лолазорони Гули Сурх.
Гули Сурхе, ки Айнӣ ибтидо кард,
Душанберо Бухороошно кард.
Заминҳову замонҳо бо ҳам ояд,
Чу булбул паҳлавонӣ месарояд.
Ватан имрӯз чун Наврӯзгоҳ аст,
Қабои сабзаш аз меҳригиёҳ аст.

*Наврӯзи 2015*

# БУХОРО

***Гарчи дил чун санги хоро мекунад,***
***Ҷони мо азми Бухоро мекунад.***
***(Мавлоно)***

Гарчи беш аз ҳазор сол гузашт
Аз хазони баҳори Сомонӣ,
Гар ба тоҷик меравад ситаме
То кунун дар Бухори Сомонӣ,

Номаи додро ба лафзи дарӣ
Мебарад бар мазори Сомонӣ.
Чун дари доди ҷовидонии ӯст
Турбати нурбори Сомонӣ.

* * *

Касеро дил аз санги хоро набошад,
Даме бе хаёли Бухоро набошад,
Гар андешае аз мудоро набошад,
Ҷаҳон бе Бухоро гуворо набошад.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Бухоро, ту ҳамному ҳамнанги моӣ,
Ту маҳди баруманди фарҳанги моӣ,
Сиёвахшгирду Дижи Ганги моӣ,[1]
Шукӯҳофарин тоҷу авранги моӣ.

---

1 Сиёвахшгирд, Сиёвушгирд - шаҳрест, ки Сиёвуш дар хоки Турон обод карда буд ва бо таваҷҷуҳ ба ахбори «Таърихи Бухоро», ки мардуми ин шаҳр сӯги Сиёвушро то даврони ислом барпо медоштанд, метавон ҳадс зад, ки ин шаҳр бе нисбате ба Бухоро нест. Ҳамчунин дувумин шаҳре, ки Сиёвуш дар Турон обод карда буд, Гангдиж ном дошт ва ин ном дар фарҳангҳои куҳан ба шаҳри Чоч, яъне Тошканди имрӯзӣ нисбат дода мешавад.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Кучҷо тоҷике ҳаст бешак бухорист,
Агар ӯ самарқандию гар ҳисорист,
Хуҷандию хатлӣ, бадахшӣ, тахорист,
Ҳиротию кашмирию сабзворист.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Зи хоки ту хуршеди Сино шукуфта,
Ду Исмоил андар канори ту хуфта,[1]
Худои сухан дурри мадҳи ту суфта,[2]
Ба ҳар зарра хокат ҷаҳоне нуҳуфта.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Шунидам: фаришта чу гардад назора,
Бубинад туро дар замин чун ситора.
Нагирам ман ин ҳарфро истиора,
Ки ғарқ аст дар нури ту бурҷу бора.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Ту чун нур будӣ, ту чун нур ҳастӣ,
Сабук аз лагадкӯби ғосиб биҷастӣ,
Чу дайҳими рахшон ба фарқаш нишастӣ,
Хирад додию ҷаҳли ӯро шикастӣ.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

---

1 Ду Исмоил – Исмоили Сомонӣ ва Исмоили Бухорӣ, соҳиби «Саҳеҳ».
2 Манзур – Одамушшуаро Рӯдакӣ.

Гар аз Бесутун шӯри эҷод дорем,
В-агар тешаи азми Фарҳод дорем,
Зи Бағдоди Сосониён ёд дорем,
Ҳамон беҳ, ки ёди туро шод дорем.[1]

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Савори зарандуда – хуршеди тобон
Бигардад паи паҳнаҳои Хуросон,
Зи меҳри Бухорош чун Насри Сомон
Биронад ба Ҷайҳун чунон Нӯҳ осон.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

Ман он мунтазир Мунтасир аз чи дерам,[2]
Ки рӯзе зи домони покат бигирам,
Ҷаҳоне ба сар гар биборанд тирам,
Туро ҷовидон посдорам, намирам.

Бухоро, Бухоро, Бухоро, Бухоро,
Чу тӯмори меҳр аст ёди ту моро.

*Соли 2000*

---

1 Устод Рудакӣ фармуда: «Имрӯз ба ҳар ҳоле Бағдод Бухорост».
2 Мунтасир – Охирин намояндаи хонадони Сомониён, ки барои барқарории салтанати Сомониён талош мекард.

## ДИЛНОМА

Дили ман, Дулдули ман, Рахши ман, Шабдизи ҷони ман,
Ба майдон жандапили ман, ба каф гурзи гарони ман.

Гузаштам бо ту оташро, буридам бо ту дарёро,
Самандарфитрати ман, ҳам наҳанги хунфишони ман.

Ту будӣ зодбуди ман, ту будӣ ёдбуди ман,
Макони ман, замони ман, диёри ман, ҷаҳони ман.

Ҳамора бар ту буд рӯи намози ман, ниёзи ман,
Куништу дайру масҷид, ҳам хароботи муғони ман.

Ба хунат ғусл додам аз касофатҳои ин дунё,
Ҳарифи покбози ман, муриди покҷони ман.

Дарозат бод умр, эй дил, ки дар ин роҳи бепоён
Набошад ҷуз ту дигар раҳнамои корвони ман.

Гарам зулмат фурӯ печид, раҳ ҷустам ба домонат,
Зиҳӣ, эй офтоби беғуруби осмони ман.

Баланду пастро ҳамдасту ҳамдастон бипаймудем,
Гаҳе дар осмони ту, гаҳе дар остони ман.

Туро хунгиряҳо фармудаам, то хандарӯ бошам,
Маро маъзур дор, эй дил, ба рағми душманони ман.

Замоне ки ҳама ганҷи маро ғоратгарон бурданд,
Ҳаросон даст бурдам сӯи ту, ганҷи ниҳони ман.

Тапидӣ зери дастам, к-андар ин ҷоям, дар ин ҷоям,
Зи нав гул кард умеди ман, зи нав пур шуд ҷаҳони ман.

Шукӯҳи хусравим омад, ки дар каф Ҷоми Ҷам дорам,
Навои Борбад омад чу ганҷи шойгони ман.

Зи Албурзи вуҷуди ман садои наъли Рахш омад,
Нидо омад, ки меояд ба гоҳи нав каёни ман.

Замоне, ки забонам дар даҳан чун лола мепажмурд,
Ҳам аз хунобёрат тоза бишкуфт ин забони ман.

Замоне, ки зи ҳастинома номам бенишон мешуд,
Ту дар худ гум задӣ ногоҳу пайдо шуд ниҳони ман.

Даме, ки дӯстонам сояҳои душманонам буд,
Дурахшидӣ чу барқе бар самои дӯстони ман.

«Ҳалолат бод, эй дил, ҳар замон, эй дил, ҳалолат бод»,[1]
Наваштӣ Ҳафтхонро то навиштӣ достони ман.

*Соли 1989*

## ШАҲРИ ХУРШЕД

***Фикри рангинам кунад назри тиҳидастони Шарқ***
***Пораи лаъле, ки дорам аз Бадахшони шумо. (Иқбол)***

Шаҳри Хуршед[2] ҳамон рамзи Хуросони шумост,
Ҷоми Ҷам навбате аз гардиши ирфони шумост.
Ҳаст дар хотами айём хутути дигаре,
Хизри Наврӯз ба тадбир Сулаймони шумост.
Хати равшан зи лаби сурхи шафақ мечӯшад,
Ин табассум асари толеъи даврони шумост.
Синаи софи шумо макмани Синои шумо,
Бӯи райҳони шумо худ Абирайҳони шумост.
Нарм печида ба дасторчаи меҳри азал:
Дили раҳмини шумо нусхаи Қуръони шумост.
Ҳеч кас салтанати Ҷам зи шумо вонаситад:
Ишқу ирфони шумо ҳаст, ки Эрони шумост.
Санги куҳсори шумо хотами ҳикмат дорад,
Лахш[3] то Вахш ҳама ҷилваи яздони шумост.

---

1 Мисраъ аз Лоиқ Шералӣ
2 Шаҳри Хуршед – унвони урупоии «Мадинаи фозила» (Хирадшаҳр), ва дар истилоҳи «Ҳафт иқлим» хуршед ба Хуросон ихтисос меёбад.
3 Номи яке аз маҳалҳои Тоҷикистон ва номи фариштагони боварҳои

То набастед ба ҳам шаҳпари парвози хирад,
Кунҷи Юмгони шумо соҳати Юнони шумост.
Эй ки аз нури шумо чашми маро биноист,
Ҷигарам порае аз лаъли Бадахшони шумост.

**Чун барам қатра бар он қавм, ки Кавсар дорад,**
**Чӣ кунад ҳарфи маро, он ки Паямбар дорад?!**

* * *

Эй азизон, зи сари ғуссаи ҷон бархезед,
Ба яқин аз паси зонуи гумон бархезед.
Эй шумо ховариён, ҳурмати Шамсулҳақро
Ба закову хиради Бохтарон бархезед.
Ҳамчу хуршед, ки аз шонаи куҳ бархезад,
Зи сари турбати поки падарон бархезед.
Дида буд аз паси пероршабон субҳи шумо
Он бифармуда, ки «аз хоби гарон бархезед».
Сабзаи мазраъаи боғи биҳиштед шумо
Аз лагадкӯби ҳавои ҳаявон бархезед.
Ба шароре, ки бувад ақл камин партави ӯ,
Аз таҳи хору хаси суду зиён бархезед.

**Дили афрӯхтаву гардани афрохта беҳ**
**Пари шоҳине аз ин сад рамаи фохта беҳ**.

* * *

Нашъае ҳаст дар ин соғари саршор ҳанӯз,
Афканад гарчи дар он заҳр басе мор ҳанӯз.
Чанд даври сари шӯридаи худ мегардем,
Ҳаст роҳе паси ин гунбади даввор ҳанӯз.
Рафт Исо ба фалак, лек ба он кини куҳан
Мекашандаш, ки кушандаш ба сари дор ҳанӯз.
Ба фалак беш маёвез, биёвез ба худ,
Ҷуръа мехоҳӣ аз ин ҷоми нигунсор ҳанӯз?

---

бостонӣ, ба ин ном ҳамчунин дарёи муқаддасе дар Ҳинд ҳаст.

Чун табибе, ки хиҷолат будаш аз аҳли мазор,
Шарм меоядам аз «дафтари ашъор» ҳанӯз.

**Аз сухан гӯши ҷаҳон кар шуда, коре бояд,**
**Таҳи ин хирмани фарсуда шароре бояд.**

* * *

Кист ғамхори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Чашми бедори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Кист то бигзарад аз пайкари худ, то бидамад
Ҷон ба пайкори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Порае масти ғанояндy дигар маҳви фано,
Кист ҳушёри Ватан – гар на ту бошию на ман?
Кист, то санг агар нест, сари худ биниҳад
Пойи девори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Тан ба хорӣ кӣ диҳад, то наканад дасти адӯ
Гул зи гулзори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Манязидест,[1] ки бо қимати ҷон анҷомад,
Ку харидори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Банди мафтули маҳалро кӣ ба дандон канад аз
Тани афгори Ватан – гар на ту бошию на ман?
Фарз кардем, ки тоҷик таҳаммул накунем,
Кист тотори Ватан – гар на ту бошию на ман?

**Доварон, ки ба сухан появу пуштанд туро,**
**Мекушандат ба гуноҳе, ки накуштанд туро?**

* * *

Зи куҷо омадаам, боз куҷо хоҳам рафт?
Зи Худо омадаам, сӯи Худо хоҳам рафт.[2]
Пок аз кинаву тазвиру риё омадаам,
Пок аз кинаву тазвиру риё хоҳам рафт.
Нест дар рафтани ман ҳеч нишоне зи адам,
Аз шумо чун биравам, сӯи шумо хоҳам рафт.

---

1 Манязид – Савдои «кӣ зиёд», музояда, ауксион.
2 Мо баростӣ аз они Худоем ва ба сӯи Ӯ бозгарданда. (Қуръони карим)

Нарму оҳиставу хомӯш бубинӣ саҳаре,
Зи кафи дасти ту чун ранги ҳано хоҳам рафт.
Гарчи аз чарх ҳама санги ҷафо меборад,
Ба кафам шишаи номуси вафо хоҳам рафт.
То шифои дили бемори ту хоҳам зи Худо,
Зи лаби гарми табат мисли дуъо хоҳам рафт.
Кӯҳи сангинаму бар зоҳири ман ғарра машав,
Ки зи як вожаи беҷой зи ҷо хоҳам рафт.

**Сӯи ту боз чу Хуршеди саҳар меоям,**
**Гар ба по рафтам аз ин хок, ба сар меоям.**

* * *

Гавҳари хотири ту ҳусни назар металабад,
Орзуи дили ту умри дигар металабад.
Хуш бирон, эй дилу вопас манигар, баҳри Худо!
По бар он ҷода ниҳодем, ки сар металабад.
Ба ду-се қатраи ашке, ки фишондӣ ту маноз:
Ҳинди ин маърака ҳам лахти ҷигар металабад.
Рӯзгоре ки таҳи хирқа зираҳ мебанданд,
Аз ғазолони ҳарам зайғами нар металабад.
Гуфтамаш: накди дилу ҷон ба ватан додаму ҳеч
Хотираш шод нашуд, гуфт: ҳунар металабад.
Дурди талхи талаб он нӯши равони ману туст,
Нест аз ҷиргаи мо, он ки шакар металабад.

**Хирад афрӯз, ки аз зарра сурайё талабем,**
**Дар дили қатра фурӯ рафтаву дарё талабем.**

* * *

Ба ҳама пок, саро то ба Сурайё, савганд,
Ба дурахши абади ҳикмати асмо савганд.
Ба нахустин қадами Ҳазрати Одам дар хок,
Ба суъуди фалаковези Масеҳо савганд.

«Гавҳаре к-аз садафи кавну макон берун аст»,[1]
Дар дили туст, ба он доғи сувайдо савганд.
Ба ҳамон мӯри заифе, ки ба ваҳйи азалӣ
Меканад лонаи худ дар тани хоро, савганд.
Ба ҳамон мушти паре, ки наҳаросад зи наҳанг,
Мекашад рӯзии худ аз дили дарё, савганд.
Ба шаҳомоти шаҳе, к-аз сари ҳиммат фармуд
Манам он бораву девори Бухоро, савганд,

**Шаҳкалиди дари бахти ту ҷуз ангушти ту нест,**
**Ҳунаре нест, ки дар бозуву дар мушти ту нест.**

* * *

Ту ҳамонӣ, ки баҳои ту баҳор асту биҳишт,
На абулҳавл зи сангу на абарбурҷ зи хишт.
Омадӣ, то ҳама ҷо зишт наку гардонӣ
На паи он, ки накуро бикунӣ зишт, палишт.
Ихтиёри ману ту бар сари як ҳарф ниҳод,
Метавон «кушт» бихонем, вале кардам «кишт».
Марҳабо, зинати Фирдавс, ки нозид Худой
Ба фаришта, чу гилатро ба хирад пок сиришт.
Кеҳтаронанд туро ҷумла ҷаҳон, меҳтар ту,
То ба Хуршеду ба Маҳшед туро кард маҳишт.[2]
Тӯшаву нӯшаи ман аз ду ҷаҳон меҳри ту бод,
То нависанда ба лавҳи азал ин ҳукм навишт.

**Ту ҳамонӣ, ки ҷаҳон баҳри ту оростаанд,**
**Аз ҷаҳон в-аз ту ҳам он асли туро хостаанд.**

* * *

Бидеҳ он қадр амон, тирашаби аҳраманӣ,
То ман аз сӯфи саҳар таъбия созам кафане.
Ҳанзало,[3] чанд ба хамёзаи туҳмат бидарӣ,
Дур аз чашми каҷат сархушам аз настаране.
Бин, чи мондаст зи ҳангомаи хомӯши хазон:

1 Аз Хоҷа Ҳофиз.
2 Маҳишт – меҳтар, бузургтар.
3 Ҳанзал – кабаст, харбузаи Абӯҷаҳл.

«Сухане аз даҳане? Ё сумане аз чамане?».
Каҷхиёлист, ки моро ба чунин рӯз нишонд,
Варна кай каждумаке кард ба мо каждаҳанӣ.
Дили ман бар сари паймони абад меларзад,
Эй ки уммеди ману гавҳари имони манӣ.
Ёд дорӣ, ба ту он ёри дилозор чи гуфт,
То ки аз роҳи ҳавас тӯри вафояш натанӣ:
Мо ки аз як нафаси бо ту будан ранҷурем,
Офарин бар ту, ки якумр ту бо хештанӣ.

**Хешро бош, ки чун ту на касеро на марост,**
**Ба худ о, ки ба худӣ мерасад онро ки худост.**

* * *

Ин ҳама валвалаву шӯру дағо мегузарад,
Гармии мазҳакаи шоҳу гадо мегузарад.
Адаб аст он чи ба ганҷури абад мемонад
Носазо – гарчи чу теғ аз дили мо – мегузарад.
Ин ҳама мегузарад, лек дареғо ки ба умр,
Чист бе пораи умр аз бари мо мегузарад?
Чист ин ганҷи гаронро нарубояд аз мо?
Кист он дузд, ки аз райбу рубо мегузарад?
Бас ҷафо ҳаст, вале то ғами ту дар дили мост,
Боқӣ мемонад ин нобу ҷуфо[1] мегузарад.

**Ман барои ту ҷаҳон аз ду ҷаҳон мегузарам,**
**Гар на дар ҷони манӣ, аз сари ҷон мегузарам.**

* * *

Хуррам он лаҳза, ки чашми хирадат боз шавад,
Мижаи ашкфишорат пари парвоз шавад.
Машъале сар занад аз санги дили навмедат,
Фарди анҷоми туро матлаъи оғоз шавад.
Ҳама ҳазёни ту дар оташи ғайрат сӯзад,
В-он хунук нози хироми ту ҷунунтоз шавад.

1 Ҷуфо (ғайри «ҷафо») – ғиллу ғаш ва хасу хошоки рӯи об ва ҳар зулоли дигаре.

Асаре буд агар тарбияти ҳодисаро,
Ҷои он буд, ки хаффоши ту шаҳбоз шавад.
Оташи Тур бибояд, на тафу тови танӯр,
На ки хаббоз[1] ҳама Ҳофизи Шероз шавад.
Мон, бибанданд ба рӯят ҳама дарҳои ҷаҳон,
Як даре ҳаст, ки бо дасти дигар боз шавад.
Офтобе, ки фурӯ рафт ба дарёи абад,
Субҳи мавъуди дигар шаъшаъапардоз шавад.

**Лолаҳое, ки сар аз хоки шаҳидон задаанд,**
**Ба сари марг чи зебо гули имон задаанд.**

* * *

Соқиё, сахми маро бодаи ҳушёр бидеҳ,
Мояи офият аз ҷаҳли ҷигархор бидеҳ.
Дил ба ёр оинасон, даст ба кор обиласой,
Шони ин хилватиён сатвати аҳрор бидеҳ.
То бинозем ба ҳамрангии чашмони шафақ,
Шаб дароз аст, маро дидаи бедор бидеҳ.
Гарчи имрӯз ба сад лаҳҷа сухан мегӯям,
Андар он рӯз маро қуввати гуфтор бидеҳ.
Ғайри хуни дили ман ранги шиори ту мабод,
Ба шамими суханам нашъаи Аттор бидеҳ.[2]
Беҳ зи шоҳист гадоии каҳ аз Дӯст, вале
Кӯҳро лоиқи Фарҳод ба исор бидеҳ.[3]
Бошад аз таънаи ин мардуми чашмон бираҳам,
Ҳаққи Додор, маро ваъдаи дидор бидеҳ.

**Шаҳри Хуршеди туро нури Худо озин бод,**
**Субҳи иқболи туро хуни дилам кобин бод.**

*Соли2006*

---

1 Хаббоз - нонво
2 Ишора ба фахрияи Шайх Аттор, ки бо нозиш ба сидқу ихлоси худ сурудааст: «Маро з-ин шоирӣ худ ор н-ояд, Ки дар сад қарн як Аттор н-ояд».
3 Бар тибқи ривоят Парвиз дар мусобиқа бо Фарҳод тарҳи ҷӯе бо коҳ дуруст кард, ки дар рӯшноии моҳтоб аз дур ба назар оби равон мерасид.

## ГУФТУГӮ БО ПАЙКАРАИ ПАРДАПӮШИ ҲАКИМ ФИРДАВСӢ[1]

– Бузург устодо! Итобат зи чист?
Ниҳон рӯйи чун офтобат зи чист?
Чаро чодари ғам ба сар кардаӣ,
Магар ёди марги писар кардаӣ?
Ҳамон «ҳамраҳони ҷавон ёфта»,
Ки аз ту «чунон зуд биштофта».[2]

– На, ки бо писар рост шуд кори мо,
Ҳамакнун ба минуст дидори мо.
Худованд ҷони маро дар биҳишт
Ба ороми ҷони ҷавонам сиришт.
Дилам шод шуд ҳам зи Эрону Тус,
Ки шуд арғавон он рухи сандарус.
Ба пушти дари сахти меҳан чӣ бок,
Саги душманон гар занад ҷок-ҷок.
Ҳамоно ғами ман аз ин кишвар аст,
Ки дар дидаи ҷони ман гавҳар аст.
Замине, ки оғози Эрон будӣ,
Сарои радону далерон будӣ,
Бар ӯ дасти душман ҳанӯз охта,
Басе деву дад анҷуман сохта.

---

1 Ин шеър сентябри 1992 дар матбуот чоп шуда буд. Шеър дар эътироз нисбат ба бархурди мақомоти вақт ба пайкараи Фирдавсӣ навишта шудааст, ки дар он сол сохта ибтидо дар майдони марказии Душанбе ба ҷои ҳайкали Ленин насб ва пас аз муддате кӯтоҳ аз он ҷо бардошта, дар зеризаминӣ пушти панҷарае гузошта (гӯё зиндон) шуд. Боз баъд аз чанд муддат дар майдони марказӣ ба ҳамон пояи пайкараи собиқи Ленин баргардонда шуд ва чанд рӯз қабл аз ифтитоҳи расмӣ зери парда буд. Мурочиат ба пайкара дар ҳамин вазъи зери парда қарор доштани он сурат гирифтааст. Чунин бархурдҳо бо ин пайкара рӯшанфикрони тоҷикро хеле ба ҳаяҷон оварда буд. Барои пайдо кардани ин шеър аз устод Валӣ Самад сипосгузорам.

2 Абулқосими Фирдавсӣ дар сӯги писари ҷавонмаргаш гуфта:
Магар ҳамраҳони ҷавон ёфтӣ?
Ки аз ман чунин зуд биштофтӣ.

Фишонда ба ҳар барз тухми бадӣ,
Фурӯ хуфта он фарраи эзадӣ.
Ҳар он кас ки ин ҷо ба Яздон гувост,
Ба озурданаш пушт карданд рост.
«Ниҳон гашт ойини фарзонагон,
Пароканда шуд номи девонагон.
Ҳунар хор шуд, ҷодувӣ арҷманд,
Ниҳон ростӣ, ошкоро газанд.
Шуда бар бадӣ дасти девон дароз,
Зи некӣ намонда сухан ҷуз ба роз.»[1]
Чунон Аҳраман фитна ангехта,
Писар бар падар теғ оҳехта.
Бародар ба хуни бародар далер,
На озарми кӯдак, на озарми пир.
Гилам хони яғмои туркон шуда,
Дилам дашти ғавғои гургон шуда.
Чу Шаҳномаро хонд Маҳмуди турк,
Барошуфт бар ман чу бар меш гург.
Бифармуд, к-инро ба зиндон кашед,
Таҳи пойи он жандапилон кашед.
Зи фармони ӯ банда сар тофтам,
Ба фармони Додор биштофтам.
Ҷаҳон то ҷаҳон аст, Шаҳнома ҳаст,
Наёрад аз он нанг Маҳмуд раст.
Нигар, нанги Маҳмуд аз нанги ӯй,
Дигар ном ҷӯяд ба оҳанги ӯй.
Ҳамин колбадро ба зиндон нишонд,
Чунон хор карду ба майдон нишонд.
Магар мис ҳамон базли Маҳмуд буд,
Ки он мис аз ишон баромад чи зуд.[2]
Ҷаҳоно, чаро хор дорӣ маро,
Ба бозии кеҳон гуморӣ маро.
Ало осмоно, аз ин ҳамсарӣ,
Ба ман рашк орию кундоварӣ?!

---

1 Аз достони Заҳҳок
2 Ишора ба он ривояти машҳур, ки Маҳмуди Ғазнавӣ дар баҳои «Шоҳнома» ба Ҳаким Фирдавсӣ чанд тангаи мис дод ва пайкараи мазкури Фирдавсӣ низ аз мис сохта шудааст.

Магар дод бар Додгустар барам
В-аз ин хокдон номи худ бистурам!?
– Бузург устодо! Дар ин киштзор
Зи номи ту рӯйида хуррамбаҳор,
Шукӯҳи чаманзори мо номи туст,
Дили хаста шодоб аз ҷоми туст.
Нишони бузургию меҳӣ туӣ,
Ҳамон ёди даврони беҳӣ туӣ.
Ту монои хуршедию мо гиёҳ,
Биболем, чун зӣ ту ҷӯем роҳ.
Ҳар он кас ки бар ту кунад ҳамсарӣ,
Ҳамӯ хор гардад дар ин доварӣ.
Чу фардо шавад анҷуман пеши ту,
Набинад касе хасми бадкеши ту.
Ҳама чашми ҷон бар ту бигмошта,
Шавад парда з-он чеҳра бардошта.
Фитад парда бар рӯйи бадкорҳо,
Ба рӯйи ғаму ранҷу озорҳо.
Биболад Душанбе ба дидори ту
Чу фарзанди пазмони ғамхори ту.
Вуҷуди ту чун парчами Ковиён
Ба фарқи Душанбе бувад ҷовидон

*30.08.1992*

## КАБКИ ДАРӢ

**(Ба илҳом аз акси зебои кабке, ки аз Сурхондарё дар фазои интернет гузошта буданд ва чун ин байтро дар зераш навиштам, посух омад, ки: “На танҳо ёд дорем, бароят ҷон супорем!”)**

Туро аз даштҳо бар кӯҳ ронданд,
Зи куҳ дар коми сад домат кашонданд.
Калоғу каргасу калмурғу калход
Ҳама гаштанд бо ту душмани ҳод.
Навоят дар гулу печиду хун гашт,
Ва хунат чун Сиёваш рехт дар дашт.
Чи таште, ки чу дар хокаш нишонданд,
Зи лола бар ҷаҳон оташ фишонданд.

Ало кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Чу соқӣ чашми масти маст дорӣ,
Ду абрӯи ба ҳам пайваст дорӣ.
Ҳинои пойи ту дорад шаҳодат,
Шафақ будаст сархайли нажодат.
Саҳархезон ба ту ихлос доранд,
Ба ёдат кӯҳҳоро пос доранд.
Туву оҳуи кӯҳӣ ҳамтаборед,
Ду саргардон зи ёрон ёдгоред.

Ало кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Ба Файзободу Дашти Кабкрезаш,
Бубинӣ резиши кабку гурезаш.
Ба ёд ояд туро паҳнои таърих,
Ҳумоюнахтареву наҳси Миррих.

Гузар созӣ ба Дашти Ҷонварсӯз,
Ба ёд ояд навоҳои ҷигарсӯз.
Ба ҳар водист аз ту ёдгоре,
Чу солик дар тариқат устуворӣ.

Ало кабки дарӣ фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Нишоне аз бути Фархор дорӣ,
Чу оҳуи бухорӣ ёр дорӣ.
Туро дар кӯҳи Сурхон дида будам,
Зи аҳволи дилат пурсида будам.
Ту бо алҳони фарғонӣ сурудӣ,
Бидонистам, ҳамон ҳастӣ, ки будӣ.
Басо бигзашт бар он рӯзгорон,
Ба тундӣ мисли тири ҷоншикорон.

Ало, кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Ту аз санги Бадахшон ранг бурдӣ,
Басо, ки ҷойи гандум санг хурдӣ.
Зи Балхи Бомиён омад паёмат,
Ки гардун тир меборад ба бомат.
Туро бими уқоби тезпар нест,
Зи теғи асри кайҳонат сипар нест.
Навоят лахти хун гардад, аҷаб не,
Ки ғам сад кӯҳу як барги тараб не.

Ало, кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Туро дар хуни ту оғушт хоҳанд,
Ту ҷони поку аз ту гӯшт хоҳанд.
Дарои рӯзгорон қақбаи туст,
Раҳи ин корвон аз ағбаи туст.

Чу ёд орам зи “кабкони беозор”,[1]
Манучеҳрӣ падид ояд ба гуфтор.
Ту дар шеъри дарӣ нақши нигинӣ,
Ба сурат, ҳам ба маънӣ дилнишинӣ.

Ало, кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Агарчи порсову гӯшагирӣ,
Агарчи содаву равшанзамирӣ.
Забони ту забони ошноист,
Навои ту ба лаҳни ориёист,
Агарчи чун бародар бо кабӯтар
Шудастӣ сулҳро пайку паямбар,
Вале ҳамвора чархи ҷангандоз
Туро бар ҷанг водорад ба анбоз.

Ало, кабки дарӣ, фарёд дорӣ?
Забони модариро ёд дорӣ?

Чу бишниданд кабкон ин хитобам,
Садо карданд аз ҳар кӯ ҷавобам.
Зи Балху Кобулу Табрезу Кашмир,
Кӯҳистони Ҳимолиёву Помир.
Ҳироту Зобулистону Сиистон,
Зи Ҳинду Кошғар, паҳнои Олон.
Зи Вахшу аз Ҳисору аз Бадахшон,
Зи Суғду аз Қаротегину Хатлон.
Бухорову Самарқанду зи Хоразм...
Фузунтар з-ончи меояд дар ин назм,
Ки бо Симурғи ваҳдат ҳамшиорем,
Амонатро ҳамеша пос дорем.

Зиҳӣ, кабки дарӣ, фарёд дорӣ!
Забони модариро ёд дорӣ!

---

1 Ишора ба шеъри Манучеҳрии Домғонӣ:
Кабкони беозор, ки бар кӯҳи баланданд,
Бе қаҳқаҳа як бор надидам, ки биханданд...

## ПАЙМОН

Сипаҳсолор Аҳмадшоҳи Масъуд
Кулоҳ аз сар ба хок афканду фармуд:
«Ба номи он, ки ҷони Аҳмад аз ӯст,
Бақои дудмони Аҳмад аз ӯст,
Агар рӯзе зи хоки меҳани ман
Бимонад ин қадар бе қайди душман,
Бияфшорам бар он чун Бесутун пой,
Наҷунбам, гар ҷаҳоне ҷунбад аз ҷой,
Пайи озодии меҳан биҷангам
В-агар аз хуни дил созанд рангам.»

Сипоҳе чашм сӯйи он кулаҳ буд,
Ки рӯйи хок мисли қурси маҳ буд…
Сипас он яккашери панҷшерӣ,
Шаҳиди сидқ, устоди далерӣ
Ба таъзиме кулоҳ аз хок бардошт,
Ватанро гӯиё бар фарқ бигзошт.

* * *

Уқобе, ки бар осмон мурдааст,
Чӣ донад, ки дар хок афсурдааст.
Чӣ донад, ки бар устухонаш басе,
Кунад тез минқори худ каргасе.
Танаш норасида бар ин хокдон,
Гузаштаст рӯҳаш зи ҳафт осмон.

*Соли 2012*

# ШЕЪРИ НАВ
***(арӯзи нав, сапед)***

## ҚОНУНИ ЗАБОН

***(Дар даҳ моддаи манзум ба истиқболи тарҳи нави «Қонуни забони давлатӣ»)***

1

Рост гуфтан.
Рост парвардан.
Ростиро аввалин меъёр кардан.
Вожаро аз банду зиндони дурӯғу ҳарзагӯӣ
ворахонидан.
Ҳурмати гуфторро
Пайкор кардан,
Кор кардан.

2

Ин забони офаринбунён
Забони фаҳшу нафрин нест.
Порсӣ, яъне
Забони қудсиёни арши покӣ, порсоист.
Қиматӣ дурри дарӣ
Гавҳари дарёи ирфон аст.
Вожаҳои аҳриманхӯро ҳамебояд
Аз аҳуроӣ ҳарими ҳурмати он тард кардан,
Чеҳраи маъсуми онро пок аз ин гард кардан.

3

Ин забони осмонист,
Нардбони осмон аст,
Паллаҳои ояталкурсист,
Мояи рушду таъолист,
Шаҳпари андешаи олист.
Хуни озодӣ бичӯшад дар раги ҳар вожаи нобаш,
Ҷовидон аз оби озодӣ бибояд дошт шодобаш.

4

Нест оби рӯдҳои мо фаромарзӣ,
Лек дарёи забони мо фаромарзист.
Пои онро бояд аз садди хати сунъӣ раҳо кардан,
Чашмаҳои саргаҳашро
Боз бо шаҳрӯдҳои ҳамравонӣ ошно кардан,
Чун наҳангони қадими хеш
Сӯи укёнуси афкори башар озод,
босалобат
Ошино кардан.

5

Бояд ин бовар ба дилҳо устувор ояд,
К-ин забони мо забони сулҳу ҳам ҷанг аст.
Сулҳ бо аҳли башар – бешарр
Ҷанг бо аҳремани найранг.
Ҳам забони дину ҳам фарҳанг,
Ҳам забони шеър, ҳам оҳанг,
Ҳам забони шишаву ҳам санг,
Ҳам забони илму ҳам фан,
Ҳам забони сурб, ҳам оҳан.
Пайкаре ҳаргиз набуда низ ин гардуни гардонро,
То қабои тоҷикӣ кӯтоҳ ояд қомати онро.

6

Шоири мо аз фарози қуллаи андеша гарчанде
ҳамефармуд:
«Эй басо маъно, ки аз номаҳрамиҳои забон,
Бо ҳама шӯхӣ муқими пардаҳои роз монд».[1]
Аз замони Рӯдакӣ то аҳди Халлоқулмаонӣ, низ то
имрӯз
Тоҷикӣ мифтоҳи заррини ҳазорон роз гардидаст,
Аз садои пои ҳар ҳарфаш дари кохи муаммо боз
гардидаст.
Бояд ин мифтоҳи заррин даркушои ҷовидон
бошад,
Аз муаммогунаандешию печидабаёнӣ дар амон
бошад.

---

1 Байти халлоқулмаонӣ Бедил.

7

Тоҷикӣ ё форсӣ, ё ки дарӣ, ё…
Гар дусад номи дигар бар ин забон бинҳанд,
Бояд онро як забон донист,
«Оби Рукнобод»-ро шохоби «Ҷӯи Мӯлиён» донист,
Камтар аз инро
Зиён донист.

8

Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Шаҳрванди Тоҷикистонанд.
Бояд аз аҳволи онон бохабар буд,
То ба зиндони фаромӯшӣ наяфтанд,
То амон бошанд аз табъизу аз таҳриф.
Бояд онҳоро сафири ошноӣ кард,
Зеҳнҳоро рӯшноӣ кард:
Шарҳ бояд дод, ки «қочоқ» аз мо нест,
Ҳамчуноне истилоҳи шуми «террорист».
Вожаҳои тоҷикӣ дар ҳар забони дигари дунё
Қосиди фарҳангу дониш,
Пайки эъморанду ободӣ
Бо фурӯғи ҳуши Синоӣ,
Бо сиришти поки Фарҳодӣ.

9

Рӯи ҳар бому даре, ки парчами мо насб мегардад,
Зери он бом,
Пушти он дар
Кадхудоӣ бо забони тоҷикӣ бошад.
Парчами мо бо забони мо яке бошад.

10

Ҳар касе дар паҳнаи гетӣ
Бо забони модарии мо сухан гӯяд,
Ҳамдилу ҳамсарнавишту ҳамравони мост,
Остонаш остони мо,
Осмонаш осмони мост,
Баски фарзанди азизи Тоҷикистон аст,
Шаҳрванди ифтихории Хуросон аст.[1]

***Душанбе, 25 сентябри 2009***

---

1 Манзур Хуросони куҳанбунёд – тамоми қаламрави фарҳанг ва забони тоҷикӣ, форсӣ, дарӣ.

## ТАБАРРО

Алҳазар!
Носипос нестам,
Ҳар нигоҳи ман
бар гулу гиёҳи ин ватан
Панҷаи навозиш аст,
Орзуи рӯзгори хуррами варо
Ҳар нафас маро тоза як ниёиш аст.

Шаб ки мешавад, чароғҳои шаҳр
Дар фазои хотирам шиноваранд,
То дамидани сапедаи саҳар
Зиндадори боваранд.

Шукр мекунам
Чор барги солро,
Пар чу мекашанд аз фарози шаҳчанори
рӯзгор,
Норасида то замин
Яке
Мешавад баҳор,
Бе ғубор.

Носипос нестам,
Ламс мекунам набзи шаҳррӯдро.
Мадду ҷазри ӯ аз дилам убур мекунад.
Рағзаҳои обҳо дар танаш чу танг мешавад,
Рӯй мезанад ба дидаам аз канори он
Санги тозае
Чун сари мусофири зи ёд рафтае,
мешавад аён.

Шукр мекунам
Маъдани тамомнопазири санги сабрро,
Санги қиматитар аз лаълу лоҷвардро,
Кимиёи ҷумла дардро.

Аз хати ҷабини симгардҳои[1] пири шаҳр
Саргузашти ин ҷамоаи канори роҳро
Сатр-сатр мекунам мурур.
Заҷҷаҳои[2] симгардҳои пири шаҳр бар ман
ошност,
Симгардҳои босалобату сабур.

Шукр мекунам,
Ки теғи соати қадими шаҳр
То ҳанӯз
Бар гулуи умри ман наёмадаст,
Зери пойи хотироти шоиронаам,
Ҳар қадар ки меравам, меравам, меравам…
роҳ ҳаст.

Шукри ман давоми орӯғи нушхор нест,
Шукри ман чу шикра[3] аз фарози бурҷи
бениёзиям
Бол боз мекунад,
Бо ҷамоъати дарахтҳо
истодаву намоз мекунад.
Субҳ бо навори нури офтоб нашр мешавад,
Медурахшад аз нигоҳи шабнами саҳар…

Бо салом, бо сипоси чун насим
Хӯшаҳои ғаллазорро мавҷ додаам.
Шукри ман наъра нест, ҷор нест,
Хуни ҷорияст дар сурудаҳои содаам.

Шукр мекунам
Сурфаҳои рамзии баҳорро
Аз варои қуллаҳои ҷовидона барфпӯш,
Дар фазои нилии умед
Эҳтизози шоди парчами баланди интизорро.

*Ноябри 2013*

---

1 Симгард – троллейбус.
2 Заҷҷа – садои баланд, фиғон.
3 Шикра – боз, шоҳин.

# ШОИРОН ЧИ КОР МЕКУНАНД
***(Посухи манзум ба як пурсиши мавҳум)***

Як рафиқи ман,
Дӯсти шафиқи ман
Ҳар гаҳе дилаш
        танг мешавад,
Бо замину осмон ба ҷанг мешавад,
Менишинаду
        менависаду
                дар ҳама расонаҳои чаппу рост
Интишор мекунад,
Ҷор мезанад:
“Шоирон чи кор мекунанд?!!!

Барқ гоҳ ҳасту гоҳ нест,
Газ, ки солҳост нест,
Оби гарм нест,
Нархҳо дар осмон,
Роҳи деҳаҳои дурдасти мо хароб,
Мағзҳо фирор мекунанд,
Шоирон...
Шоирон чи кор мекунанд?!

Уфти нархи рубл,
Ҷастухези бениҳояти дулор,
Содироти мо басе заиф,
Воридоти мо
Бе ҳаду шумор
Ин ҳама иқтисодро
Иктисоду торумор мекунанд.
Пас бигӯ, ки ... депутат... вазир... на, на, шоирон,
Ҳо, бале, шоирон,
Шоирон! Чӣ кор мекунанд!!!

Кор нест,
Ҷойи кор нест.

Ҷойи кор ҳаст агар маъоши он кафои рӯзгор нест.
Бо вуҷуди ин ҳама
Бархе аз корҳое аз қабили кишту варз
Дар диёри худ
Ор мекунанд.
Шоирон чӣ кор мекунанд!

Нархи ҳамлу нақл чун баланд гаштааст,
Нархи моддаҳои кимиёвӣ,
Нархи сӯхт
Чун дучанд гаштааст,
Ҳосили зироат аз замони пештар
Ҳар қадар, ки гаштааст бештар,
Нархи он ҳанӯз ҳам гарону...
Тоҷирон фақат дуро чаҳор мекунанд
Шоирон чӣ кор мекунанд!!!...”

Дӯсти хабарнигори ман,
Хибрагиву огаҳии туст ифтихори ман,
Лек он чи гуфтаӣ,
Дурр ки суфтаӣ,
Ихтиёри шоирон дар он ба ҳадди сифр нест.
Шоирон
Соҳирони давр нестанд,
Ҳеч кас зи фанду фанни шоирӣ
Даст сӯйи осмон набурдааст.
Шоирон ба мисли мову ту
Зодагони хоку обу боду офтоб,
Кор мекунанд.
Он яке мутарҷим аст,
Дигаре муҳаррир аст
В-он дигар муаллим аст, ё ки коргар, бале,
Барзгар, дастёри ину он,
Чун ту як гурӯҳ ҳам хабарнигор,
Бе ғуруру бе виқор.

Бо вуҷуди ин ҳама
Шоирон
Поси субҳи равшани Ватан

Шуълаҳои ҷони хешро нисор мекунанд,
Зикри хайри рӯзгор мекунанд.
Рӯбарӯйи фитнаҳои охируззамон
Аз сухан ҳисор мекунанд.
Шоирон
Ба рағми қосидони ноумедии башар
Вопасин паёми эътимодро
Шиор мекунанд, –
Кор мекунанд!

*Сентябри 2015*

## ПАЙКАРТАРОШ

**Барои устод Забеҳи Сафо**

Пайкартароши пир
дар коргоҳи хеш
Ҳайрону музтар аст.
Як чашм бар дарун,
як чашм бар дар аст,
Давробадаври ӯ
сад гуна пайкар аст.

Ангора, нотамом,
бо ҳайате ғариб.
Бетӯшу нимарӯ
в-аз чашм бенасиб.

Пайкартароши пир
бе тобу бетавон,
Аз фарти хастагӣ
ҷонаш кунад фиғон.
Хоҳад фирор кард,
дар баста аз дарун!
Як пайкари дабанг
бигрифта роҳи дар,

Абрӯ чу теғи кaҷ
дар дасти ӯ табар
В-он ҷумла яксара
бо наърае баланд
Дар гӯши ҳуши ӯ
фарёд мезананд:
Моро тамом кун!

*Октябри 2009*

## ТО ИНТИЗОР ҲАСТ

То интизор ҳаст,
Боли уқоб бар сари ин кӯҳсор ҳаст,
Шеъру шиор ҳаст,
Фарри шаҳомату фараҳи ифтихор ҳаст.

То интизор ҳаст,
Мурғи дуъо зи лонаи дилҳои дардманд
Бар авҷи кибриёи Худо бол мекашад,
Уммед бар инояти Парвардгор ҳаст.

То интизор ҳаст,
Ҳар дил пиёлаест шароби Сурӯшро,
Ҳар субҳ маҳшарест
Гулбонги нӯшро.

То интизор ҳаст,
Ҳар роҳи захмхурдаву кӯбида рӯйи хок
Бо ёди ҷоннавози қадамҳои ҳамдаме
Хамёза мекашад,
Чун кӯдаке, ки ёди падар мекунад ба хоб,
Дар маҳди моҳтоб.

То интизор ҳаст,
Дар ҷомадони пиразанони сапедфол,
Дар тобатои сӯфи кафанвори мушкбӯй
Як баста базри гул
Назри баҳор ҳаст.

То интизор ҳаст,
Дар бозувони маҳками ин мардуми шариф,
Дар панҷаҳои меҳрфурӯзони хоҳарон,
Дар қалби модарон
Зӯру мадор ҳаст.

То интизор ҳаст,
Бебок метавон
Дар чашми чун ситораи тифлон нигоҳ кард,
Як пора моҳ ваъдаи ҳар шомгоҳ кард.

То интизор ҳаст,
Ҳар мард лашкарест,
Ҳар санг сангарест,
Ҳар байт кишварест,
Ҳар зодсарви боғи ниёкон бародарест,
Баҳрому Эраҷу Ҷаму Исфандиёр ҳаст.

То интизор ҳаст,
Мурғони шабшикан
Дар пешвози тантанаи растхези нур
Минқорро ба ранги шафақ об додаву
Фарёд мекунанд:
«Хуршед зинда аст!»

*Тирамоҳи 2009*

## АНГОРАЕ БАР ДЕВОРИ
## ҲИСОРИ НОЙ
***ки Масъуди Саъди Салмон он ҷо маҳбус буд***

Чакомаҳои шабонгаҳ –
Сурудаҳои ман,
Ки ман сиёҳии шабҳо рабуда бинвиштам,
Ба рӯи лавҳае, к-аз субҳдам рабуда будам,
Шумо – намози банда ба Хуршед,
Шумо – саломи ман ба сапеда,
Шумо – қиёми ҳастии ман дар баробари саҳаред!
Зи марзи тираву мармузи инҳисори ман гузаред,
Маро ба ҷовидон бубаред.

Дар ин ҳисор, ки санги дил аст девораш,
Кашида ҷаҳли мураккаб ба даври паргораш,
Зи санг ахтари наҳсе нигоҳбони ӯст,
Ҳамора гоҳ ба нохун,
Гаҳе ба нӯги мижа рахна кардаам эҷод,
Суроғи дашти ҷунун доштам ба санъати Фарҳод.

Дареғ, ин ҳама санъат маҷоз будаву бас:
Раҳе бурида нашуд, рахнае падид наёмад,
Ҳазор субҳ дамиду маро навид наёмад.
Ва он замон ки яқин доштам, к-аз ин маҳбас
Ба ҷуз забаррави фарёд раҳкушое нест,
Ва он замон ки бидидам, ба чашми ахтари санг
Фурӯғи хиратарине бар ошноӣ нест,
Он гаҳ
Малоики қудсӣ -
Чакомаҳоро
Дар он тангно фурӯ хондам
Ва пора-пораи рӯҳу равону қалбамро
Ба санъате ба пари ҳар чакома барбастам,
Ба ҷисми зор нигоҳе видоъӣ афкандам,
Ба умқи хеш фурӯ рафтаму ба фарёде
Зи тангнои маҳбаси сангӣ яке бурун ҷастам,
Сафири «оҳ» шудам, то ба арш пайвастам.

Ҳанӯз ахтари сангӣ ба чоҳ менигарад,
Ҳанӯз ҷисми тиҳӣ дар нигоҳ-ш Масъуд аст.
Қирони саъди ман аз диди ӯ баландтар аст,
Надид, Саъд чигуна суъуд фармудаст!

Ҳамон гумоштаи чарх,
ахтари сангӣ
Асири ҷоҳи худ асту асири чоҳи худ аст.
В-агар ҷаҳон ҳама зиндон шавад, ман озодам:
Ҷаҳон ба роҳи худу шоирӣ ба роҳи худ аст.

Чакомаҳои шабонгаҳ –
Атои яздонӣ,
Варои ончи падид аст,
ҷилвагоҳе ҳаст.
Баланд аз уфуқи интизори ман бупаред,

Бар он диёр,
ки дар ӯ карон намебинӣ,
Маро бурун бубаред,
Бурун бубаред!

*Соли 1989*

## ОЙИНА

Ҳанӯз ойина ойинаст,
Чунон кушодадилу рӯйбозу бекинаст.
Агарчи дида басо чашмҳои хашмогин,
Агарчи дар дилаш уфтодааст чини ҷабин,
Агарчи хӯрда бар ӯ санги нилаи васвис,
Агарчи ях зада аз тоби чеҳраи беҳис,
Касе шумурда ба ҳасрат шумори ожангаш,
Касе ба турғуза[1] аз ӯ бихоста рангаш,
Касе нишонда ба хидмат чу лавҳи ҷодуяш,
Касе ба сурати худ хаф фиканда бар рӯяш…
Ҳанӯз ойина ойинаст,

1 Турғуза – ба лаҳни шадид ва тунд сухан гуфтан, сарзаниш кардан.

Чунон кушодадилу рӯйбозу бекинаст.
Фуру нишаста дар аъмоқи тираи гили «ман!»,
Ту метавонӣ оё
чунон будан,
дили ман?!

## ОШЁНИ МЕҲР
***(Суруд)***

Ватан,
бахори бехазони мо туӣ,
Ватан.
Ватан,
умеди ҷовидони мо туӣ,
Ватан.
Ба ҳар куҷо ки буда, бо ту будаем,
Ягона ошёни мо туӣ, Ватан.

Ватан, ба хоки меҳрубони ту дуруд,
Ватан, ба Вахши зарфишони ту дуруд,
Ба боми сабзи осмони ту дуруд,
Ба он Ҳисори шодмони ту дуруд,
Ватан!

Бародарон,
ба Меҳан иқтидо кунед,
Ба аҳди аввалини худ вафо кунед,
Ниёише ба ҳамдилӣ ба по кунед,
Барои иттиҳоди худ дуъо кунед.

Ватан, ту зинда бод-
мо намурдаем,
Дилу тану равон туро супурдаем,
Туро чу муҳри ному нангу ифтихор
Ба қабзаи
вуҷуди худ
фишурдаем,
Ватан!

Қасам ба гесӯи сапеди хоҳарон,
Қасам ба қатраҳои ашки модарон,
Қасам ба лолаи мазори ҳар шаҳиди ту
Тиҳӣ нагашта хокат аз диловарон,
Ватан!

Ватан ҳамеша сабз бод орзуи ту,
Шикаста бод қомати адӯи ту,
Зи ҳар канор пар кашем чун уқоб
Ба ошёни меҳрубон,
ба сӯи ту,
Ватан!

*Бишкек 2003*

**БАРФ**

Ноҳид, эй сапедаи шоми сиёҳи ман,
Дар нӯги мижаат
Овезаи ғам аст,
Як қатра шабнам аст.

Як лаҳза сар ба шонаи сангини ман бимон
В-он қатраро ба доғи дили ман фурӯ нишон,
Дар ғуссагоҳи синаи ман рахнае кушой,
Бигзор бо ту гиря кунам ҳой-ҳой-ҳой.

Дерест дар ҷаҳони худ овораву париш,
Бегона аз ҳама касу бегонатар зи хеш
Бигрехтам ба олами руъёву орзу,
То бигсалам зи банди мақомоти рангу бӯ,
Ҷойе равам, ки аз ғами ҳастӣ раҳо шавам,
Аз фитнаи баландию пастӣ раҳо шавам,
Ҷойе равам, ки номи худ аз ёди ман равад,
Аз дил ғубори ғурбату дарди ватан равад.
Озод ҳамчу вақт ба ҷавлони ҷовидон
Не дар макон қарор кунам, не ба ломакон.

Дигар умед нест,
Акнун, ки хастаам,
Дар маҳбаси булӯри зимистон нишастаам,
Дар интизори он, ки раҳобахши
бардаҳост…

Ноҳид, эй сапед,
Эй симгуна барфи сапедафишони ман,
Гулҳои хешро
Бар тирагии шоми ғарибон нисор кун.
Ошарфи сураҳои илоҳист дар лабат,
Дар мо баҳор кун.

*Соли 1989*

## МЕҲАНИ НАВРӮЗ

Биё, эй ҷовидон пирӯз,
Наврӯзи ҷаҳонафрӯз,
Биёр он ҷоми ҷонафрӯз,
Ҳазорон дасти сабз аз хок боло мешавад имрӯз,
Яди хазро[1] ҳазорон аз пайи имдод меояд.

Ту гӯӣ Хӯҷаи Хизр аст баҳман,
ҳар куҷое ки фурӯкаш мекунад
доман,
Ба по мегардад он ҷо растахези сабзаву райҳону
овешан[2].
Садоқат сабз мегардад…
сахо ҳам сабз мегардад,
Ба мушти пири боимон асо ҳам сабз мегардад,
Ба зери пои зоҳид бӯриё ҳам сабз мегардад.

Ба кӯҳу дашту барзан инқилоби нур меҷӯшад,
Шароби нур дар рагҳои ҳастӣ мешавад ҷорӣ,

1 Яди хазро -дасти сабз, дар қиёси "яди байзо", муъҷизаи Мӯсо (а)
2 Овешан – гиёҳи хушбӯи кӯҳӣ.

Нишоти рӯзи нав дар пайкари ангур мепечад,
Ба хок уфтода токи нотавон ҳам мечахад боло,
Миёни бозувонаш мефишорад чун бародар
шаҳчанорονро,
Ба сад ҷоми зумуррад мекашонад машки боронро.

Ва Ҷӯи Мӯлиён аз домани маҳтоб меояд,
Ба хуни хуфтагон барқи суруди ноб меояд.
Шаҳаншоҳи Хуросон,
Офтоби гавҳари инсон,
паёми равшани Яздон
Дигар раҳ хонаи хонаи уммедро пурнур месозад.

Салом, эй хок, эй Модар,
Салом, эй масдари покизаи гавҳар,
Ба ҳар базре, ки дар қалби ту назри
сарфарозихост,
Ба ҳар барге, ки дар домони ту сар монда аз поиз,
Ба зери марҳами ҷон парварад навбовагонатро,
Ба ҳар ҷӯе, ки дар рухсори ту аз ашк саршор аст,
Ба ҳар роҳе, ки рӯи қалби захмини ту ҳамвор аст,
Ба ҳар кӯҳе, ки даври домани сабзи ту девор аст,
Ба ҳар чашме,
ба ҳар қалбе,
ки бо ёди ту бедор аст.
Чунин то ҷовидон бедор бодо ҷони ғамхорон,
Чунин то ҷовидон саршор бодо ҷоми ҳушёрон!

Салом, эй пок марзи ранҷбар,
Эй Меҳани Наврӯз,
Ки хоки пойи ту бар фарқи навмедӣ,
Чу он хоке, ки кӯҳистониён бар санг мерезанд,
Ҳазорон хӯшаи шодобро бар санг рӯёнад,
Зи санг Аржанг рӯёнад.

Туро кай метавон дар зулмати шабҳо фурӯ печид,
Туро кай метавон дар пои деви ноумедӣ сар фуруд овард?

Дарахти бовари ту сар ба арши ростон дорад,
Ҷаҳон аз Ҳафтхони[1] ту ҳазорон достон дорад.

Зи пушти Ҳафтхонат Ҳафтсин овардаӣ имрӯз,
Нахустин син саломи мо ба ёрон бод,
Саломи мо ба хоку офтобу боду борон бод.
Саломи мо ба бубулҳои ёсинхони ту бодо,
Ки бо оёти ёсин яъсро аз дил ҳамеронанд,
Ки бо оёти ёсин ёсҳоро мешукуфонанд.

Ало Наврӯзи ҷонафрӯз,
Ало рӯҳи ҷаҳонафрӯз,
Даме бо корвони гул навардӣ кӯҳсоронро,
Даме бо ашки найсон барфурӯзӣ лолазоронро,
Бубар боре саломи интизоронро,
Диёри шаҳрёрон, гӯшабоми шӯҳра ёронро.

Бар ин хоки куҳан,
то осмон барпост,
то Хуршед метобад,
Зари ноби дарӣ ҷорист чун дарё,
Зи нури рӯйи инсон ойина саршор мегардад,
Муаззин бо садои булбулон бедор мегардад,
Ҳилоли моҳ дар ҳар чашмае чун моҳии тиллост,
Шакарнам метаровад аз насими шукр дар шабгир,
Саҳар хоби ту бо бишкуфтани гул мешавад таъбир,

Дар ин ҷо сурмаи шаб равшании дидаи рӯз аст,
Ба ҳар ойин, ки хоҳӣ,
Тоҷикистон,
Меҳани ҷовиди Наврӯз аст.

*Соли 2008*

1 Ҳафтхон – ҳафт корномаи Рустам ва Исфандиёр.

## БОҒИ ЭШОН
***(Дар сӯги як ҳамдарси ҷавонмаргам)***

Ҳамон мӯрони шабтобе, ки аз маҳ нур менӯшанд,
Ҳамехоҳанд хомӯшаш кунанд имшаб.
Шигифто, гӯиё ҳаргиз намедонанд,
Ки хомӯшии маҳ худ марги эшон аст.
Биё, бигзор инонро...

Ман аз гулҳои шоди боғи тифлӣ ёд меорам,
Ва аз он рангҳои субҳушоме, ки ба ёдам нест.
Ва Одамҳову Одамҳову Одамҳову Одамҳо,
Ки бе онон
Бароям дар ҳама дунё як одам нест.

Чӣ гӯям, бо кӣ гӯям, рози ҷони хештанро аз куҷо
ҷӯям?
Дареғ, ин мурғи ваҳшӣ дастомӯзам нашуд умре.
Ба боме мепарад, ки гунбази гӯри маро монад,
Чароғи қуббааш чашмони бенури маро монад.
Чаро сӯи биҳишти ёдҳои ман ҳавояш нест?

* * *

Шаби дина
Ду он хоҳарсапедори канори ёлаҳои ялмро дидам-
(Замин кӯчиду ононро фаротар бурд)
Сапедӣ ӯфтода гарчи дар гесӯи ин
хоҳарсапедорони дастафшон,
Ҳанӯз андар канори якдигар ҳастанд,
В-аз он ҷо бар мазори решаи модар нигаҳбонанд,
Дуъову фотиҳахонанд,
Замин то ки накӯчид,
як қадам аз ҷо наҷунбиданд.

Ва он роҳе, ки аз пушти сари хоҳарсапедорон,
Зи пушти қуллаи кӯҳ то ба чини домани маҳ
мезанад оринҷ,
Ҳанӯз он ҳалқаи дасти сапед аз гардани кух боз
нокардаст,
Ҳанӯз он кӯҳ побарҷост.

Ба рӯи шонае маҳ дораду бар шонае хуршед,
Ба торак тоҷи аҳмар
Аз Дуби Акбар.

Шамоли субҳ аз ҳар дарра бӯи пӯш[1] меорад,
Ҳамон бӯе, ки бегаҳ мол[2] ояд,
дар фазои деҳа мепечад,
Ҳамон бӯйест, ки гаҳ-гоҳ
Ман аз перомани атрифаронсабозҳои шаҳр
меёбам,
Вале бо он табиат нест

* * *

Фаротар з-ин ҳама бо шарфаҳову ҳингаи
ҳангомазои хеш
Ба сӯи ҷовидона медавад Сурхоб.
Ба сӯи ҷовидона мешитобад, лек побарҷост,
Зи бас такрори ҷовидона аст –
Дарёст.
Аз он ҷое замину осмон бо ҳам танида реша
мегирад.
Замину осмон то зиндаанд,
Зиндаст ин тозандаи ҷовид.
Раги ҷонаш
Раҳо з-ин решаҳо ҳаргиз намегардад,
намемирад.
Ба начвои дили ӯ гӯши ҷон биспор,
Шаҳидоне даруни сина дорад,
бешафоъат нест.
Ба сӯе кулбаи хамбида чун пирони беимдод,
Ки аз дору надораш як сутумби нимҷон дар мушти
ӯ боқист

Ва бо ин ҳол побарҷост,
қоим аст.
Худоро,
мӯрҳоро дур аз даври асояш дор.

---

1 Як гиёҳи хокистарии буттагӣ, ки бӯи тунд дорад.
2 Рамаи гӯспанд.

* * *

Ва пешорӯи ин рамзи Сулаймонӣ,
Нишаста дар таҳи як хирмани гул боғи хубонӣ.
Тани худро ба шири моҳ мешӯяд.
Ҷаҳон дар рангу бӯи ноз меҷӯшад,
Ва оби ҷӯй раҳ гум кардаву ҳар сӯй мепӯяд.
Намедонад чи мегӯяд...

Дар ин ҷо борҳо бо сидқи дил эҳсос мекардам,
Ки рӯйи шонаҳоям менишинад ду фаришта, ҷуфти
кафтарҳо
Ва қум-қум мекунад бар гӯши ман:
яъне ки боло шав,
Дар ин соат
Дару дарвозаҳои осмон боз аст,
Дар ин дам лаҳзаи меъроҷ наздик аст,
Саропои вуҷудам,
тору пудам шавқи парвоз аст...
Вале, охир, биҳишт ин ҷост,
Сарои сарнавишт ин ҷост.

Нигаҳ кун Боғи Эшонро,
Ба ҳам оварда ин қавми парешонро.
Канори турбати ҳар нозанин гаҳвораи ноз аст.
Яқин дорам, ки девораш
Сари мӯе бурун аз хатти паргори иноят нест,

Ки мардум чун гиёҳон бегунаҳ рӯйида ин ҷо хок
мегарданд.

* * *

Ало, ҳамсолҳои ман,
Ало, ҳамболҳои ман,
Ки аз парвоз биншастед,
Сафои суффаи Реги Равонро ёд меоред?
Хати марзи замину осмонро ёд меоред?
Паридан то таҳи рангинкамонро ёд меоред?

Садои тир гарчи ин замон дар деҳи ман одист,
Мисоли сурфаҳои пири тарбодӣ,
Вале уммеди мардум сӯи ободист.

Саҳар домони шабро чун зи рӯи деҳа мечинад,
Ва гулбонги азон дар қуллаҳои кӯҳ мепечад,
Ва гарди яъсро бо донаи шабнам
Зи рӯи сабзаҳо хуршед мечинад,
Дар он соат
Касе бо чашми равшан сӯи ин хоҳарсапедорон
назар созад,
Зи пушти шохаҳошон тарҳи андоми ғариби
ошноеро ҳамебинад,
Ки ин ҷо ҳасту...
ин ҷо нест,
Ба ҷуз аз Боғи Эшонаш[1]
дигар умеди маъво нест.

*Соли 2000*

## СОМОНГИРД

***Дасти ҳар кӯдаки даҳсолаи***
***шаҳр шохаи маърифатест.***
***(Сӯҳроби Сипеҳрӣ)***

Шаҳри Сомонгирд[2] шаҳри офтоб аст,
Шаҳри сабзи ормонҳост.
Гар раҳовардат ба лаб ошуфта ҳазёнест,
Дар ҳавои ошноипарвари ин шаҳр
Ё дуруде мешавад, ё барги лабханде.

1 Номи мазористон дар деҳи муаллиф.
2 Сомонгирд – манзур Душанбест, дар қиёси номҳое чун Сиёвушгирд, Боругирд, Савсангирд ва ғайра.

Ҳар дарахте дар хиёбонҳои Сомонгирд
Шоҳиди сабзи муҳаббатҳои хоку осмон аст,
Шохсораш ошёни мурғи ирфон,
Соясораш хонақоҳи орифон,
Устодаш «Усто»-дон,
Бартарин обишхӯраш дарёи Қуръон аст.

Шаҳри Сомонгирд
Шаҳри симонию сангӣ нест,
Шаҳри имонист.

По фишурда бар лаби марзаш
Шоҳи Тирандоз,[1]
Осмон бар дӯш,
Қабзаи рангинкамон дар даст,
Озарахши охирин дар шаст,
Чашм бар домони Таърих,
Бар фарозаш парфишон Симурғи Яктоӣ.

Рӯдакию Айнию Синою Фирдавсӣ
Чор рукни кохи фарҳанги барумандаш,
Сарфароз андар миён Сомонӣ Исмоъил –
Хадевандаш,
Дасти девон кӯтаҳ аз девори тадбири баландаш.

Аҳли ин шаҳр аз табору тираи равшангарони
қарни Хуршеданд,
Решаҳои ҷонашон аз торҳои нури Хоразму
Бухорову Самарқанд аст.
Сорбони Роҳи Абрешим
Нарм монанди бирешим пои меҳроби ҳамовоӣ,
Посухи дасти гусастанро нахи бурротар аз
шамшери Хӯқанд аст.

1 Шоҳи Тирандоз—Номи яке аз баландтарин куллаҳои ҷаҳон, воқеъ дар Бадахшони Тоҷикистон, ки тибқи ривоят Ораш аз он тир андохта марзи Эронзаминро таъйин кардааст.

Шаҳри Сомонгирд – таъбири ҳумоюн аз Бухоро,
Шаҳри Сомонгирд – тафсири нигорин аз
Самарқанд,
Шаҳри Сомонгирд–таскини ғами сангини
ҳиҷрони Сиёвашгирд,
Уфқи субҳу шоми он рангинтар аз хуни Сиёвуш аст,
Қалъаи Афросиёбаш шаҳри хомӯш аст[1]
Ҳар гиёҳи равшанаш иксири биноист.

Шаҳри Сомонгирд
Соҳати рӯҳи ҷаҳонпаймои Мавлоно,
Пойтахти Тоҷикистон аст.
Бурҷи хуршеди баланди Ориёно,[2]
Ҳалқаи заррини пайванди Варорӯду Хуросон аст.

*Соли 2005*

## ОХИРИН БАРФ

Охирин ҳарфи зимистон,
Охирин барфи зимистонро
Худованд орд кард,
Ҳамчунон шогуни наврӯзӣ
Рехт рӯи суфраи Модар,
Бар қади сабзи санавбар,
Коҷро орост мисли Сарви Кишмар.
Субҳ, пеш аз бомдодон
Рехт рӯи гунбаду гулдастаи масҷид
Ранги якрангӣ,
Ояти тавҳид.
Чун ҳарири захмбанд
Густард пеши дасти Сино.
Ҳамчунон як сафҳаи покизае бо имтидоди
бениҳоят

1 Қалъаи Афросиёб—Осори шаҳри бостонии суғдӣ.
2 Ориёнбург (Ориёнбурҷ) низ номи шаҳри қадимии ориёист.

Рӯи мизи Рӯдакӣ бинҳод,
Дархури он «сездаҳ раҳ сад ҳазор»
Байти ғарро, шеъри нотакрор.
Ҷомаи сардӯшии устод Айниро табаррук кард,
Рехт рӯи шонаҳои Пири Фирдавсӣ,
Он нигаҳбони шукӯҳи Ҷам,
Шаҳпари Симурғро афшонд
Бар чакоди Ковиён парчам.
Охирин барф
Рехт рӯи ёли он шерони бедоре, ки пеши пои
Исмоил
Мунтазир истодаанд он як нидоро,
Сӯи Ҷӯи Мӯлиён,
То сайргоҳи халқ,
То Гули Сурхи Бухоро…

Осмон барҷост!
Ин сапедӣ шоҳиди гӯёст.
Шарфаи ин барф
Ҳарф, харфи Ҳуст,
Поку беоҳуст.

Хокро магзор танҳо як нафас, як лаҳза, ё Ҳодӣ,
Хокро аз хок бардор,
Чеҳраи тифлонаашро пок соз,
Ашки хунолудаашро покшӯӣ кун ба оби раҳмати хеш,
Рӯдҳоро ҳам таҳорат деҳ,
Роҳҳоро рост кун, испед гардон,
Роҳ, ҳаройина, сӯи Туст.

Охирин ҳарфи зимистон,
Охирин барфи зимистон,
Аввалин шогунии Наврӯз,
Ҳуҷҷати Яздон.

*9 марти 2013*

## ДАРДИ ВОЛО

Ман хешро ба ишқи ту бишнохтам, Ватан,
Бе ёди ту ҳақир будам дар нигоҳи худ,
Бе дарди ту асир будам дар ҳисори тан,
Огаҳ надоштам, ки зи ман бартаре бувад,
Ҳам аз барои ман –
Ватан!

Огаҳ надоштам,
ки дар аъмоқи қарнҳо
Дорам ҳазор решаву пайванди ҷовидон,
Сад сол умр беш набуд орзуи ман,
Ҷуз қадди худ набуд нишони нумӯи ман,
Ҷуз аз барои худ наҳаросидам аз хазон.

Гуфтам, ки ҳикматам ба даҳ ангушт кофӣ аст,
То дӯстони хеш шуморам зи душманон,
Суду зиёни худ бишиносам ба як нишон,
Қасдам зи зиндагӣ ба ду-се кас талофӣ аст.

Акнун, ки чашми ман ба ҷамоли ту равшан аст,
Ҳар хор, ки ба пойи ту – дар дидаи ман аст,
Ҳар гард, ки ба домани ту – бар рухи ман аст,
Ҳар дард, ки ба хотири ту дар дили ман аст,
Ҳар укдае ба хотири ту мушкили ман аст.

Сад шукри дарди ту, ки ба ман ошно шуда,
Бар қуллаҳои рӯҳ барад кашкашон маро,
То ҷовидон маро.

*Соли 1986*

## ОЙИНИ ГУРГОН

Чиллашабҳои зимистон
Бо умеди гӯшту пиҳ
Галлаи гургони гушна
Тохт меоранд бар деҳ.

Чиллашабҳои зимистон
То саҳар сагҳо намехобанд,
Одамон ҳушёру бехобанд.

Тиккаи лаҳме дар ин шабҳо
Гургро қиматтар аз ҷон аст,
Ҷони гургона гаравгон аст.

Дар чунин шабхун ба ҷои гӯшт гургон
Захми сагҳои шикорӣ мехӯранд,
Гӯшти худро зи хорӣ мехӯранд.

Пардаи шабро ба тан печида гургон
Боз метозанд бар дашти кушод.
Рӯ ба сӯи осмонҳо мехурӯшанд:
«Бар сапедиҳои ин барф,
Бар фурӯғи моҳи шабрав,
Бар ғуломии сагоне, ки бародар мефурӯшанд,
Лаънат бод!»

Ин замон гургон ба ҳам бегона мегарданд,
Сард мегардад нигаҳҳошон ба сӯи ҳам:
Ку баҳона, то бигиранд аз гулӯи ҳам!

Ку баҳона,
          ку баҳона,
                    ку баҳона?!..
Вой бар ҳоли ҳамон гурге, ки хуншор аст:
Луқмаи қонунии ёрони хунхор аст.

Ман,
    ки будам борҳо дар гургтози деҳ,
Ин замон дар турктози даҳр
Нестам аз ҳикматаш бебаҳр.

Ҳамчу мениҳам лабро ба рӯйи захмҳои хеш,
Хуни худро мекашам дам,
То ки хунолу[1] набинандам

*Соли 1989*

## ИХЛОС

Тоҷикистони куҳистон,
Тоҷикистони баланд,
Ман чи хушрӯзам, ки фарзанди ту ҳастам,
Бо ту бо ному нишону арҷманд.

Лек медонам, чи душвор аст бо номи ту
будан:
Дар баҳои давлати номи ту бурдан,
Бояд аз дарде нанолидан,
Бояд аз марге намурдан!

Ҳамчу кӯҳистон бибояд дар ҷаҳон манзур будан,
Чун Бухорову Бадахшон ҷовидон машҳур будан,
Қатра-қатра ҳамчу Вахши нурбахшат нур будан.

Дур аз ту пораи ноне тавон ёфт,
Бе ғами ту роҳати ҷоне тавон ёфт,
Бе ками ту чанду чандоне тавон ёфт,
Лек бе ту кист мегӯяд, ки имоне тавон ёфт?

Ҳам ба шодӣ, ҳам ба ғамҳо,
Ҳам ба виҷдон, ҳам ба имон
Сахт пайванди ту ҳастам,
Бо хушию нохушӣ ман бахтпайванди ту ҳастам.

1 Хунолу –гӯйиши «хунолуд».

Тоҷикистон,
Меҳри ман пеши ту бе муҳру мукофоти касест,
Дар миёни мову ту
Қозие даркор нест!

*Соли 1986*

**СОЛИ НАВ**

Пок чун домони Марям
Дашту саҳро,
Пар кушода кафтарони барф
Аз кафи дасти Масеҳо.
Шаҳр дар озини симин аст,
Сарви майдон зери бори меваи шодоби заррин
аст.
Моҳ гӯё байза бинҳода,
Дар тахи арча –
Дар сари ҳар чорсӯ – як хирман афлесун.
Бӯйи арча бӯйи афлесун
Медамад то осмон афсун,
Ёдҳои кӯдакию навҷавониро
Зинда месозад ба дилҳо.
Ҷашни Мелод аст, ё Эҳё?

Пеш аз ин раҳгузар аз раҳгузар гӯгирд мепурсид,
Ҳол мепурсад:
«Бародар, барқ доред?».
Ҳиммати олӣ,
нуктадонем,
Барфро дар дафтари анбори кӯҳистон
Барқ мехонем,
Қалбҳо чун чархаи неру,
Қалбҳо дар синаи дарёст.

Соли нав дар асл танҳо як баҳонаст,
То бигӯйӣ ҳамдилеро, ки «сарат сабзу
саломат бод!».
Соли нав дар асл танҳо як фасонаст,
То ҳақиқатхастагон ҷӯянд аз афсона имдод…

Пойи сабзи ҳақ ниҳода накш дар иқлими
тақвим,
Дасти сабзи сарви мину бар дари
Доруссалом аст.
Бар шумо бодо муборак,
Соли Нав –
Соли Имом аст.[1]

*Декабри 2009*

## НАҶВОИ ЯК КИТОБ

Ин китоби ғафс,
Ин хитоби нафс,
нафси иштиҳор,[2]
Ҳосили ҷунуни интишор
Солҳост мисли бум дар қафас
пӯп кардааст,

Сокиту ҳазину пурмалол,
ҷоғараш кашол,
Хешро мисли тӯб кардаасту
фикр мекунад,
Дар хилоли фикрҳои мубҳамаш
зикр мекунад:
Эй хуш он замон, ки дар канори ҷангале
бошукӯҳу дилписанд
Як дарахт будаам,
як дарахти сабзу сарбаланд.
Моҳ парниёни хешро
ба шохсори ман
танида буд,
Сад ситора мисли мурғаке
дар канори ман
орамида буд.

---

1 Соли 2009 Соли Имоми Аъзам Абӯҳанифа (алайҳирраҳма) буд.
2 Иштиҳор – шуҳрат пайдо кардан.

Субҳ зери обшори офтоб
                                бо ҳазор рангу тоб
Месурудам ояти вуҷудро,
Панҷаҳои ман ба боли бодҳо
Менишонд вожаи дурудро
                                            сӯйи ҷовидон.
Ошёни булбулон будам,
Ошёни кафтарону сорҳо,
Аз сабӯҳии суруди ҷонфазо
                                монда дар дилам
                                            ҳанӯз ҳам хуморҳо.
Тирамоҳ ғарқи зар,
Ғарқи сим замҳарир,
Рӯйи пойи худ
                    як дарахти таҳмтан будам,
Як ватан будам…

Номуборак он замон,
                                ки дасти беамон
Арраро ба пои ман навохт,
Ос карду банд-банди ман гудохт.

Не сутуни хонае шудам,
                                на фарши ошёнае,
Не ки сози арғунуни хуш таронае…
В-онгаҳе шудам
                    коғазе сапед,
Дар дилам ҳанӯз
                    зинда буд умед:
Кош ёдномае ё саводномае шавам
                                            ба дасти кӯдаке
Ё баёзи нуктаҳои Рӯдакӣ…

Не чунину не чунон,
                                аламон,
Хомае
        хомчӯшу ҳарзапӯй
Доғи ҳарфҳои ланҷро
                    тобатои ҳастиям нишонд,

Гӯиё ба мотами сухан маро сиёҳҷома кард,
Нахли сабзи пурумедро
окибат сиёҳнома[1] кард.
Баъд аз ин,
дареғ,
марғи ҳастиям
Дархури нигоҳи оҳуе чаранда нест,
Дар ҳама вуҷуди ман,
тори пуди ман
садои як паранда нест!

*Марти 2012*

## ҲУБОБФУРӮШ

Пагоҳӣ
Марде бо шонаҳои шикаста,
Ҳазор ҳубоби бутрӣ[2] бар дӯш,
Хаставу хомӯш
Меравад аз канори рӯди тирамоҳӣ,
Ки ӯ ҳам
Мешитобад ночор
Аз рӯйи одат
ё ҷазби дарёбор.
Ин мард ку дарди рӯзгор дорад,
Аммо ин рӯд?
Ин сози сад ҳазор суруд
Чӣ дард дорад?!
Ки сад ҳазор ҳубоб
раҳовард дорад.

*Соли 2011*

1 Сиёҳнома – бадтолеъ.
2 Ҳубоб ба ҷуз маънои машҳураш ба маънои зарфи холии пластикии моеъот истифода мешавад.

## ПАЁМ

Нимшаб гунге дарёфт
Нерӯи дар хештаи суроғ дорад,
Ки метавонад занҷирҳоро пора кунад
Ва раҳо кунад дасту пойи ғуломонро
Ва низ имони ишонро
Аз қафаси танге, ки садаҳош девон даври ӯ
бофтаанд
Аз шоххҳои дарахти дӯзах
Ва аз расани мӯйҳойи Аҳраман.

Чирчиракҳоро бигӯ хомӯш бошанд,
Ки ман дар шикасти ранги ситораҳо мебинам:
Оғози сапедадам аст,
Оғози сапедадам аст.
Замон обастан аст аз фурӯғи бовари мардум…
Фаро расида замони зоданаш
Хуршедро.
Аз хурӯши мурғони беша
ҷунбише дар найистон аст:
Паёми бедории шерон аст!
Кист ин ки паём мегузорад?
Нест ҷуз найе, ки пайваста бо лабони шумост,
Хурӯшаш ҷуз равони шумо нест, ки дар тиҳигоҳи
ин най медавад.

Эй хушо, рӯзе ки ин паёмгузор
Дар оташи чашмони шумо посухи сӯхтанҳои
худро дарёбад,
Ва дар болидани болои шумо бубинад,
Ки чи гуна шохае беди тар
Аз шикастгоҳаш дар хоки тар реша меронад.
Агар ҳазёнест, дурӯғ нахоҳад буд,
Зеро ҳеч кас дурӯғро дар хоб баланд намегӯяд.

Ӯ касест зинда аз он сӯйи марги хеш,
Ки агар ниёзе ба бозпас гаштан нест,
Ҳаргиз бо марги худ рӯбарӯ нахоҳад шуд.

Ва инак паёми ӯ:
Шукӯҳманд баҳоре фаро мерасад пур аз
шукуфтанҳо,
Рустанҳову растанҳо,
Ки паймуда ҳазор биёбони оташини пойизро
Ба он сӯйи хазони худ расидааст.

*Соли 1990*

## СЕБИ ОХИРИН

Бод
Бо дарахтон сахт мекунад бедод,
Кӯҳҳо мабҳут, сарду хомӯшанд.
Боғи кӯҳистон
Барг мерезад
Сабзу сурху зард,
Боғи урёнро
Хирқа мепӯшанд.

Солике аз раҳ
Мерасад хаста.
Дар миёни боғ
Нарму оҳиста пой мемонад,
Ӯ чӣ меҷӯяд, як Худо донад,
Худ намедонад…

Охирин як себ
Бар тани шохе
Мисли лаъли ноб
Медурахшад шод.
Инчунин себе
Ҳарчи меарзад.
Гавҳари нодир
Гавҳари ноёб.
Даст меёзад,
Даст меларзад,

Ёд
Мекунад фарёд.
З-ин ҳавас бигзар,
Ал-амон аз нафс.
Як дари бозе ҳаст бар рӯят
Пас аз ин фирдавс?

Хуб мебинад:
Себ, себе нест,
Қалби хунинест.
Боғбон он ҷо карда овезон,
Рамзи паймонаш
Бо дарахтонаш.

*Соли 2008*

## ШОИРО, ГИРЯ МАКУН!

Шоиро!
Гиря макун,
Шоиро, гиря маёмӯз дигар мардонро.
Ба гиристан ҳама одат кардем.
Нафасе дар шикани рӯҳ,
Нафасе дар ғами тан,
Нафасе баҳри Ватан бигристам.
Оқибат донистам?
Гиря тадбир набудаст,
Гиря занҷир будаст,
Гиря занҷир ба пойи амал аст,
Нагиристан ҳунаре бебадал аст!
Ашки мо исмати мост.
То даме хонаи чашм обод аст,
Боядо дар ҳарами чашм ниҳонаш дорем,
Пас аз он дар ҳарами хоки Ватан.
Шоиро, табл бизан,
Табли бедории номуси худӣ,
Табли худогоҳӣ.
Онҷунон табл бизан, ки
Ҳама беҳуда бирезад,

Ҳама олуда гурезад,
Ҳама яктан,
Ҳама якҷон,
Ҳама якдил бишавем.
Миллате оқилу комил бишавем.

*Соли 1988*

## ИСТИОРА

Ҳар саре уқоби кӯҳсори мо
гарчи на каму на беш
Як паранда аст,
Ҳар паранда як уқоб нест.
Ончунон ки
офтоб гарчи як ситора аст,
Ҳар ситора офтоб нест.
Дустам,
бародарам,
Ман ба айни боварам,
ки ин қиёс
Аз вуҷуди мову туст:
То ки хуни гарми зиндагӣ
дар раги ману ту метапад,
Ин сабӯи сарбазери офтоб
холӣ аз шароб нест,
То ки шаҳпари умеди мо нарехтаст,
Ҳар кабӯтаре
Дар диёри мо
Камтар аз уқоб нест.

*Соли 2010*

# ИСТИҚЛОЛ

Агарчи зодаи даврони озодам,
Агарчанде ба озодӣ ҷаҳонро пайки иршодам,
Вале дар пои дил,
                дар пои рӯҳ
                        завлонаҳо дорам.
Аз ин завлонаҳои ҳарза безорам.
Ман истиқлол мехоҳам.

Ман истиқлол мехоҳам зи пиндори дурӯғи худ,
Зи банди эътиқоди бефурӯғи худ,
Ки дар ӯ чашми раҳзан гӯйи Хуршед аст,
Ки дар ӯ байзаи мурғи Фаромуш «дурҷи уммед» аст.
Ман истиқлол мехоҳам!
Аз ин занҷири заррини тааммулҳои нодаркор,
Ки рӯҳам аз фишораш мешавад афгор,
Дилам дар чангалаш хуншор,
Табассумҳои бисмил дар лабам арзи хирадмандӣ,
Ки бахшам чанд нохушнудро шодию хурсандӣ.

Зи навмедӣ
Зи аҷзу коҳилӣ,
Аз бим
        истиқлол мехоҳам.
Ҳам аз хӯи ғуломӣ, аз тавозуъҳои аз ҳад беш,
Ки бо номи «адаб» дар ҷисму ҷони мо нумӯ карда,
Миёни «одамийят» то «ҳақиқат» мекашад парда
Ва мезояд
Тааллуқро
Тамаллуқро
Ва моро мекунад тард аз вуҷуди мо,
Зи мо меофарад ангораҳои бетаҳаққуқро.
Зи ҷонам то рамақ пайдост, истиқлол мехоҳам!

На ман танҳо дар ин исён,
На ман танҳо дар ин бандам:
Агар худ навдае аз зодсарви яктану якҷони

Инсонам,
Талошам баҳри истиқлоли Инсон аст.
Муқаддар гашта бо номи Ватан,
ё, порае хокам.
Агар дар банд бошам,
порае ҳам аз Ватан
ночор дар банд аст.
Барои ин Ватан,
то зиндаам,
дар хеш истиқлол мехоҳам.

Ва танҳо баъди фирӯзӣ чу фарзанди барӯмандаш
Саре бар мекунам аз қуллаи иқбол чун Хуршеду
Истиқбол мехоҳам.

*Соли 1990*

## ШЕЪРИ САПЕД

Мардуме
Бо шонаҳои шикаста
Ва қалбҳои шикаста
Дару девори шикастаи худро
Ба истиқболи ман
Сапед мекунанд.
Сиёҳ бод девони ман,
Агар дастовезам
Шеъри сиёҳ бошад.

*Ноябри 2013*

## ЗИМИСТОН

Дар ҷӯй обҳо,
Дар чашм хобҳо,
Дар раҳ шитобҳо,
Дар дил суолҳо
Дар лаб ҷавобҳо
Ях баст,
Истод.

Аммо, дареғ,
Умр
Чун нур
Аз булур
Аз шишаҳои ях
Озод, бедиранг,
Ҳай мекунад убур,
Ҳай мекунад убур.

*Декабри 2013*

## ДАР СӮГИ ТИФЛИ СУРӢ

Дарё
Он тифли хушситораи суриро
Он кӯдаки фирориро
Афканда бар канор
Чун дурри обдор
Дурри ятим.
Ӯ сар ниҳода рӯйи соҳили беҳосил,
Ғунча зада
Ҷонаш чу бӯйи гул
Аз ғунчаи тан рафта,
Аз новатан ба сӯйи Ватан рафта.
Бо одамӣ дигар суханам нест.
Дарё!
Агар ки ту дарёӣ,
Охир чӣ гуна хушк нагаштӣ.
Киштӣ агар на баҳри наҷот аст,
Дигар чи кор ояд киштӣ?!
Дарё агар на баҳри ҳаёт аст,
Дигар чи кор ояд дарё?!
Инсон, агар на баҳри мавaддат,
Дунё агар на баҳри муҳаббат,
Дигар чӣ кор ояд инсон?!
Дигар чи кор ояд дунё?!

*Августи 2015*

## БИЧИЛГУН

Фасли тобистон
сайр дорам дар куҳистон
Як бичилгун[1] мепарад ин суву он су,
Мекунад бо ман ҳаёҳу.
Дар сари ангушти чурзе[2]
Лона дорад –
нусхаи чӯроби пашмини Бадахшон
Сарнагун бар дарраe жарф
Ҷони мурғак бар сари ин лона ларзон

Эй бичилгун,
Ҷӯраи чун,
Ман ҳамонам дода аз даст
Он ду шаҳри нозанинро –
Қуббатулисломрову
Сайқали рӯйи заминро,[3]
Ҳол ин сон бетафовут
Сайр дорам дар куҳистон,
Фасли тобистон.
Лонаат обод бодо,
Баччагонат шод бодо,
Қасди озорат надорам,
То абад корат надорам.

Меравам, то аз уфуқ паҳнои Меҳанро бубинам...
Меравам, бар қуллаи ин кӯҳ, шояд аз фароз,
Тири Орашро бубинам боз дар парвоз.

---

1 Бичилгун хурдтарин парандаи кӯҳистонӣ
2 Ҷурз – дарахтест шабеҳи сада бар фарози кӯҳҳо рӯяд.
3 Ишора ба байти мардумии" Самарқанд сайқали рӯйи замин аст, Бухоро қуббатулисломи дин аст".

# ҒАЗАЛИЁТ

## РӮҲИ ҚАЛАМ

Қасам ба рӯҳи қалам, нораво нахоҳам гуфт,
Ҳар он сухан, ки нахоҳад Худо, нахоҳам гуфт.
Қасам ба ҷони сухан, то замони қатъи нафас,
Агар ҳаво надиҳанд, аз ҳаво[1] нахоҳам гуфт.
Ҳамеша дар назарам рӯйи дӯст ҷилвагар аст,
Ба рӯйи ойина ҳарфи риё нахоҳам гуфт.
Ба рӯзи ҳодиса ҳам бад зи ман ту чашм мадор,
Ки дар ҳарими вафо аз ҷафо нахоҳам гуфт.
Замири мост чу худ дафтари мусаввари дӯст,
Ҳузури муддаъиён муддаъо нахоҳам гуфт.
Чу аз қаламрави меҳрам, сафири Хуршедам,
«Ту аз куҷоию ман аз куҷо?» нахоҳам гуфт.
Ҷаҳон гирифта нидои «аласт?!» сартосар,
Миёни сели бало ҷуз «бало!» нахоҳам гуфт.[2]
Агарчи дар ҳама офоқ қаҳти меҳру вафост,
Ба ҷуз ҳикояти он ошно нахоҳам гуфт[3]

*Июни 2011*

## ГУФТУГӮ

Мабандед бо ҳам дари гуфтугӯро,
Ки хасми шумо дорад ин орзуро.
Ба нархе, ки душман харидан тавонед,
Бубахшед нодӯстони дурӯро.
Шаробаш зи хуни ҳазорон шаҳид аст,
Ба санги ситам машканед ин сабӯро.

---

1 Ҳаво – ҳавас, ниёз.
2 Ишора ба Аҳди азал - Қола: аласту бираббикум?! Қолу: бало! (Худованд фармуд: Магар Парвардгори шумо нестам?! Гуфтанд: бале! (ҳастӣ))
3 Аз мо ба ҷуз ҳикояти меҳру вафо мапурс. – Ҳофиз.

Намонад агар толиби нури хуршед,
Макун ранҷа, мурғи саҳаргаҳ, гулӯро.
Гираҳ аз зираҳ боз кун абрувонро,
Ба ёди Сиёваш маёвар Гаруро.[1]
Касе сӯи оташ ҳамеронд моро,
Назарсӯз дидем чун дуд ӯро.
Агар моҳу анҷум намонад, намонад,
Макуш дар дили анҷуман ҷустуҷӯро.
Саробест уммеди дарёи мардум,
Зи пеши дари худ марон оби ҷӯро.
Замират чу ойина гар соф гардад,
Ба ҷуз дар дили худ наёбӣ адӯро.
Аё Пури Дастон, зи Ковус бигзар,
Бидон нӯшдоруи худ обрӯро.

*Июни 2011*

## МЕҲАН

Лавҳи паймони мо дорад муҳри сабзи Худо,
Меҳан,
Санги кӯҳат ба сар бодам, гар бипӯям хато,
Меҳан.
Пок ойинаи ойин реша дар хоки ту дорад,
Меҳр бо хоки поки туст суннати Мустафо, меҳан.[2]
Кони санги сабурӣ ту, махзани обу нурӣ ту,
Осиё аз ту гардон аст дар ҳама Осиё, Меҳан.
Посдорони хони хеш, дар кафи даст ҷони хеш,
Нест халқе чу халқи ту дар ҷаҳон порсо, Меҳан.
То ба номат кунад таҳрир қавми ту
сарнавишташро,
Панҷа дар панҷа афканда борҳо бо қазо, Меҳан.
Мешиносам ҷаҳонатро, ҳафт ранги камонатро,
Шуълаи ховаронатро нест ранги риё, Меҳан.
То нахандад ба ҳоли ту душмани бадсиголи ту,
Санъати ошиқони туст гиряи бесадо, Меҳан.

---

1 Гаруи Зираҳ – қотили Сиёвуши Ковус.
2 Ишора ба ҳадиси Паёмбар (с), ки фармуда: «Дӯст доштани ватан аз гӯшаи имон аст».

Муҳра аз меҳри ту дорад қомати интизоронат,
Чашми шабзиндадоронат гирад аз ту зиё, Меҳан.
Шоҳрӯди забони мо то равад бар равони мо,
Аз ниҳоди ту меҷӯшад масдари бефано, Меҳан.
Пояе ғайри пойи меҳр бар ситеғи ту поё нест,
Парчамат офтоби туст, матлаъи Ориё , Меҳан.

*Январи 2011*

## АВҶИ ШАҲОМАТ

***(Дар пойи қуллаи Исмоили Сомонӣ)***

Қуллаи авҷи шаҳомат – тоҷи Истиқлоли тоҷик,
Мезанад паҳлу ба гардун қомати иқболи тоҷик.
Шод ҳар рӯзаш бувад бо зодрӯзи родмарде,
Муҳри ҷовидона дорад рӯзу моҳу соли тоҷик.
Мезанад пар аз фазои бостон симурғи рӯҳаш,
Муттаҳид аст ин ҷаҳон гӯё ба зери боли тоҷик.
Эй муборак соате, худ аз парешонӣ бар ояд,
Нест волотар дигар з-ин ормон омоли тоҷик.
Фақри Дастон поси ойини ниёкон аст, варна
Дар дили ҳар кӯҳ ганҷи зар ниҳода Золи тоҷик.
Риштаҳои рӯдбораш қитъаҳоро васл созад,
Мекунад таъмири ваҳдат панҷаи салсоли тоҷик.
“Субҳи давлат медамад...” чун офтобе рух намояд,[1]
Ҳар гаҳ аз девони Ҳофиз мекушоям фоли тоҷик.

*09.09.15*

## СУРУШИ ҒАЙБ

Ойина созем, пардоз бо ту,
Эҷод бо мо, эъҷоз бо ту.
Бо шаҳпари килк, охир, чи нозем,
Ин як пар аз мо, парвоз бо ту.

---

1 Ишора ба байти Ҳофиз, ки борҳо ба фол омада:
Субҳи давлат медамад, ку ҷоми ҳамчун офтоб?
Фурсате беҳ з-ин куҷо ёбам, бидеҳ ҷоми шароб!

Дар қаъри дарё чун моҳиёнем,
Эй мавҷи раҳмат, овоз бо ту.
Нози табибон ҳаргиз натобем,
Сад дард бо мо, сад ноз бо ту.
Эй турки танноз, эй шӯхи дилбоз,
Чун метавон шуд анбоз бо ту?
Доман гулафшон бар хоки мо каш,
Анҷоми мороcт оғоз бо ту.
Дар нақши гетӣ як хол мондем,
Мо бе Бухоро, Шероз бо ту.

*Январи 2010*

## БОВАР

Ҳамон осори Мансур аст ин дафтар, намесӯзад,
Мазан оташ ба хокистар, ки хокистар намесӯзад.
Бубинам ғарқ дар нори шафақ фавҷи кабӯтарро,
Ситеғи кӯҳ месӯзад, пари кафтар намесӯзад.
Шаби ялдои инсон аз фурӯғаш субҳи давлат шуд,
Чароғе дар ҷаҳон мисли дили модар намесӯзад.
Агарчи як Бухоро дафтару девон дар оташ рафт,
Яқин омад: гумон месӯзаду бовар намесӯзад.
Мабар, эй мурғи мину, ҷойи дигар ошён з-ин боғ,
Гули боғе, ки шабнам дорад аз Кавсар, намесӯзад.
Пайи ҳар мӯри шабтобе дар оташ мезадам худро,
Дилам, то зиндаам, бар ҳоли худ дигар намесӯзад.
Аз ин оташ, ки дарди меҳанам дар ҷони ман афрӯхт,
Аҷаб бошад, агар бар хоки ман мармар намесӯзад.

*Июни 2011*

## ОДАМИЙЯТ

Буҳрон чу мор печад дар ҷони одамийят,
Ё Рабб, нигоҳ дор аз буҳрони одамийят.
Эй, бубули саҳархез, ровии хоҷа Ҳофиз,
Ҳар субҳдам фурӯ хон Қуръони одамийят.

Эй, нодиёни сарсахт, як лаҳза лаб набандед,
То як замон нахусбад виҷдони одамийят.
Ҳар субҳ дар хиёбон аз бордони худрез[1]
Резад замонаи дун хусрони одамийят.
То кай чунин биборад аз bому дар ҳақорат,
Эй кошифони рози кайҳони одамийят?!
Тайёра, тайр ин нест, ҷуз роҳи дайр ин нест,
Дар хатти сайр ин нест тайрони одамийят.[2]
Оли Имоми Аъзам! Соли Имоми Аъзам
Фурсат шумору нав кун имони одамийят.
Бағдод дод ҷӯяд дар хун тапад Фаластин,
Хезад зи хоки Афғон афғони одамийят.
Ҳарфе зи одамийят ифрот мешуморанд,
Гӯё ба сар расида даврони одамийят.
Аҳди азал ба ёд ор, байтулғазал ба ёд ор[3]
Эй он ки баста будӣ паймони одамийят.
Оё ки хушк гашта дарёи одамийят,
Оё гуҳар намонда дар кони одамийят.
Ҳарчанд ҳадди ман нест, ин аҷз садди ман нест,
То хешро бисозам қурбони одамийят.
Ин тоҷикона сар, ки фармон намепазирад,
Тоҷаш бинеҳ ба торак фармони одамийят.

*Апрели 2009*

## ШЕЪР

***Қаламам нест, балки ҷони ман аст.***

***Пайрав***

Қаламам килки устухони ман аст,
Дафтарам парниёни ҷони ман аст.
Ному нонам мабод аз дари шеър,
Шеър худ резахори хони ман аст.
Пираҳан бар танаш зи хоби шабам,
Кафш дар пояш аз равони ман аст.

---

1 Самосвал.
2 Таярони мурғ дидӣ, ту зи пойбанди шаҳват
Бадар ой, то бубинӣ таярони одамийят. (Саъдӣ)
3 Қуръаи фол ба номи мани девона заданд. (Ҳофиз)

Зевараш қатраҳои хуни дилам,
Шуҳраташ аз ғами ниҳони ман аст.
Чист ин шеър, то бинозам аз ӯ,
Дарди ман, доғи ман, зиёни ман аст.
Баркашида ба бурҷи руъёҳо,
Бар дари бурҷ посбони ман аст.
Офаринаш ба ҷойи нафрин аст,
Хотамаш муҳр бар даҳони ман аст…
Лек бо ин ҳама ҳамин шеър аст,
Ки бари дӯст тарҷумони ман аст.
Баркашад то маро зи чоҳи адам,
Расани нури осмони ман аст.
Дар дами беамони туфонҳо
Яккафарёди ал-амони ман аст.
Ҳамраҳи ғурбатам, рафиқи раҳам,
Меҳани ҷовидона они ман аст.
Бар фарози ситеғи бовари ман,
Парчами умри ҷовидони ман аст.

*Феврали 201*

## БУЛБУЛ

Чӣ мехонӣ, ту эй булбул? Ҳама такрор мехонӣ,
Ҳамон як достонро ҳар саҳар сад бор мехонӣ.
Агар ман як сухан такрор гӯям, хурда мегиранд,
Касе бо ту намегӯяд, ки аз перор мехонӣ.
Найистонро майистон мекунӣ аз мавҷи овозат,
Расули «Мантиқуттайрӣ»-ю аз Аттор мехонӣ.
Навои Борбадро ҳеч кас чун ту намедонад,
Ҳазорон сол танҳо ту ҳамон адвор мехонӣ.
Ҳама дору дарахт аз нашъаи ту ранг мебандад,
Ту чун Мансур ҳар гаҳ бар фарози дор[1] мехонӣ.
Паре аз каҷкулаҳ ҷаста, сафи мижгон ба ҳам баста,
Саре бар осмон боло, қаландарвор мехонӣ.

---

1 Як маънои «дор» дарахт аст.

Кӣ медонад, ки оёти Сулаймон аст, ё Довуд?
Кӣ мегӯяд, ки Ясно, ё ки Гоҳанбор мехонӣ?
Ту як мушти парӣ, охир, наметарсӣ, ки дар гирӣ?
Забони шуъла дар минқори оташбор мехонӣ.
Ҳамон донад, ки мушти хоки ту бо хуни ишқ омехт,
Кадомин роз мегӯӣ, кадом асрор мехонӣ.

*Феврали 2010*

## ДЕВОНИ НАВРӮЗ

Ҷаҳон паймонаи саршори Нӯшарвони Наврӯз аст,
Фалак, то ҳаст гардон, бар сари паймони Наврӯз аст.
Саросар баста озин бо ҳазорон гавҳари рахшон,
Надорад гарди ғам гардун, ки шодурвони Наврӯз аст.
Ғазал чун об мехонад, агар булбул ва ё мутриб,
Ба пеши чашми ҳар хонандае девони Наврӯз аст
Чу модар нуқли пинҳонро бурун оварда аз ганҷур,
Бисоти хок дастархони пурэҳсони Наврӯз аст.
Кушо чин аз ҷабин, ойинаи Наврӯз пеши рӯст,
Нишоти зиндагӣ аз чеҳраи хандони Наврӯз аст.
Ҷаҳон имрӯз чун фармонбари султони Наврӯз аст.
Адолат хӯшае аз паллаи мизони Наврӯз аст.
Насими Мӯлиён аз тарфи Сомонгирд меояд,
Душанбе пойтахти сабзи ҷовидони Наврӯз аст.

*Наврӯзи 2012*

## НОМАИ ЗАРИРОН

Фидои онон, ки беҳтар аз ман сухансароянду
бесадоянд,
Фидои онон, ки нойи ишқанду синачокони
бенавоянд.
Фидои онон, ки дар суроғи ситора рафтанду
барнагаштанд
Ва ҳар сабоҳе дар интизорам, ки аз паси қулла
мебароянд.

Фидои онон, ки дар фазои ҳақоратафшон
ба қалби хунин
Вуҷуди худро чу ғунчаи гул гираҳ бубастанду
порсоянд.
Фидои онон, ки захм дар дил, сиришк дар дида,
пой дар гил,
Ситода сад фитнаро муқобил, чу қалъаи оҳани
вафоянд.
Фидои онон, ки мавҷи Сурхобро ба пайғом
мефиристанд,
Ки дар канори зулоли Кавсар чу ташнаҷонони
Карбалоянд.[1]
Фидои рӯҳи парастувоне, ки аз лаби боми ғам
париданд,
На, донае мардумӣ начиданд, то баҳори дигар
биёянд.
Фидои пирону дастгирон, куҳантар аз «Номаи
Зарирон»,[2]
Хамида бар турбати далерон, ҳама шафоъат, ҳама
дуъоянд.
Фидои онон, ки рӯҳи худро ба ёрии бекасон
фиристанд,
Чу қалби хунин ба синаи хок бо ғами халқ ошноянд.

*Соли 2000*

## ГАВҲАРИ ИМОН

Бо манӣ, эй гавҳари поку муназзаҳ, бо манӣ,
Дар шаби андешаҳо чун партави маҳ бо манӣ.
Дасти дунёи данӣ аз доманат кӯтоҳ бод,
Дар хаёли дуру дар ҳар оҳи кӯтаҳ бо манӣ.
Бо тулӯъи субҳ дар тори навои булбулон,
Дар қиёми шаб ба зикри Аллаҳ- Аллаҳ бо манӣ.

---

1 Шаҳидони дарёӣ.
2 Асари бостонӣ

Гар ҷаҳоне ҷумла дар як ҳарф инкори ман аст,
Мӯ ба мӯ дар ҳастиям, эй ҷони огаҳ, бо манӣ.
Нестам з-он ҳамраҳони сустунсур, нестам,
Аз нахустин гом то поёни ин раҳ бо манӣ.
Гар даме мансурворам в-ар даме масъудвор,
Бар фарози дор бо ман, дар таҳи чаҳ бо манӣ.
З-он шаҳаншоҳон ҳамин як ёдгори родфар-
Сабз бодо осмонат, эй маҳанмаҳ[1], бо манӣ.

*Соли 2000*

**ТУ НА ТУӢ, НА ТУ ТУӢ**

***Дар посухи як «олим», ки ба Фирдавсӣ ва Мавлоно тавҳин кард.***

Эй шуда аз худат ниҳон, ту на туӣ, на ту туӣ,
Мункири миллату забон, ту на туӣ, на ту туӣ.
Ҷода ба ҷода, кӯ ба кӯ, лоя ба лоя, ту ба ту,
Ҷӯям агар зи ту нишон, ту на туӣ, на ту туӣ.
Пеш биёрам ойина, наъра занӣ: "На, на, на, на!
Ин на манам дар он аён!" Ту на туӣ, на ту туӣ.
Аз худи хеш даргурез бо буни хеш дар ситез,
Суд биҷӯӣ аз зиён, ту на туӣ, на ту туӣ.
Кас нашинохт кеши ту, риши ту гашта реши ту,
Хирс ба нози «нирвон», ту на туӣ, на ту туӣ.
Даъвии асл мекунӣ, решаи асл меканӣ,
Бо ҳама халқ бадгумон, ту на туӣ, на ту туӣ.
Ту чӣ ҳакими Тӯс кӣ, даъвии Файлақус чи?
Чӯҷаи Алп Арслон, ту на туӣ, на ту туӣ.
Баҳри Бухор Ҷӯҷиӣ, баҳри Ҳисор кӯчиӣ,
Баҳри Хуҷанд Улақнуён, ту на туӣ, на ту туӣ.
Ҳурмати Шамс бишканӣ, нур кучову кӯр чи?
Аз ту туро амон, амон, ту на туӣ, на ту туӣ.

*28 августи 2014*

---

1 Маҳанмаҳ - дар қиёси «шаҳаншаҳ».
2 Ишора ба ояи каримаи «Таназзаллул малоикату варрӯҳу фиҳо би изни Раббиҳим мин кулли амр». (Ва дар он шаб фуруд омаданд фариштаҳо ва Рӯҳ ба изни Парвардигорашон барои ҳама корҳо.)

## ТИЛИСМ

Даст барнамедорам як дам аз гиребонат,
То бурун намеорам аз тилисми шайтонат-
Эй дил, эй дили бебок, то каям кашӣ дар хок?
Кош он ки бирбудат, карда буд қурбонат.
Ҷои гул насими субҳ оташат ба сар безад,
Гар шабе намепечад дуди дил зи айвонат.
То ба кай ғамин бошӣ аз вуҷуди мо, эй дӯст?
Дасти марг бифшонад гарди мо зи домонат.
Зиндагӣ, зи чашмонам чанд хуни дил резӣ?
Ман ба саҳв агар боре гуфта будам осонат.
Зери коси вожунат косаи сарам бишкаст,
Сад ҳазор бор аҳсант, эй фалак, ба эҳсонат.
На маҳи шаби Нахшаб, на ситора , на кавкаб,
Кош будамӣ, ё Раб, нуқтае зи Қуръонат.
Хандаҳои ту, шоир, гиряҳои пинҳонист,
Аз фиреби мо бигзар, дидаем девонат.

*Соли 2001*

## БА МО САЛОМ МАКУН

Ба мо салом макун, то саломро накушанд,
Кабӯтари ҳарами эҳтиромро накушанд.
Ба дашти ваҳшати мо пайки меҳрубон мафирист,
Ки он ғазоли ғазалхони ромро накушанд.
Матин дилам ба сафи ҳар намоз меларзад:
Ба рағми банда, худоро, имомро накушанд.
Куноми хеш нагиранд хайли хаффошон,
Магар ба теғи шафақ мурғи шомро накушанд.
Дигар на ҷанги ситора, набарди устура-ст,
Наёраманд, магар эҳтишомро накушанд.
Бигӯ ба бонии он кулбаи муҳаққари мо,
Ҳилоли соҷиди он гӯшабомро накушанд.
Ба ҷанги чангизиён шишапора мерахшад,
Ба ҳуш бош, ки он Пири Ҷомро накушанд.
Ба боли нур гузар аз сарам, фариштаи меҳр,
Ба хоки мо начамӣ, ки хиромро накушанд.

*Соли 2004*

## ҒАМҲОИ ТУ

Ҳар шабам ғамҳои ту дар хуни дил тар мекунад,
Орзуи нолае дорам, ки маҳшар мекунад.
Ғайри ман дар арсаи ишқи ту даъвогар намонд,
Зиндагонӣ ҷои ҳар касро муқаррар мекунад.
Ҳар гаҳе аз ноумедӣ тан ба мурдан медиҳем,
Ишқ ногаҳ мерасад, моро музаффар мекунад.
Ҷисми худро мекунад сангар сари роҳи адӯ,
Ҳар касе андешае аз хоки модар мекунад.
Кист он устози мумтозе, ки бо зӯри ҳунар
Аз парешон хоки мо таъмири пайкар мекунад?
Сад шуҷоат мешавад дар пушти сангар бенишон,
Гар хиёнат он яке аз пушти минбар мекунад.
Эй басо кас, ки чу ҷон андар бараш мепарварӣ,
Чун ба садрат менишинад, кори барбар мекунад.
Шоиро, андар дуроҳи интихоб уфтодаӣ,
Мекунад теғи забон коре, ки ханҷар мекунад?
Ҳар киро дар дил бувад дардею дар хотир ғаме,
Шеъри моро, в-ар на аз бар кард, бовар мекунад.

*Соли 1989*

## ИХТИЁР

Хазоне навбаҳорандуд дорам,
Висоле интизорандуд дорам.
Ҳама бедору ман олойгӯён,
Ниҳоне ошкорандуд дорам.
Зи оғӯшам бирафту дар дилам монд,
Аз ӯ ёде канорандуд дорам.
Ҷунунтози ғамест андар дили ман,
Аз он оҳе ғуборандуд дорам.
Барам бар дӯш лавҳи гӯри худро,
Чӣ ҷабре ихтиёрандуд дорам.

*Соли 1991*

## ЗАНҶИР

Боз кун занҷирро, эй дӯст, Маҷнун нестам,
Хун ҳамегирям, вале қасди шабохун нестам.

Сарви озодам, ба ин фитрат маро парвардаанд,
Хок бар сар кам кунедам, ганҷи Қорун нестам.

Аз тунукобӣ битобад санги дил дар синаам,
Нилу Гангу Даҷлаву Сайҳуну Ҷайҳун нестам.

Ҳар кӣ уфтад дар бало, гирад гиребони маро,
Ал-амон, беҳимматон, ман чархи гардун нестам!

Қасди он доред агар, то гардани ҳам бишканед,
З-ин миён маъзур, ман санги фалохун нестам.

Ёри шайтон ноз дорад аз тафовутҳо ба ман,
Шукр Эзадро, к-аз ин маъҷуни малъун нестам.

Ёри Хуршедам, фалакро зери пар меоварам,
Шод меронам, ғами фардову эдун нестам.

Хонабардӯшему умри хешро тай мезанем,
Ман магар дарёям, аз ин рубъи маскун нестам.

*Соли 1999*

## ДОСТОНИ ҒАМ

Куҷост интиҳои ту, шаб, эй шаб, эй шаби табоҳ,
Мабод рӯзгор бо ту ҷовидона рӯсиёҳ.
Ҳазор достони ғам зи Юсуф офаридаанд,
Ҳанӯз ҳам сари расан намерасад ба зери чоҳ.
Ба минбару ба сангари шаҳодатат кашидаанд
Паямбарони беумам, сипаҳбадони бесипоҳ.

Ҳазор чашми хунталаб чу ҳалқаҳои дор боз,
Куҷо саре дигар кунад ҳавои тоҷ ё кулоҳ.
Замона бар вуҷуди мо чӣ кофарона бингарад!
Худойро, дили маро нигоҳ дор аз ин нигоҳ.

*Соли 2004*

## МОДАР

Барфи боми пирият бар сар ҷавониҳои моро,
Меҳрубоно, бахш ин номеҳрубониҳои моро.
Қомататро карда бори ғуссаҳои мо замингир,
Мекашӣ бар дӯш нози осмониҳои моро.
Мисли як барги хазонӣ, дасти сӯйи осмонӣ,
Хоҳӣ аз ҳафт осмон як бехазониҳои моро.
Чӯҷаҳои ту парешон, ту ҳама шаб зери болат
Гиря дорӣ ҳасрати беошёниҳои моро.
Рӯйи ту чун сафҳаи Мусҳаф шудасту метавон хонд,
Аз хати рӯйи биҳиштият нишониҳои моро.
Бо забони ту басе ҳамду санои халқ гуфтем,
Худ ту нашнидӣ замоне хушзабониҳои моро.
Пеши пойи лаҳзаи дидори покат мефишонам
Доғ дар дил лолаҳои ҷовидониҳои моро.

*Соли 2004*

## ВАТАН

Шабе фазои туро гар кунад сиёҳ, Ватан,
Сиёҳ бод бар ӯ рӯйи Меҳру Моҳ, Ватан!

Куҷо паноҳ барад ҷон зи фитнаҳои ҷаҳон,
Ба ғайри ту набувад ҳеч ҷонпаноҳ, Ватан.

Зи ҳар гуноҳ, ки мумкин бувад, мубарроям,
Ягона меҳри ту бошад маро гуноҳ, Ватан.

Саре, ки пойи ту бинҳодаам, набардорам,
В-агар ба дорам аз ин саҳву иштибоҳ, Ватан.

Замину обу ҳавову гулу гиёҳу дарахт
Ва дӯстону азизон, на молу ҷоҳ, Ватан.

Саломати сари мо бе Ватан муяссар нест,
Ба сар иваз натавон кард чун кулоҳ Ватан.

Миёни ин ватану боқии тамоми ҷаҳон,
Гар интихоб бибояд, дило, бихоҳ Ватан.

Зи ахтарони фалак фоли ту ҳамегирам,
Агар чу Бежану Юсуф равам ба чоҳ, Ватан.

Хуш аст рӯзи туву рӯзгори ту бе ман,
Мабод бе ту шавад рӯзи ман табоҳ, Ватан.

Ба хун тапида дигар дар бисоти ман нафасест,
Ва охирин нафаси ман ту ҳастӣ, оҳ, Ватан.

*Сентябри 2013*

## ҶАРИДА
***(Ба паямбарситезон)***

Касе ба доми шумо нест ё ба коми шумо нест,
Вуҷуди ӯ ҳама айб аст, агар ғуломи шумо нест.
Нафас агар бикашад, ғайри қасди ҷони шумо на,
В-агар ки дам бизанад, ғайри интиқоми шумо нест.
Расидаед ба авҷе зи ҷаҳл, ки напазиред
Низоми чарх, гар ангори бенизоми шумо нест.
Вафову сидқи самимона дар кадоми шумо ҳаст?
Риёву кизби ғарибона дар кадоми шумо нест?
Ҳазор теғи шумо бар гулӯи халқи Худо ҳеч,
Хатар ба теғи забоне, ки дар ниёми шумо нест.
Сикандарона битозед бар ҳарими Хизр
Ба буғзи оби ҳаёте, ки дар зуломи шумо нест.
Ҷаҳон ҷаридаи меҳри Набию Оли Набист,
Дар ин ҷарида давоми шумову номи шумо нест.

*Соли 2005*

## НИЁИШ

Маро ба гиря раҳо кардию ба ханда гирифтӣ,
Касам ба кас нагирифту маро ту банда гирифтӣ.
Танам ба банд набастӣ, дилам ба тир нахастӣ,
Ба нози чашми сияҳ оҳуи раманда гирифтӣ.
Умед тай зада буд сад замин варои қиёмат,
Зи мавҷи сели балоҳо маро ту зинда гирифтӣ.
Замона хост кунад хурд устухони маро ҳам,
Маро ту аз буни дандони ин даранда гирифтӣ.
Зи таъну уҷби ситорамаобҳо нарамидӣ,
Ту, осмонтаборо, чунин фиканда гирифтӣ.
Ба шоми тираи ман хилъати саҳар бикашидӣ,
Зи дӯши хастаи дил ҷомаҳои жанда гирифтӣ.
Чӣ марҳамест ба дастони меҳрубони ту, эй Дӯст,
Дили маро зи танӯри ҷаҳим канда гирифтӣ.

*Соли 2000*

## ЛАБХАНДИ ТУ

***Дӯстон аз манаш дуъо мабаред,***
***Зиндаам, номам аз ҳаё мабаред.***
***(Бедил)***

Чунат диҳам паём? Ҳаё мекушад маро,
Лабханди ту ба шаҳди «Биё!» мекушад маро.
Шамъи дилам ба тирашаби ҳаҷр зинда буд,
Субҳ омадасту фавҷи зиё мекушад маро.
Ҷонам ба шаъни маслахи ишқаш наяст, лек
Эй банда, даргузар, ки Худо мекушад маро.
Мо куштаи адовату кин тӯхтан наем,
Мавлои ман зи фарти вало мекушад маро.
Ҳар тори мӯйи ту дигарам дор мекашад,
Ҳар тири мижаи ту чудо мекушад маро.
Бар рағми деву дад ба қалам такя додаам,
То Дӯст бар мадори асо мекушад маро.

Аз дард ҷон агар надиҳам, чист ҳосилам?
Лобуд чу санги нанги даво мекушад маро.
Мерӯбадам зи гарди риё поку баъд аз он
Он довари хулусу вафо мекушад маро.

*Соли 2005*

## ҚАДР

Дили бедор, пур аз савту салоӣ имшаб,
Ҳама тасбеҳу таровеҳу дуъоӣ имшаб.
Ҳар чӣ аз моҳ бикоҳад, ба ту меафзояд,
Ҳама нурию сурурию зиёӣ имшаб.
Эй фалак, бо Зуҳалу Зуҳраву Хуршед маноз,
Бо ҳама дору мадорат ту зи моӣ имшаб.
Накунад, ки ба дилат ғусса биёбад роҳе,
Ки ба тазмини Ҳақ аз ғусса раҳоӣ имшаб.
Ба сарои ту фуруд омада мурғони ҷинон,[1]
Ҳайф бошад, ту пари ҷон накушоӣ имшаб.
Чӣ шабе ҳаст, ки беҳтар зи ҳазорон моҳ аст,
Кӯш, то қисмати худро бирабоӣ имшаб.
Гар ту ҳам сӯхтаӣ, бо кафи хокистари шаб
Занг аз ойинаи дил бизудоӣ имшаб.
Банӣ Одам, банӣ Одам, банӣ Одам! Ба худ ой,
Ба Худо, ки ту на шоҳӣ, на гадоӣ имшаб.
Бар сари суфраи ифтор чу кафтор мабош,
Боадаб бош, ки меҳмони Худоӣ имшаб.
Қадри худ гар нашиносӣ, кӣ шиносад қадрат,
Ҳукм бар хеш бикун, ҳукмравоӣ имшаб.
Бо Худо бошу ба худ бош, ки ин ҷамъиятест
Баҳри ту кофӣ, ар аз ҷумла ҷудоӣ имшаб.
Бо Худо бошу ба худ бош, ки ин салтанатест,
Ки туаш бар сари авранг биёӣ имшаб.
Рамазоно, на агар хидмати мо лоиқ буд,
Лаб ба шиква бари Довар накушоӣ имшаб.[2]

---

1 Ишора ба ояи каримаи «Таназаллул малоикату варрӯҳу фиҳо би изни Раббиҳим мин кулли амр». (Ва дар он шаб фуруд омаданд фариштаҳо ва Рӯҳ ба изни Парвардигорашон барои ҳама корҳо.)

2 Ишора ба мисраъе аз тасбеҳи Рамазон: «Ло таштакӣ минно ъинда

Рамазоно, ту маҳи мағфирату марҳаматӣ,
Кист, донад ба чӣ авсоф фазоӣ имшаб.
Ба ҳилолат, ки ба мо соз ҳақи хеш ҳалол,
Ба ҳилолат, зи сари сидқ бароӣ имшаб…
Дили бедор, зиҳӣ давлату иқбол туро,
Ки саломию дурудию салоӣ имшаб.[1]

*28 августи 2011*

## МУНОҶОТ

Эй Ёр, бар мо ҳам гузар, камтар зи дарё нестем,
Дар пои ту бинҳем сар, камтар зи дарё нестем.
Эй ёр, бар мо ҳам нигар, то масту дастафшон шавем,
Аз осмон гирем пар, камтар зи дарё нестем.
Аз санги раҳ маркаб кунем, доман пур аз кавкаб кунем,
Сад мавҷ афшонем зар, камтар зи дарё нестем.
Дар қалби мо дурри дарист, дар қалб ҳасту қалб нест,
Аз мо агар ҷуйӣ гуҳар,[2] камтар зи дарё нестем.
Ойинаи руйи туем, эй рӯйи ту рӯйи Худо,
Эй Дӯст, бар мо ҳам нигар, камтар зи дарё нестем.
Дар сина ганҷи бостон, бар лаб каломи ростон,
Суда ҷабин бар хоки дар, камтар зи дарё нестем.
Мегӯ бар он чашмобиён, он селаи мурғобиён[3]
Ин як паёми мухтасар - камтар зи дарё нестем.
Аз кӯҳсорон омадем, бо ҷоннисорон омадем,
Лабҳои хушку чашми тар, камтар зи дарё нестем.

*Соли 2004*

---

РаббинарРаҳмон».
1 Ишора ба ояи каримаи «Саломун ҳия ҳатто матлаъил фаҷр»
2 Гуҳар – нажод, сиришт.
3 Ишора ба мисраъи Мавлоно: «Он мурғи обиро бигӯ: мастон саломат мекунанд».

## МЕҲРНОМА

Ба ҷуз меҳрат таманное надорам, Тоҷикистонам.
Умедам, орзуям, ифтихорам, Тоҷикистонам.
Агар тақвими умрам сафҳаи таърихи сахтат нест,
Надорад тозагие рӯзгорам, Тоҷикистонам.
Агар дил як нафас ба ёди фардои ту мемонад,
Варо аз синаи худ мебарорам, Тоҷикистонам.
Агар аз фикри фирӯзии ту тоҷам ба сар набвад,
Ба гардун сар кашам, беифтихорам, Тоҷикистонам.
Наям булбул, ки танҳо мадҳи наврӯзи туро хонам,
Ки бе ту ҳар куҷое бебаҳорам, Тоҷикистонам.
Агар хокам, агар афлок, як гарди ту мебошам,
Чӣ миннат, гар ба поят саҷда орам,
Тоҷикистонам?
Ба ёдат дар ғарибӣ чашмаҳоро хоб медидам,
Шарики модари чашминтизорам, Тоҷикистонам.
Барои ман ту беш аз хонадоне нестӣ, ҳаргиз:
Бадахшонам, Зарафшонам, Ҳисорам,
Тоҷикистонам.
Ба ту пайванди ман то ҷовидон сарсабз хоҳад буд,
Чу мерӯяд гиёҳат бар мазорам, Тоҷикистонам.

*Соли 1982*

## БА ПОЙИ БЕСУТУН
***(Халқӣ)***

На сар гуфтам, на по гуфтам, на ҷон гуфтам, на
тан гуфтам,
Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан гуфтам, Ватан
гуфтам.
Ҳазорон бор “мо” гуфтам, касе ҳамдил нашуд,
аммо,
Ҷаҳоне зидди ман шӯрид, агар як бор “ман”
гуфтам.

Ба оён дил ниҳодам, дидаву дил бар аён бастам,
Ба ғурбат аз Ватан гуфтам, ба хилват анҷуман
гуфтам.
Сапедиҳои чашми интизоронро саҳар дидам,
Насим ар бӯйи хун овард, бӯйи пираҳан гуфтам.
Ҷунунамро чу Маҷнун нозиши саҳро надонистам,
Ба пойи Бесутун истодаму аз Кӯҳкан гуфтам.
Забони шамъи табъам гоҳ-гаҳ домони дил гирад,
Мабодо, ки пушаймон гардам аз он ки сухан
гуфтам. –
Пушаймон нестам ҳаргиз, сухан чун аз Ватан
гуфтам.
*Майи 2015*

## САФО

Эй кинаҳо, эй кинаҳо, берун равед аз синаҳо,
Чун занг аз ойинаҳо, ойинаҳои босафо.
То чанд гӯри ҳам канем, то чанд доми ҳам танем,
Охир на аз Оҳарманем, эй баччаҳои Моҳаво.[1]
Мо мисли кабкони ватан сайди ҳама зоғу заған,
Аммо ба ҳам минқорзан бо ғайрати бемунтаҳо.
Сад қитъа бо ҳам васл шуд, сад фаръ дар ҳам асл шуд,
Ман аз сари Санги Сафед, ту аз сари Санги Сиё.[2]
Ҳол ину даъвои Бухор, ёди Самарқанду Тахор,
Ҳарфе чунин беэътибор набвад ба девони қазо.
Ҳаргиз нахоҳам аҷзи ту, хонам ҳама дам раҷзи ту[3],
Аммо нахоҳам набзи ту ҷӯшад ба қабзи ҷони мо.
Эй кина, дар мо сард шав, в-ар дард хоҳӣ, дард шав,
Ҷон хоҳ, бо ҷон тард шав, то рӯҳи мо ёбад раҳо.
*Соли 2003*

1 Таъбири мардумӣ аз исми муборaки ҳазрати Ҳавво.
2 Номи деҳаҳои ҳамсоя (ба таври мисол).
3 Раҷз – раҷаз, сурудҳои қаҳрамонии рӯҳбаландкунанда.

## МАДҲУШИ ТУ

Дар хуни дил оғушта, дар оғӯши ту мирам,
Тақдир мабодам, ки фаромӯши ту мирам.
Бе гӯру кафан, бе ҳаваси маҷлиси мотам,
Бахт аст, ки дар домани гулпӯши ту мирам.
Рӯзе, ки ту фирӯз зи майдон бадар ойӣ,
Чун аскари захмин ба сари дӯши ту мирам.
То чанд ба озор таҳаммул битавон кард?
Охир сухане, дар лаби хомӯши ту мирам.
Нанг аст ба тадбир зи ту ғафлати ошиқ,
Мадҳуши ту, мадҳуши ту, мадҳуши ту мирам.

*Соли 1989*

## МАВҶИ ҲАСРАТ

Худо моро зи якдигар ҷудо кард,
Чи битвон кард, бо он чи Худо кард?
Ба киштӣ фард-фард афканд моро,
Дар ин дарёи тӯфонӣ раҳо кард.
Миёни мавҷи хуношоми ҳасрат
Хушо, он дил, ки битвонад шино кард.
Бинозам зӯри бозуи ғаматро –
Дили девонаамро порсо кард.
Худоё, шод кун бегонаеро,
Ки моро бо ғами ту ошно кард.

*Соли 1996*

## ШУКӮҲИ УМЕД

***Чиҳост бар сари ин қатраи муҳоландеш!***
***(Ҳофиз)***

Наёмадам, ки зи нойи касе нафас бикашам,
На аз ҳавои касе бар сарам қафас бикашам.
Наёмадам, ки ба сад фарвадин шукӯҳи умед
Ба хок афтаму нозу ниёзи хас бикашам.

Як аз ҳазор, на, бал сад ҳазор бар дили мост,
Ки аз азал ба абад бонги ин ҷарас бикашам.
Агар чу тӯб диламро ба пеши пой кашанд,
Муҳол бошад аз ин арса пой пас бикашам.
Малул аз он шудаам бо дили чу ойинаам,
Ғубори шакки нигаҳҳои ҳар асас бикашам.

*Соли 2007*

## СУР

Аз шароби ғуссаи садсола мастам кардаанд,
Огаҳон, оинасозон худпарастам кардаанд.
Оташам ҳаргиз намирад, обу хокам то худист,
Сар кашидам, ҳар қадар дар хок пастам кардаанд.
Оқибат аз шӯри ҳастӣ ман қиёмат мекунам,
Баски настангоҳи худ бар рӯйи ҳастам кардаанд.
Бими зулфаш теғро аз дасти ман афкандааст,
Мӯйи маъшуқи маро занҷири дастам кардаанд.
Он қадарҳо куштаандам, ки намемирам дигар,
Он қадар бишкаста, к-охир бешикастам кардаанд.

*Соли 1986*

## МАНШУРИ МАНСУРӢ

Макун бо мо видоъ ай ҷон, бубин чун зор меоям,
Ҳамин то як назар бинам туро, сад бор меоям.
Дилам дар остини ту, сарам бар остони туст,
Ба ҳар сӯе биронӣ, даври ин паргор меоям.
Ту хоки ташнаӣ, ман – обшори меҳри меҳандӯст,
Ба сӯят мисли дарё аз дили кӯҳсор меоям.
Ало, ай моҳи хомӯшам, агар созӣ фаромӯшам,
Ба гӯши хоби ту чун сози мусиқор меоям.
Сари гесӯи майгунат фарокаш мекунад ҷонро,
Ба ин маншури мансурӣ таҳи ин дор меоям.
Қасам бар чашми шаҳлоят, аз он мижгони лолоят,
Дусад теғам занӣ, бар кӯи ту хуншор меоям.

*Соли 2004*

## ПАРИ ҶОН

Садои оҳи ниҳони маро намешунавӣ,
Зи бурҷи ишқ азони маро намешунавӣ.
Миёни қаҳ-қаҳи мастонаи қадаҳнӯшон
Шикасти шишаи ҷони маро намешунавӣ.
Супурдаӣ дили худро ба шеваҳои ғариб,
Сукути дарди забони маро намешунавӣ.
Дар осмони шаби ҷовидони чашмонат
Садои боли лабони маро намешунавӣ.
Зи пушти панҷараи қасри оҳанини вафо
Садои пои гумони маро намешунавӣ.
Шабе, ки ҷон бидиҳам дар фароғболии ту
Ту шарфаи пари ҷони маро намешунавӣ.

*Соли 1999*

## НАСХИ МИЖГОН

Он охирин нигоҳи ту дар хотири ман аст,
Он тири барқи оҳи ту дар хотири ман аст.
Мехостам, ки лаб бикушоям пайи видоъ...
Лабҳои узрхоҳи ту дар хотири ман аст.
Сӯ-сӯи канда-кандаи нашкуфта ахтаре:
Лабханди гоҳ-гоҳи ту дар хотири ман аст.
Бо зиндагӣ ба марги дили ман гиристани
Чашмони бепаноҳи ту дар хотири ман аст.
Хомӯштар зи моҳии амвоҷи изтироб-
Ойину расму роҳи ту дар хотири ман аст.
Ҳар субҳ армуғони ту як боғи тоза буд-
Бӯи гулу гиёҳи ту дар хотири ман аст.
Дар нусхаҳои насхи[1] куҳан метанад дилам,
То мижаи сиёҳи ту дар хотири ман аст.

*Соли 2000*

---

1 Навъе аз хатти зебои куҳан.

## ҒАЗАЛИ РАВОН

Дигар он намеписандам, ки кашам камони худро,
Ба Худои худ супурдам ҳама душманони худро.
Ба ҳавои боли Симурғ расидаам ба авҷе,
Ки дигар зи ёд бурдам раҳи ошёни худро.
Ба фиғон зи дидагонат бибарам ҳаловати хоб
Ки ба рӯи ман набандӣ дари осмони худро.
На,
    куҷо ману куҷо ту, ба ҷалоли кибриё ту
Ба ҳумо ту соя бахшиву ман устухони худро.
Ҷамали шикастапоям, ба кавири ғам раҳоям,
Бари хорҳо сароям ғами сорбони худро.
Ҳама ҷо ки нақши пойест ба сӯйи Каъбаи Меҳр,
Биниҳам чу муҳр бар он лаби хунфишони худро.
Ту чунон ки, боғбоно, дили нор мефишорӣ,
Зи дили ҳазин фишурдам ғазали равони худро.

*Соли 2004*

## ХОКИ ТУ...

Нигаҳи ту нигорҳо дорад,
Гиряат обшорҳо дорад.
То наболӣ, гуле намерӯяд,
Хандаат навбаҳорҳо дорад.
Нест тасхири қалби ту осон,
Нози ту кӯҳсорҳо дорад.
Нарасад қадди умр бар дидор,
Баъди марг интизорҳо дорад.
Дашт хунину осмону камон,
Шоҳи Кайҳон шикорҳо дорад.
Чун тавон лоф зад, ки хоки туям?
Хоки ту шоҳкорҳо дорад.

*Марти 2014*

## ЭЙ ОФТОБИ БЕНИҚОБ

Хоҳам, ки барҳам барзанӣ ин даври субҳушомро
В-аз пеши рӯҳам бифканӣ ин пардаи авҳомро.
Эй офтоб, эй офтоб, эй офтоби бениқоб,
Анҷом деҳ оғозро, оғоз кун анҷомро.
Фарёди дарде мерасад бар гӯши ман аз дурҳо,
Ҷону ҷаҳоне нав сазад балғочи[1] ин пайғомро.
Эй шуъла, аз нав сар бикаш, ҷони маро дар бар бикаш,
Ҳуши маро аз сар бикаш, бе дона кун ин домро.
Ин ҷони дардолударо бар дардмандон ҳадя кун
В-ин ҷоми дурдолударо – риндони дурдошомро.

*Соли 1987*

## БА ЁДИ ГӮШАЕ

Дар ин ҷаҳон зи вуҷуде нишон намебинам,
Ки аз даре ба манаш бадгумон намебинам.
Ту хоҳ дӯст шаву хоҳ душмане бо ман,
Аз ин муомала суду зиён намебинам.
Нишондаанд бад-он рӯз ибни Одамро,
Ки дар хиёли касе ғайри нон намебинам.
Намондааст нишоне зи ҳиммати воло,
Ба рӯйи боми касе осмон намебинам.
Куҷо шудаст, азизон, ватан, куҷо шудааст?
Ки гӯшае ба ҷаҳон ончунон намебинам.
Аҷаб мадор, агар ман зи ҳаҷр кӯр шавам,
Ту ҷони ҷонию ман ҷони ҷон намебинам.

*Соли 1999*

1 Балғоч – шодиёна.

## ЁДБОД

Ёд бод он рӯзҳои шоду равшан ёд бод,
Бе ғаму ғурбат канори сабзи меҳан ёд бод.
Як хиёбон ҳафт шаҳри ишқ дар шероза дошт,
Ҳар дарахте бӯстон, ҳар ғунча гулшан, ёд бод.
Пуштидасти хандаи мо гардани ғам мешикаст,
Ёд бод, он зӯри бозуи Таҳамтан, ёд бод.
То ҳанӯз аз чашмам оби шавқи наргис меравад,
В-он кушоданҳои рози сабзи савсан ёд бод.[1]
Он намози сабз бар саҷҷодаҳои ҷодаҳо,
Он сухан, он ҳарф, он фарёди бефан ёд бод.
Пас аз он ҷуз оташу оҳан ба сар моро нарехт,
Охирин он гиряҳои абри баҳман ёд бод.

*Соли 2000*

## ЧӢ ОТАШЕ!

Чӣ оташест гирифт аз лаби фатилаи ман,
Маро ба ишқи ту сар мебурад қабилаи ман.
Ҳазор ҳулла кашидам зи шеър бар асарат,
Шукӯҳи номи ту аз ҳам гусехт ҳилаи ман.
Шунидаам, ки Худо ҳам ҷамол дорад дӯст,
Чӣ гуна дӯст надорам туро, ҷамилаи ман.
Намезудояд тасвири рӯят аз хотир,
Агар ки мил кашад хасм бар ду нилаи[2] ман.
Ҷаҳон ба шакли ту оростаст дар назарам,
Ба ҳар намод туро бингарам, шакилаи ман.
Чунин ҳилол ман аз луқмаи ҳалол шудам,
Туро ҳалилаи ту мар маро ҳалилаи[3] ман.

*Соли 2005*

---

1 Гули наргис рамзи интизор аст ва ишораи дигар ба Ҳофиз аст, ки фармуда: «Орифе ку, ки кунад фаҳми забони савсан!».
2 Нила – чашми нилӣ, осмонӣ ва дар мавқеъи ситез умуман – чашм.
3 Ҳалол

## НАМОЗИ ДИЛ

Меҳано, сӯҳони ғамҳоят маро шамшер кард,
Мисраъи шеъри маро дар чашми душман тир кард.
Шеъри ишқи ман намози дил ба даргоҳи Худост,
Бар Худо биспорам онро, ки каҷаш тафсир кард.
Қасди он ки гуфтаам тифлони меҳан гушнаанд,
Душманам бо дасти дӯст аз ҷони ширин сер кард.
Куштаву садпора кардандат, чу ман бигристам,
Ҳосидон гуфтанд: «Ин гирён туро таҳқир кард».
Ман ба ҳолаш гиряму бегонаро гирён кунам,
Ӯ вале бар ман бихандиду маро такфир кард.
Ҳар чӣ гӯяд душманат, бовар ба ҷонаш мекунӣ,
Ҳар чӣ гӯяд дӯст, мегӯӣ дигар тазвир кард.

*Соли 2004*

## ФИДОИ КӢ БОШАМ?

Ман омоҷи тири дуъои кӣ бошам?
Ба чанги бало аз балои кӣ бошам?
Сарам мехӯрад пеши ҳар пову погаҳ,
Ба чанги чӣ кӯрам? Асои кӣ бошам?
Ба ҳар ҷо ки будам, на бар ҷои хешам,
Ба ҷонат қасам, ман ба ҷои кӣ бошам?
Дил аз ҷони ширини худ баргирифтам,
Дигар бо чӣ рӯ, ошнои кӣ бошам?
Сукути тамомам садои кӣ будам,
Ҳама дарди хешам, давои кӣ бошам?
Бадаъвӣ шаҳонро гадотабъ дидам,
Бад-ин табъи шоҳӣ гадои кӣ бошам?
Пашизе наярзад агар ҷони ошиқ,
Фидои кӣ бошам? Фидои кӣ бошам?

*Соли 1995*

## ТӮФОНИ ҲОДИСОТ

Эй дӯст, киштаҳои хазонро нигоҳ дор,
Гулбонги андалеби азонро нигоҳ дор.
Сад шохраҳ ба пайкари ин шоҳраҳ заданд,
Эй шаҳсувори ишқ, инонро нигоҳ дор.
Тӯфони ҳодисоти дигар дар камини туст,
Эй даври чарх, тирукамонро нигоҳ дор.
Эй Юнуси замона, даво дар паёми туст,
Дар коми ин наҳанг забонро нигоҳ дор.
Эй бартар аз нишемани симурғат ошён,
Ин ифтихору иззату шонро нигоҳ дор.
Ин бор себ бар сари кӣ уфтодааст?
Эй Офаридгор, ҷаҳонро нигоҳ дор!

*Соли 2004*

## ХАЛҚ МЕХАНДАДУ МАН МЕГИРЯМ

Аз ғами ҳаҷр ба ҷон омадаам,
Аз вуҷудам ба гумон омадаам.
Ҳадяам ҷуз қалами хоре нест,
Аз гулистони хазон омадаам.
Саъйи беҳуда ба мурдоби ғамам,
Баҳри худ ҷумла зиён омадаам.
Ҳадафе нест маро ҷуз дили худ,
Сӯи худ аз чӣ камон омадаам?!
Халқ механдаду ман мегирям,
Тоза гӯё ба ҷаҳон омадаам.[1]

*Соли 1995*

1 Ёд дорам, ки вақти зодани ту ҳама хандон буданду ту гирён (Саъдӣ)

## АЗ СИТОРА ДУРТАР

Эй ба дил шикастанам аз ҳама далертар,
Аз ситора дуртар, аз тулӯъ дертар.
Ҳар чӣ бошитобтар аз ту дур мешавам,
Мешавӣ ту чун нафас бозногузиртар.
Дар дилам замон-замон мешавад ғамат ҷавон,
Ҳар қадар, ки мешавад рӯзгор пиртар.
Дар ҳарири бостон гашта пайкарат ниҳон,
Бӯстони бостон ҳаст дилпазиртар.
Хостам ба боли ту аз ҳама раҳо шавам,
Гаштаам ба чанги ту аз ҳама асиртар.
Гарчи дар ситамгарӣ аз ҳама фаротарӣ,
Гарчи дар фирефтан аз ҳама ҳажиртар,
Эй илоҳаи Сухан, ҷоми ҷоннавози ман,
Нест аз ту шаҳдтар, нест аз ту ширтар.

*Майи 2011*

## ПОС

Ё Раб, ба ҷуз ту ёри дигар нест, нест, нест.
Ҷуз тоъати ту кори дигар нест, нест, нест.
Дар соати фироқи ту аз чашми ашкбор
Некутар обшори дигар нест, нест, нест.
Ё Раб, ҳама умед ба лутфи ту бастаам,
Уммеду интизори дигар нест, нест, нест.
Дар чорсӯи даҳр ҳама вартаи балост,
Ҷуз амни ту ҳисори дигар нест, нест, нест.
Эй нури чашм, гарчи туро ҳеч кас надид,
Ғайри ту ошкори дигар нест, нест, нест.
Домони меҳри туст ҷаҳон ғурбат аз куҷост,
Бе даргаҳат диёри дигар нест, нест, нест.
Ҳар ҷо ки рафтаем, ба пос истодаем:
Ҷуз бо туам қарори дигар нест, нест, нест.

*Соли 1998*

## ОРЗУИ ШАҲИД

Мондагори шитобҳост дилам,
Санге аз селобҳост дилам.
Дарду доғи фироқу ваҳми висол-
Бахшҳоеву бобҳост дилам.
Аз уфуқ то уфуқ ҷилои видоъ-
Боқии офтобҳост дилам.
Нуқтаи таммати хати парвоз-
Қатри хуни уқобҳост дилам.
Рафта дар қаъри хоки хотираҳо:
Тиккаҳои шаҳобҳост дилам
Лолаи гӯри орзуи шаҳид-
Ахгари инқилобҳост дилам.
Мечакад аз вуҷуди сӯхтаам-
Чун сиришки кабобҳост дилам.
Чун Бухорои қарни ваҳшии бист
Пораҳои китобҳост дилам.

*Соли 2001*

## ЭЙ ДАРЁ

Туӣ, ки ҷовидона ба рафторӣ, эй дарё,
Туӣ, ки чун дили мо беқарорӣ, эй дарё.
Ҳазор печу хами роҳ пеши ту ҳеч аст,
Ба дӯши санги раҳи худ саворӣ, эй дарё.
Дилат зи гавҳари уммедҳо тиҳӣ машавод,
Ба гоҳи яъс туам ғамгусорӣ, эй дарё.
Ба пойи кӯҳ ҷабин молию аз ӯ гузарӣ,
Бузургию чи аҷаб хоксорӣ, эй дарё.
Ғубори роҳи талоше шавем, то нарасад
Ба рӯйи оинаворат ғуборе, эй дарё.
Дигар ба ишқ ҷунунро чи сон нигаҳ дорам,
Чу пеши чашми ҷаҳон ошкорӣ, эй дарё.
Кашам зи ҷебаи сина диле чу пайконе,
Камони тирукамон чун барорӣ, эй дарё.
Бубин, ки чашми фалак қасди куштанат дорад,
Бимирӣ ар ту, ба хорӣ бимирам, эй дарё.

*Соли 1989*

## ЯК ҲАРФ

Зи користони ҳиҷронат чӣ бо таъхир меоям,
Чу бо пойи бараҳна аз дами шамшер меоям.
Рақиби ман, Худо ёрат, гувоҳ аз ман чӣ мехоҳӣ,
Ки дар бозуи дил захм аз пайи занҷир меоям.
Чи менозӣ аз он холи сияҳ бар қалби хуншорам,
Ту аз сайди магас, ман аз шикори шер меоям.
Агарчи чун садои пойи филон нарму хомӯшам,
Ба гӯши хуфтагон чун наъраи ожир меоям.
Нигоҳи ошноеро намебинам, намебинам,
Ҳама рафтанд аз шаҳри садоқат, дер меоям.
Худо бо раҳмати бемунтаҳо бар ман бубахшояд,
Диле реш аз гуноҳу дар лабам такбир меоям.
Тамоми саргузаштамро тавонам гуфт бо як ҳарф:
Зи оғӯши ватан рафтам ҷавону пир меоям.

*Соли 2000*

## ШАФАҚИ ҶОВИДОН

Зи ҳама баҳо фузунтар, чӣ ба ройгон расидӣ!
Ту магар фаришта будию зи осмон расидӣ?
Чу насими беғуборе, ки ба раҳ кунад навозиш
Тану ҷони хастаеро, ту ба ман чунон расидӣ.
На зи қисматам умеду на зи бахтам ин ҳавас буд,
Ту зи чашми ин ду раҳзан ба чӣ раҳ ниҳон расидӣ?!
Дили ман баҳор дорад, сари ман хумор дорад,
Лаби ман шарор дорад, ки ба ҷои ҷон расидӣ.
Чу ҳанои гесувонат шафақи тулӯъи ман шуд,
Зи фано хатар надорам, ки зи ҷовидон расидӣ.
Нафасе дигар нахоҳам, ки зи худ кунам раҳоят,
Ба канори ман биёсо, ки ба ошён расидӣ.

*Соли 1990*

## ҲАДЯИ ОЙИНА

То кунун ҳар он чи гуфтам, гуфтугӯи хеш буд,
Ҷӯшиши ин куҳна май андар сабӯи хеш буд.
Бо таваҳҳум дил ба рӯйи хок дасте мекашид,
Ғарқ дар мавҷи сароби орзуи хеш буд.
Хоб дидам, душмани ҷонам ба чанг уфтодааст,
То шудам бедор, чангам дар гулӯи хеш буд.
Аз лаби ҳар ғунчае мехостам пайғоми дӯст,
Рӯй бар ҳар гул ки кардам масти бӯйи хеш буд.
Ҳеч дарёбор хоки тинаташро нам надод,
Оби рӯйи боғбон аз оби ҷӯйи хеш буд.
Хонаи ойинаро таъмир кардам, ҳадяе
Пеши ман бинҳоду дидам, акси рӯйи хеш буд.

*Соли 1912*

## ЭЙ ДӮСТ

Макун нисбат ба ину онам, эй дӯст,
Ман он астам, ки худ медонам, эй дӯст.
Касе ин сону он сон ҳаст, бошад,
Ман ин сонам, ки худ ин сонам, эй дӯст.
Басо тарсидаам аз ҷони душман,
На аз ин душманони ҷонам, эй дӯст.
Намонда дар ҷаҳон як бешаи роз,
Ниҳон дар ҷангали мижгонам, эй дӯст.
Бирав, бар шодхорон шодӣ афшон,
Ғами худро бинеҳ бар хонам, эй дӯст.
Ман он сангам, ки дар дил лаъл дорам,
Мадеҳ аз даст, ҳон, арзонам, эй дӯст.
Биё, ин панҷ рӯзам мири Наврӯз
Туро бар тахти гул биншонам, эй дӯст.
Биё, бе он мағалҳову муғулҳо,
Саропоят ғазал афшонам, эй дӯст.
Бикан аз тан қабои миннати ғайр,
Туро дар сози ҷон печонам, эй дӯст.
Фикан аз сар кулоҳи макри душман,
Ки ман дар пои ту сар монам, эй дӯст.

*Соли 2000*

## БЕБАҲОРӢ

Ба ҳарфи душманон марав, агар ки дӯст дориям,
Баҳор мерасад, биё, ки бе ту бебаҳориям.
Фузун зи дил гирифтамат, фузун зи ҷон шумардамат,
Ту, эй фузун зи ҳар шумар, ба кас намешумориям.
Чу хорҳо ба дидаҳо раво бувад халиданам,
Чу тутиёи чашми кас нагашт хоксориям.
Ҳазор ғам ба хотирам, агарчи ханда мекунам,
Ҳазор санг дар дилам, агар чу рӯд ҷориям.
Зи доманат маяфканам, ки дона нестам, аҷаб,
Кият фиреб дода, ки ба хок месупориям?

*Соли 1986*

## СИПАР

Хоре, ки бад-он қалби ту хастанд, шаҷар шуд,
Ҳар санг, ки бар шишаи ту зад, ҳама зар шуд.
Тире, ки ба сӯи ту фиканданд ба тазвир,
Сад тири қазоро пари он тир сипар шуд.
Захре, ки ба ҷоми ту фиканданд ниҳонӣ,
То лаб ба лаби ҷом бипайваст, шакар шуд.
Як айб ба сад худъа зи домони ту чиданд,
То бар сари бозор кашиданд, ҳунар шуд.
Мавло, чу ту аз ҳоли дилам бохабаре нест:
То оҳ кашидем ниҳон, чашми ту тар шуд.

*Соли 2004*

## ҒУССАИ ОШНО

Кибру риё дигар бувад, маснади кибриё дигар,
Қиссаи ошу нон дигар, ғуссаи ошно дигар.
Он чамане ки рустаам, ранги дигар гирифтааст:
Марғ дигар, мурғ дигар, нола дигар, наво дигар
Ҷони балабрасидаро ин чӣ паёми тозаест:
Нусхаи тоза боядам – дард дигар, даво дигар.

Зулмати беамони шаб рахназан аз ҳазор сӯ
Дам бидам, Офтоби ман, нур дигар! Зиё дигар!
Дил ба хато супурдаам, роҳи вафо сипардаам
Ҳеч хато вафо нашуд, саҳв дигар, хато дигар
Мурғи ҳақ ин наво ба хун мекашад аз ҷигар бурун:
Мо дигару шумо дигар, мо дигару шумо дигар.

*Соли 2004*

## ҶУНУНҶИЛВА

Дар ин замони ҷунунҷилваи ҳаливудӣ
Куҷо диле тапад аз нағмаҳои довудӣ?
Чи айб дида, ки бар рӯйи даҳр менигаранд
Зи пушти шишаи дудию айнаки дудӣ?!
Бисоти худ ба чӣ сайёрае фиристоданд,
Ки мекашанд ҷаҳонро ба сӯйи нобудӣ?
Хаёли оташи дигар ҳамепазад дар сар
Чамидапо магасе бо димоғи намрудӣ.
Мисоли кори ҷаҳондору қисмати фарҳанг-
Ҳадиси Пири Аҷам дону пили маҳмудӣ.
Шукуфаро насазад, к-аз фарози шохи баланд
Ба реша таъна занад, ки «чаро гилолудӣ?!».
Умеди ман ба дуъои масеҳанфосест,
Бихон, ки даст ба омин кашад Варорудӣ.

*Соли 2004*

## ШАМШЕР

Якрӯву якзабонаму покизаҷавҳарам.
Бебаҳсу бебаҳона басе парда медарам.
Бар ҳар саре баланд шудам, паст мешавад,
З-ин баъд бояд аз сари ҳар паст нагзарам.
То ҳастаи ниём будам, дастихуш будам,
Худро дар офтоб бидидам, ки дигарам.
Сарзер бингарим дар осуда рӯзгор,
Рӯзи масоф аз сари ҳар фард бартарам.
Дар баҳси «мову ман» чу зи инсоф бугзаранд,
Бе «мову ман» манам, ки дар ин арса доварам.

Ман озарахши хашми ғуломони саркашам,
Ман шеъри оташину забони Паямбарам…
Андӯҳ мехӯрам, ки маро занг мехурад,
Бинам сарон хамидаву андӯҳ мехурам.

*Соли 1988*

## СУРУДИ МАРЗБОН

Меҳано, чу чашми бедори посбони ту,
Як ситора хоҳам шуд зери осмони ту.
Метапад ба рагҳоям мавҷ-мавҷ Сурхобат,
Меҷаҳад зи чашмонам барқи Зарфишони ту.
Ҷон супурдамат сад раҳ, лек зиндатар гаштам
То ту зиндаӣ, меҳан, зиндаам ба ҷони ту.
Як тани тиҳӣ аз дил сӯйи ғурбат овардам:
Як қадам фурӯ н-омад дил зи ошёни ту.
Аз хазони ғамҳоят лола-лола рӯйидам
Фасли бехазон дорад ишқи ҷовидони ту.
Сайҳаи ту зорӣ нест, бонги сӯгворӣ нест,
Шери Ҳақ хурӯшон аст ҷавфи найситони ту.

*Соли 2004*

## ДАРАВГАРОН

***Дар ситез ба тавҳинкунандагони Паёмбар (с).***

Хуфт хуршеду ахтарон монданд,
Шуъла биншасту ахгарон монданд.
Паҳлавонон ба хок пайвастанд,
Даври ин чола доварон монданд.
Буд ҳар ҷо саре, буридандаш,
Дар ҷаҳон ҷумла бесарон монданд.
Қорч мерӯяд аз карон ба карон,
Баъди тундар ҳамин карон монданд.
Хатм шуд ваҳйу хатм шуд танзил,
Қотилони паямбарон монданд.
Дашт холӣ шуд аз гияҳ, бигурез,
Дос дар каф даравгарон монданд.

*Соли 2005*

## БАР БИСТАРИ СУРУД

Бар бистари суруди ман, эй симбар, биё,
Бар чашми шабнишаста чу нури саҳар биё.
Эй нӯши ҷону нашъаи саршори орзу,
Парварда оташе ба лабон аз ҷигар, биё.
Дерест ғайри таъна зи мардум надидаам,
Талх аст рӯзгор, биё, эй шакар, биё.
Аз ин ғаме, ки дам ба дам ояд, ту ёд гир,
Бе пайку бе паём биё, бе хабар биё.
Боқист то ҳанӯз ба лаб ними ҷони ман,
Дар вопасин нафас чу паёми зафар биё.

*Соли 2000*

## БЕДИ САФЕДМУН

Беди Сафедмуни[1] ман ҳол ту истодаӣ?
Пир нагаштаӣ ту в-аз пос науфтодаӣ?
Беди Сафедмуни ман, хокнишини сабзпӯш,
Пайкари Хизри хотирот, сӯфии софу содаӣ.
Боди шамоли Дашти Бӯз шона занад туро ҳанӯз?
Ҷойнамози сояро бо қади худ кушодаӣ?
Хирқаи пора-пораат рӯи замин нарехтаст?
Хирқаи ҳадяи маро хайри касе надодаӣ?
Беди Сафедмуни ман фотиҳахони рӯи раҳ,
Ҳар сафарам ба рӯи раҳ дасти дуъо кушодаӣ.
Ҷумла ҷаҳон ба сад ҷунун ҷилвасавор меравад,
Муршиди ҷилванописанд, такя бо хок додаӣ.

*Соли 1998*

---

1 Номи хоси дарахти таърихӣ ва номи мавзеъҳои маълум дар зодгоҳи муаллиф ба кор рафта, ки аслаш Сипандмун будааст.

## БЕ НИШОНӢ

Бадгумонӣ, нозанино, бадгумонӣ, бадгумонӣ.
Бадгумонӣ худ нишоне бошад аз номеҳрубонӣ.
Гар бигӯям: дӯстат дорам, ту бо ман меситезӣ,
В-ар бигӯям: гуфтане дорам, даме танҳо намонӣ.
Андар ин шаҳре, ки фасли гулшукуфташ барф борад,
Барфи пирӣ бар сарам борид дар фасли ҷавонӣ.
То ба ин афсун магар дилро тасаллое бубахшам,
Дар дили шаб менависам номаҳое бенишонӣ.
Эй дили ғамкуштаи ман, бо қади хамгаштаи ман
Хӯшаи лаъле сари ангушти разбун дар хазонӣ.
Эй гулафшон такдарахти нозпарвар, ноз кам кун,
Сӯйи мо бин, чист моро ҳосил аз он ҷонфишонӣ.
Чашми имрӯзам ба ёди рӯзи фардо ашкбор аст
Ман…
ки будам орзуи рӯзгори ҷовидонӣ.
Бигзарад рӯзат ба шодӣ, эй ки аз мо ҳам гузаштӣ,
В-ончи бар мо бигзарад, ҳаргиз набинию надонӣ.

*Соли 2003*

## ТАСБЕҲИ АШК

Ҳар субҳу шом сӯйи Ватан саҷда мекунам,
Дар дил ҳазор захми куҳан саҷда мекунам.
Тасбеҳи ашк бар сари ангушти мижагон,
Ҷон бар лабу ба рӯи кафан саҷда мекунам.
Рӯям ба қибла, ки ватанам сӯйи қибла аст,
Сӯйи ватан ба ваҷҳи ҳасан саҷда мекунам.
Гарчи тиҳӣ шудам зи навоҳои булбулӣ,
Чун ҳудҳуди Сабо ба чаман саҷда мекунам.
Ҳар шом то ба субҳ чу як шамъи поксӯз
Танҳо на як ҷабин, ҳама тан саҷда мекунам.
Бӯйи Ватан агар бирасад аз сухан маро,
Мисли қалам ба пойи сухан саҷда мекунам.

*Соли 2000*

## БАРОДАР!

Туро, эй бародар, Худо офаридаст,
Худоро магӯ нораво офаридаст.
Ниҳодаст бар торакат тоҷ аз ақл,
Туро аз азал подшо офаридаст.
Агар марг дода, бақо низ додаст,
Агар дард дода, даво офаридаст.
Бубин тифлро соф чун қатраборон,
Туро ҳам чунин порсо офаридаст.
Наёварда Қорун касеро ба гетӣ,
На касро зи аввал гадо офаридаст.
Гирифтор оию роҳе наёбӣ,
Зи шаш сӯй роҳи дуъо офаридаст.
Ба уммед бингар, Худо, ин ҷаҳонро
Саросар ба ту ошно офаридаст.
Маёзор мӯре, бияндеш к-онро
Худоест, к-ӯ аждаҳо офаридаст.
Маёзор худрову навмед маншин,
Худо бо умеде туро офаридаст.

*Соли 2007*

## ЁД

Уммед зинда аст, агар ёд зинда аст,
Ҳар банди ин дарахт зи бунёд зинда аст.
То метапад дилат, ки канад кӯҳи яъсро,
Дар Бесутуни ҳасти ту Фарҳод зинда аст.
Як санги кӯҳсори ватан бешарор нест,
Дар ҷавфи санг ҳам дили озод зинда аст.
То дасти модарон ба сари сабзи зиндагист,
Уммед бар шафоату имдод зинда аст.
Асли ту дар ту ҳаст, ки аз он дами Суруш
Дар нойи устухони ту фарёд зинда аст.
Дар чорсӯйи ту ҳама пайкори худгарист,
Путки гарону Коваи Ҳаддод зинда аст.

Ман «зиндабод» менасароям, ки ин ватан
Бо зиндабоди ман на, ба эҷод зинда аст.
Вақт аст, то ба муъҷиза эҳёи худ кунем
Бо он фару шукӯҳ, ки аҷдод зинда аст.
Бедил, ба панди ту дили ман кор мекунад,
Бо шод зинда асту ба ношод зинда аст.

*Июни 2011*

## МАСДАР

Эй дашти лолаҷӯш, зи гул афсари ту нест,
Ин кӯҳи сарсафед агар бар сари ту нест.
Нозанда гулбун, ин ҳама нозандагӣ набуд,
Гар гиряҳои рӯзу шаби модари ту нест.
Бо ту чӣ гуна шарҳ тавон дод, ки маро
Захме ба дил шукуфта, ки дар пайкари ту нест.
Як ҷуръаи нишот талаб кардам аз Худо,
Фармуд: Лоиқи дили ғампарвари ту нест.
Бишкуфт боғи бовараам аз як нигоҳи ту,
Ҷонам ба лаб расида, вале бовари ту нест.
То чанд шиква мекунӣ аз гардиши фалак,
Ҷоно, чу банда ҷумла ҷаҳон чокари ту нест.
Тасрифи меҳр карда ба тафсири номи ту,
Дидам, вафо, дареғ, ки дар масдари ту нест.

*Маи 2009*

## ДАР ОСТОНИ ЗИМИСТОН

Намонд гул ба гулистон дар остони зимистон,
На як ҳазору на дастон дар остони зимистон.
Ба зери пориса гунҷишкҳо чу аҳли дабистон
Кушода маҳфили чистон дар остони зимистон.
Фиканда ҷома зи тан чун набарда муштзанон аст
Чанори бонии бустон дар остони зимистон.
Ба поси мӯйи сафедаш, сапеду пок навидаш
Зада ба зону куҳистон дар остони зимистон.

Ба паҳлу афтаду хезад, ба бол барф бибезад
Ба боғ зоғ чу мастон дар остони зимистон.
Нишаста об зи фаввора ё ки Гови Заминро
Намонда шир ба пистон дар остони зимистон?!
Сапед ранги шакар бин шакарнами саҳариро
Чаман шуда сари Дастон дар остони зимистон.
Фитода ҷоми булӯрӣ магар миёнаи сангоб
Зи дасти бодапарастон дар остони зимистон?
Хазон бибурд ба ғорат ҳазор рангу аз он беш
Кунун зи оташ бистон дар остони зимистон.

*30 октябри 2010*

## ДАР КУҶО БУД?

Ин савсану лола дар куҷо буд?
Ёли яли ёла дар куҷо буд?
Ин селаи булбулони ошиқ,
Ин зораву нола дар куҷо буд?
Эй оҳуи лаб ба косаи санг,
Ин косаи мола дар куҷо буд?
Бар дашти ғазал ҳамезанад сум,
Ин маст ғизола дар куҷо буд?
Эй моҳ, куҷо чунин хиромон?
Ин зевари ҳола дар куҷо буд?
То пошнаи Арусисангӣ[1]
Гесӯи шалола[2] дар куҷо буд?
Меруфт зи дида хоб соқӣ,
Мегуфт: Пиёла дар куҷо буд?

*Апрели 2012*

1 Арусисангӣ – ёдгории асотирии табиӣ
2 Шалола – шаршара.

## ОҲАНИ ДИЛ

Дасти дил – домани Ҳақ, дасти ғамат – домани дил,
Ҳамчу пироҳани Юсуф шуда пироҳани дил.
Дар зи фӯлод ниҳодию бубастӣ зи дарун,
Магарат бас набуд, эй ойинарӯ, оҳани дил?
Бувад оё ки даме хилвати нозат шиканӣ,
Мояи ноз чӣ кам доштӣ аз маъмани дил?
Гаҳ ба дарё бизанад, гоҳ дар оташ ронад,
Шаҳсавори ғамат аз по фиканад тавсани дил.
Ҳеч андӯҳи ғарибӣ зи хаёлам наравад,
Ҷовидон додаам аз даст магар меҳани дил?
Барф бо бод кашад бол ба рӯи дили ман,
Оҳ пар мекашад аз обшуда оҳани дил.

*Феврали 2010*

## ҲАНӮЗ?

Ҳанӯз ройи ҷаҳон бар идомати ҷанг аст?
Даруни синаи мардум ба ҷои дил санг аст?
Хаёл карда будам, ки сипанд месӯзанд,
Дареғу дард,ки дар миҷмари ҷаҳон банг аст.
Чи пӯчу ҳарза бувад лофи маърифатхоҳӣ
Аз он ки мояи судаш матои найранг аст.
Миёни аҳли қалам ҷангҳои тифлон-аст,
Ба рӯйи ҳар кӣ назар мекунӣ, пур аз ранг аст.
Дилам ба ҳоли ту беш аз ту сӯзад, эй хуршед,
Барои дидани ту чашми осмон танг аст.
Бирав, ба кӯрии аъдои миллати тоҷик,
Нидо бидеҳ,ки замони калилу авранг аст.

*Соли 1998*

## Ё СОҚӢ

Ало ё айюҳассоқӣ, сaборо бӯи тӯфон аст,
Пиёла мола кун, ҳарчанд дасти бахт ларзон аст.
Саҳар то шом, шаб то рӯз сел аз дида меборад,
Ҷаҳон аз бими фардо сарбасар як чашми гирён аст.
Лаҳадчашмо, чӣ сон дар як маҳал гунҷониям, охир,
Ки як мушти ғуборам дар ду олам бас парешон аст.
Ба ҳар пире, ки рӯи одамӣ дорад, сано хонам,
Ту пиндорӣ, ки инсон зистан як умр осон аст?!
Ба чашми халқ рангин айнаке кардем симоро,
Зиҳӣ айнак, ки аз иксири он олам гулистон аст.
Ватан то оҳаниндил шуд, дил аз оҳанрабо кардам,
Ба ҳар ҷойе, ки рафтам, қутби рӯҳам Тоҷикистон аст.
Чунин то чанди дигар метавонам шеър паймудан?
Ки ҳар ҳарфе ба лаб меоядам, як пора аз ҷон аст.

*Апрели 2009*

## ЗИ ҶОИ ДИГАР

Он нӯш бар мо неш шуд, фармон зи ҷойи дигар аст,
Ин бандаи бечoраро имон зи ҷойи дигар аст.
Чун лолаву райҳон буд ӯ, бо мо ҳама хандон буд ӯ,
Ин лаҳза чинаш бар ҷабин печон зи ҷойи дигар аст.
Монанди обу ойина гар сода гӯям ҳарфро,
Ҳар лаҳза ҳайрон мешавад, ҳайрон зи ҷойи дигар аст.
Фармон зи ёдаш меравад, як лаҳза хандон мешавад,
Ногаҳ пушаймон мешавад, шайтон зи ҷойи дигар аст.
Ман дар ғами ӯ мондаам, бар хеш даст афшондаам,
Дӣ аз диёри хеш буд, ал-он зи ҷойи дигар аст.
Ё Раб, зи чанги дигарон бистон варо, бар вай бибахш,
Озода инсон буд ӯ, ин сон зи ҷойи дигар аст.

*Соли 2007*

## АЗ ДАСТ МЕРАВАД

Як-як ҳар ончи омада, аз даст меравад,
Моҳии умр дар даҳанаш шаст меравад.
Ному нишону ҷоҳу ҷалол, эй ҷалилдӯст,
Гар нест, ғам махӯр, ки агар ҳаст, меравад.
Бо пойи худ касе наравад з-ин саро бурун,
Ҳушёр мерасад ҳамаву маст меравад.
Дар ҷоми ҷони ман чу садое нишаста буд,
Мисли садо зи ҷом, ки бишкаст, меравад.
Бигзор хуш равад, бинигар, то чӣ осмон,
Он мурғ, ки зи дом бурун ҷаст, меравад?
Бо риштаи дубофтаи меҳру орзу
Он ки маро ба пои вафо баст, меравад.
Як дил маро зи дори ҷаҳон монда буд ба каф,
Чашмат паём дод, ки аз даст меравад.

*1 майи 2009*

## АНДЕШАИ МАРДУМ

Ман санг наям то шиканам шишаи мардум,
Чун бед ҳамеларзам аз андешаи мардум.
Ҳар бор, ки оташ зи дилам сӯи лаб ояд,
Чун шер бурун меҷаҳам аз бешаи мардум.
Сад қаҳт нахушконида як қатраи ашкам,
Дар дидаи мо сабз бувад решаи мардум.
Уммед ҳама киштаву хуршед дурудем,
Будем ҳаройина чу ҳампешаи мардум.
Чун реша фаротар зи гили хеш набурдем,
Дар решаи мо нест пайи тешаи мардум.

*Соли 2009*

## КАДОМ БАҲР?

Ба худ хазидаму аз худ намеравам ҷойе,
Агар чу мӯр шавад мӯбамӯи ман пойе.
Худойро чу қувонам ба авҷи ҷон бикашон
Савори мавҷи ғазалвораҳои дарёӣ.
Ба ҳеч сурати бегона дил намебандам,
Мисоли ойина безорам аз худоройӣ.
Миёни дил бинишастӣ, ҳисор дарбастӣ,
Нидо диҳӣ зи дарун, ки «Чаро намеойӣ?!»
Дудаста мушт занам хунчакон ба тахтаи дил,
Нидои ту ҳама ғамзасту не-т парвое.
Замона гарчи ғазал бехудона мехоҳад,
На ҳарфи ҳар дару бом аст рози шайдоӣ.
Биё, ба гӯши ту овезам ин амонатро,
Ту донӣ, ин ки на бозориям, на савдоӣ.
Агар зи маҳмили Лайло суруд мешунавам,
Ҷунуни ту бизанад захмаҳои лай-лоӣ.
Барои ту зи лаби дигарон сухан гӯям,
Ту огаҳӣ, ки чи мавҷу кадом дарёе.
Ту огаҳӣ, ки гуҳар аз куҷову баҳр кадом,
Кадом ҷилваи сидқу, кадом руъёе.

*Июли 2009*

## БАР МАЗОРИ ОРЗУҲО

Бар мазори орзуҳоям чароғи куштаам,
Роҳи дарёро дигар карданд, боғи куштаам.
То напаррад сӯи ин мазраъ дигар паррандае,
Сарнигун бар дори ваҳшат як калоғи куштаам.
Дӯшбори ноҳамолон, наъши Ҳобилам кунун,
То қиёмат мечакад хун аз димоғи куштаам.
Бас зи тақсими ғаноим нест ёронро фароғ,
Кас намегирад дар ин майдон суроғи куштаам.
Сурхии рӯяш фақат арзи хиҷолат бишмаред,
Лолае гар сар занад рӯзе зи доғи куштаам.

*Сентябри 2012*

## ХАТИ ФАРДО

Эй азизони ватан, ҷони ватанро бихаред,
Эй намакхорагиён, нони ватанро бихаред.
То шавад пеши падар рӯи шумо низ сафед,
Додарон, Юсуфи Канъони ватанро бихаред.
Обрӯи ватан имрӯз чу дарё шудааст,
Мавҷи дарёи парешони ватанро бихаред.
То ба кай чанги бахилон ба гиребони ватан?
Сар ба каф монда гиребони ватанро бихаред.
Садди оҳан бифарозед сари роҳи фасод,
Покии кисаву домони ватанро бихаред.
Коххоро бинишонед пайи кохи умед,
Шарафи кулбаи аҳзони ватанро бихаред.
Ба ҳама хости норост хати рост занед,
Хати фардои дурахшони ватанро бихаред

*Феврали 2010*

## БО МО

Фалакро хашми пинҳонест бо мо,
Ҷаҳонро кини сӯзонест бо мо.
Гаҳе дар об дорад, гаҳ дар оташ,
Замонро давру давронест бо мо.
Бирав, эй дев, девонат фурӯ шӯй,
Ба лавҳи сина Қуръонест бо мо.
Мазан моро ба санги камбаҳоӣ,
Куҳистоне, Бадахшонест бо мо.
Магар бо зулфи худ паймон бубастӣ,
Туро аҳди парешонест бо мо.
Зи ҳамчашмӣ ҳама тарфе, ки бастем,
Ҳамин як чашми ҳайронест бо мо.
Бирезад то ба домони Бухоро,
Ҳамон дасти зарафшонест бо мо,
Ҷавоби он атоҳо Рӯдакиро
Ба поси Оли Сомонест бо мо.

Агарчи доманат аз даст додем,
Ба ҷубронаш гиребонест бо мо.

* * *

Ҷаҳонеро сари ҷанг аст бо мо,
Дили ҳафт осмон танг аст бо мо.
Гуноҳи мо ба ғайри ин набошад,
Ки фарри тоҷу авранг аст бо мо.
Хатое ҳаст агар моро, ҷуз ин нест,
Ки ишқи илму фарҳанг аст бо мо.
Рухе, ки мисли аржанг аст бо ғайр,
Ҳама чин асту ожанг аст бо мо.
Даво ҷӯем чун аз чашми гардун?
Сипанди лӯлиён банг аст бо мо.
Аз он қисмат, ки карданд Осиёро,
Ҳамин як осиёсанг аст бо мо.

*Декабри 2008*

## ДОДХОСТ

Дашном диҳӣ, дуруд хоҳӣ,
Дилро шиканӣ, суруд хоҳӣ.
Эй чарх, зи чист силии ту,
Ин халқ чу худ кабуд хоҳӣ?
Бо санги ситам бисуда моро,
Аз судаи мо ту суд хоҳӣ.
Бар бод диҳӣ вуҷуди моро,
Аз гарди вуҷуд ҷуд хоҳӣ.
Эй мункири ишқ, асар чӣ ҷӯйӣ,
Аз оташи ишқ дуд хоҳӣ?
Эй Ёр, зи бенишон бароем,
Аз ном агар намуд хоҳӣ.
Он қадр, ки дар ҷаҳон нагунҷем,
Гар кӯрии ҳар ҳасуд хоҳӣ.

*Декабри 2008*

## ВАҚТ

Вақт мисли навор мегузарад,
Норасида баҳор мегузарад.
Монда фардои мо ба пушти парер,
Соли оянда пор мегузарад.
Нонавишта ҳанӯз хатти «гузар-
нома»[1] аз эътибор мегузарад.
Роҳу бераҳ пиёда метозем,
Гард аз мо савор мегузарад.
Тир вопас биёяд аз парвоз,
Боз фасли шикор мегузарад.
Ранг дар килк лаъл мебандад,
Нақшҳо аз нигор мегузарад.

*Феврали 2011*

## ЛУТФИ СОҚӢ

Нафас чу қатъ шавад, мадди оҳ мемонад,
Раванда мегузарад, хатти роҳ мемонад.
Пас аз ҳазор савобу пас аз ҳазор иқоб
Ҳамон ҳадиси нахустин гуноҳ мемонад.
Гирифт туҳмати одам ба гург дар Гургин,
Даҳони боз зи ҳайрат ба чоҳ мемонад.[2]
На маҳви меҳри ту гар ҳаст, аз офтобпараст
Сари хамидаву рӯйи сиёҳ мемонад.
На як манам ба сутӯҳ аз суроғи сарди дама,
Нигар ба кӯҳ, ки ӯ ҳам кулоҳ мемонад.
Шикаста косаи як лола бар мазори Нишот
Зи лутфи охири соқӣ гувоҳ мемонад.

*2 январи 2011*

1 Гузарнома – паспорт.
2 Ишораи қиёсӣ ба достонҳои Юсуф ва Бежан.

## ТАСХИРИ БОВАР

***Муҳити бехудӣ мансурҷӯш аст,***
***Ба мастӣ ҷузвро кул метавон кард.***
***(Бедил)***

Агар тасхири бовар метавон кард,
Ҷаҳонеро мусаххар метавон кард.
Сари ришта чу дар дасти фариштаст,
Аз ин афсор афсар метавон кард.
Зи гил гар сар кашад Яъҷуҷу Маъҷуҷ,
Зи дил садди Сикандар метавон кард.
Наяфсурдаст то иқболи меъроҷ,
Зи пои дор минбар метавон кард.
Зи дил гар сар барорад, чун раги шамъ,
Забонро тоҷ бар сар метавон кард.
Биёву бишнав аз най хуш мақоле:
Шаранг аз шукр шаккар метавон кард.
Ту машкан шишаи дилро, ки осон
Аз ин ойина ханҷар метавон кард.
Чу номат рафт, шуд садпора нома,
Зи ҳар пора кабутар метавон кард.
Чӣ ҷойи шиква аз машраб, ки ҳар дам
Лабе дар хуни дил тар метавон кард.

*Марти 2011*

## ЁД НАДОРАМ

Гар рост бигӯям нафасе шод надорам
В-ар дошта, кай доштаам, ёд надорам.
Сад зилзила бигзашт зи иқлими вуҷудам,
Дар шаҳри дилам хонаи обод надорам.
Гаҳ-гоҳ бипурсанд, ки «эҷод чӣ тур аст?»,
Дар дафтари чашмам ба ҷуз ин сод надорам.
Ғамҳои ватан домани ҷонам бигирифтаст,
Фарёд, ки ман қуввати имдод надорам.
Дил ҳам… қадаҳе буд пур аз хун ба кафи ту,
Бишкаст, чу дар пои ту уфтод, надорам.

*Октябри 2010*

## ЯҚИН ДАР МАҶОЗ

Ман дар ин маҳшари пиндор туро меҷӯям,
Аз яқин соғари саршор, туро меҷӯям.
Мекашам хор ба дандон зи таҳи нохуни ёд,
Аз дили лаззати озор туро меҷӯям.
Бишканам садди забонҳои чу оташ печон,
Чу Сиёваш зи дили нор туро меҷӯям.
Эй кабӯтар, ту куҷо, шохаи зайтуни ту ку,
Пас аз ин кинаву пайкор туро меҷӯям.
То намонад зи дарат дур сари гардонам,
Ҳама ҷо, нуқтаи паргор, туро меҷӯям.
Дар дилам дастфишон рақс кунииву чӣ аҷаб!
Ман зи Фарғонаву Фархор туро меҷӯям.

*Октябри 2015*

## ОҒОЗ

Саҳар аз чашми ту оғоз дорад,
Уфуқҳо аз шукӯҳат ноз дорад.
Нишонандам чу оташ дар дили санг,
Хаёлат дар дилам парвоз дорад.
Машав ҳайрон зи оҳи пайҳами ман,
Қазо сад тири беовоз дорад.
Дило, ғофил марав аз тарфи ин боғ,
Ҳамон себе, ки хурдӣ, ғоз дорад.
Кӣ дар гесуи ту ранги ҳано дид?
Ки аз хуни дилам пардоз дорад.
Ҳанӯзаш модари гетӣ назода,
Касе к-ӯ аз ту моро боз дорад.

*Сентябри 2015*

## ДЕВОР

Аз санги сарди тардид, аз хишти хоми пиндор,
Бар даври якдигар мо бардоштем девор.
Девори осмонбӯс бо номи “нангу номус”,
Маҳкамтар аз сияҳбед, болотар аз сапедор.

Дарёи зиндагонӣ мечӯшаду канораш
Биншастаем ғамгин бо шеваи бутемор.[1]
Инҳо зарар надорад, ҳоло ту бохабар бош,
Ҳаргиз мабод фарде коре кунад ҷуз ин кор.
Ҳаргиз мабод фарде бо орзу бисозад,
Ҳаргиз мабод марде коре кунад, ҷуз инкор!
Ин хоби хуштарин аст, рамзи саломати мост,
Бингар, кӣ гашт бедор, дарёб, ӯст бемор.
Ғавғои коргоҳи ҳастӣ кифояти мост,
Душвор гар писандӣ, корат кунанд душвор.

## ХАМӮШӢ

Оҳанги камол камхурӯшист,
Фарёд нишони хомҷӯшист.
Чун теғ бараҳна гашта олам,
Фахри ману ту зи жандапӯшист.
То мушти замона оҳанин аст,
Мифтоҳи наҷот сахткӯшист.
Бекории халқ бебаҳо нест,
Ҷуброни ҳама гаронфурӯшист.
Метарсӣ агар зи бехгӯшӣ,[2]
Машнав сухане, ки бехгӯшист.
Ин хома ба рӯйи дафтари ман
Ангушти ишорати хамӯшист.

*Августи 2011*

## РАВОНИ БЕГУНОҲОН

Дили куҳ метапад аз чорнаъли масти оҳуҳо
Надорад боди сарсар ҳам шитобу шасти оҳуҳо.
Агар дар мавҷи дарё дидаӣ парвози моҳиҳо,
Аз он беҳтар биёбӣ парриши пайвасти оҳуҳо.

---

1 Бутемор падари ғам, ғамхурак, мурғи хурдест, ки ба ривоят канори дарё меояд ва дергоҳе меистаду об намехурад ба ин пиндор, ки оби дарё кам мешавад ва об нахурда парида меравад.
2 Бехгӯшӣ – 1)шаппотӣ 2)гӯшакӣ.

Чу фавҷи тирҳое аз камони орашӣ раста,
Чунон тире, ки танҳо мепарад аз дасти оҳуҳо.
Сари ҳар санг килки сумбашон нақши дигар дорад,
Шуда аз мӯмиё куҳсорҳо гулбасти оҳуҳо.
Ғазолон синамолон мавҷи гулро тай зананд осон,
Раҳашро бӯйи гул гум карда дар бунбасти оҳуҳо.
Дар ин ғавғо чи дилгирам, раҳе бикшой тадбирам,
Раҳам аз ин ҳаёҳуҳо, нишинам басти[1] оҳуҳо.
Равони бегуноҳон чун равад берун зи тан зебо,
Агар хоҳӣ бубинӣ, дарнигар дар ҷасти оҳуҳо.
Биёбоне, бидеҳ ё Раб, ки ман ё ҳу занам, ё ҳу,
Камони ман шикаст аз тири чашми масти оҳуҳо.

*15 ноябри 2009*

## ТАВАЛЛО

Аз адам моро фаро хонданд, то Одам шавем,
Аз биҳишти адн ҳам ронданд, то Одам шавем.

Базри ин нуҳ осмон биншонда андар мушти хок
Боз рӯйи хок биншонданд, то Одам шавем.

Хокро дар гардиш оварданд даври офтоб,
Гоҳ ин гаҳвора ҷунбонданд, то Одам шавем.

Баҳри парвози тахайюл гунбаде оростанд,
Бар сари мо ахтар афшонданд, то Одам шавем.

Сад расулу сад валиюллоҳ барангехтанд,
Сад суҳуф аз осмон хонданд, то Одам шавем.

Модарон бар хоки хомуш хуни дил бигристанд,
Бо таваллo зинда гардонданд, то Одам шавем.

*Октябри 2010*

1 Баст нишастан – паноҳгоҳ гирифтан.

## ҲАМА КИШВАР

Ба сар афсар аз Тоҷикобод дорам,
Фурӯғу фар аз Тоҷикобод дорам.

Манам он уқоби баландошёне,
Ки болу пар аз Тоҷикобод дорам.

Аз он шаҳрёрони меҳрошноям,
Ки тоҷи зар аз Тоҷикобод дорам.

Навои дили ман аз он тоҷиконаст,
Ки шеъри тар аз Тоҷикобод дорам.

Агар порсиро шакар ном карданд,
Ман ин шаккар аз Тоҷикобод дорам.

Чи пурсӣ маро аз нажоду зи гавҳар?
Чу ман гавҳар аз Тоҷикобод дорам.

Бухоро магар Тоҷикобод набвад?
На ман Фалғар аз Тоҷикобод дорам?

Бадахшону Вахшон ҳама Тоҷикобод,
Ҳама Ховар аз Тоҷикобод дорам.

Куҷо тоҷике ҳаст, шаҳри ман он ҷост,
Ҳама кишвар аз тоҷик обод дорам.

*Апрели 2009*

## ТАСВИРИ ТУ

Таърих бар Сикандари мо ханда мекунад,[1]
Ойина дар баробари мо ханда мекунад.
Бовар талаб кунем зи ғайр аз барои дӯст,
Ӯ худ ниҳон ба бовари мо ханда мекунад.

---

1 Манзур чеҳраи ормониест, ки мо аз Искандари ғосиб сохтаем.

Доман ба зери санги ҳавас монда то абад,
Субҳи азал ба маҳшари мо ханда мекунад.
Ҳар бор баркашам, ки ниҳам бар гулӯи хеш,
Акси ту рӯйи ханҷари мо ханда мекунад.
Чандон гусастаем зи модар, ки рӯзгор
Бар гиряҳои модари мо ханда мекунад.
Дар мағзҳо чӣ ғалғаличе уфтодааст,
Тоҷи ситора бар сари мо ханда мекунад,
Тифлона дил ба бозии дунё супурдаем,
Иблис бар паямбари мо ханда мекунад.
Бо талъате раҳиму хатопӯш, ё ғафур,
Тасвири ту ба дафтари мо ханда мекунад.

*Ноябри 2010*

## ҲАР ШАМС МАВЛАВӢ НЕСТ

(халқӣ)

Ҳар нахли бӯстонӣ бору самар надорад,
Ҳар Шамс мавлавӣ нест, ҳар най шакар надорад.

Дил дар миён набошад, аз болу пар чи ҳосил?
Онҷи уқоб дорад, болишти пар надорад.

Ҳоли дили ҳабибон кам ҷӯй аз табибон,
Он ки табиби мо шуд, аз худ хабар надорад.

Мақсуди ту дар ин раҳ гар Хонаи Худой аст,
Аз роҳи рост магзар, роҳи дигар надорад.

Гар ҷумлаи ҷаҳонро гирад ба хайлу лашкар,
Мағлуб бошад, он ки бар худ зафар надорад.

Ҳар сангро ба ранге дидӣ, магӯ, ки лаъл аст,
Ҳар санги ин куҳистон хун дар ҷигар надорад.

Чархи ҳаёт гардон аз бозувони дарёст,
Таънаш мазан, агар ӯ дурру гуҳар надорад.[1]

*Декабри 2008*

---

1 Дурдона адошиноси дарёст, аз гардиши осиё чӣ донад? (Иқбол)

## ХУРШЕД АСТ

Зи кӯҳи хора он ки ҷӯйи хун бикшод, Хуршед аст,
Чи хуне, шири ширин шуд, магар Фарҳод Хуршед аст?!
Ҳазорон ахтари бартар зи Хуршед аст худорой,
Ба пойи хидмати халқ он ки сар бинҳод, Хуршед аст.
Бидидам, ҳар киро доғе ба дил аз миннати ғайр аст,
Зи миннатҳои ағёр он ки ҳаст озод, Хуршед аст.
Ба дасти лутф бар сар мезанад ҳар субҳ моро Дӯст,
Ба шоми тирарӯзиҳо гули имдод Хуршед аст.
Ҷаҳон то ҳасту то хоҳад будан, фарзанди Одамро
Ҳамин як сикка зар мерос аз аҷдод Хуршед аст.
Ҳама шаб рози истеъдодро аз шамъ меҷустам,
Саҳар хандиду посух дод: «- Истеъдод?
Хуршед аст!»
Хато набвад, агар гӯям, ки сабки ман хуросонист,
Маро мавлову муршид, раҳбару устод Хуршед аст.

*Соли 2011*

## МАН ЧӢ ГӮЯМ

Ман чӣ гӯям, ки ҷумла хор шавад,
Ту бигӯ, то ҳама шиор шавад.
Ту кучҷову ситорабеморон,
Дафтари ту ситоразор шавад,
Чун бисӯзад дар оташи дили ман,
Сафҳа-сафҳа шарорабор шавад.
Ман аён гӯяму ниҳон гардад
Ту ниҳон гӯӣ, ошкор шавад!
Халқро тарси ин зимистон аст,
Он чи донӣ, бигӯ, ки пор шавад.
Ё биёмӯз, ончи зоғонрост,
То зимистони мо баҳор шавад.
Бишкуфад чун гули сапеди барф,
Боғҳо пур зи «қор-қор» шавад.
Лек онон, ки паҳлавидонанд,
Ғайр аз паҳлавӣ намехонанд.[1]

*Соли 2009*

---

1 Ишора ба Ҳофиз.

## АСМО

То гули рухсори ту дар боғи чашми мо шукуфт,
Сад биҳишти нақд дар домони ин руъё шукуфт.
Ғунчаи дил, то куҷо барбастаӣ чашм аз ҷаҳон,
Ё ба пои зиндагӣ уфтод бояд, ё шукуфт.
Қатраи беҳосиле буд ин дили бемуддао,
Акси чашмат то дар ӯ уфтод, сад дарё шукуфт.
Шодхорони ту ҷомеро ба санги мо заданд,
Аз вуҷуди хораи мо оламе мино шукуфт.
То ба авҷи рози иллаллоҳ роҳе шуд падид,
Ҳар қадам то арши аъло лолаҳои ло шукуфт.
Аз биёбони ғамат бигзашт оҳуи хаёл,
Чашмаҳои оби ҳайвонаш зи нақши по шукуфт.
Дар китоби сурхи дил кардам гули номат ниҳон,
Оҳ базрашро парешон кард, то Асмо шукуфт.

*Марти 2011*

## ПАЙҒОМ

Эй ватан, поси ту дорам ҳамсафи кӯҳсоронат,
Дил супурда ба тӯфонҳо, сар ба хуршеду боронат.

Мекашад аз дилам оҳанг захмаи шоду ғамгинат:
Шарфаи обшоронат, навҳаи сӯгворонат.

Аз баҳорат паём орад оташи ҷовидони меҳр –
Дар рухи меҳрварзонат шуълаи лолазоронат.

Як ҷаҳон бесаронеро сарбасар бо ту мебинам,
Дар сарам тоза мепечад нашъаи сарбадоронат.

Гар набарде ҳамебояд, раҳни ободият бодо,
Сози созандагӣ дорад шеваи корзоронат.

Ҷонфизо меваи неру ҳосили чор фаслат шуд,
Моҳу хуршед афшонад панҷаи рӯдборонат.

Нур фаввора хоҳад зад аз сади захмгини ту,
Нурборон шавад, он ки карда буд тирборонат.

Фатҳро мехӯрад савганд шамъи шабзиндадоронат,
Субҳро медиҳад пайғом дидаи интизоронат.

*Феврали 2010*

## КАЛИМАИ ҲИНДУ

Бар рағми марг ман бо хоки гӯристон намесозам,
Ливои оташини зиндагиро бар сар афрозам.

Кафан оташ, тан оташ, устухон оташ, фиғон оташ,
Зи оташ бол бикшояд дили шайдои парвозам.

Маро нанг аст афсурдан, миёни зиндагӣ мурдан,
Заминам танг омад, ин замон бар арш метозам.

Чӣ бошад ин ҳунармардӣ, зи гил ангораҳо чанде,
Чӣ бошад нуктапардозӣ, биё, бингар ту эъҷозам:
На дар қайдам, на дар бандам, ба рақси хеш
хурсандам,
Тааллуқнописандам, бар ду олам сахт менозам.

Маро бунёд сӯзиш буду сӯзиш буду сӯзиш буд,
Муборак бод фарҷоме, ки гардад ҳусни оғозам.

*Соли 1988*

# ПОРСӢ ФИРДАВСИ МАРДОНИ ХУДОСТ

***Порсӣ аз рафъати андешаам***
***Дархурад бо фитрати андешаам.***
***(Иқбол)***

Порсигӯ он бувад, к-ӯ порсост,
Порсӣ бе порсоӣ норасост.

Порсӣ бо порсоӣ пурдилист,
Орӣ аз он шери нақши бӯриёст.

Порсӣ бо порсоӣ Пуриё,[1]
Порсӣ бе порсоӣ Бӯриёст.[2]

Порсӣ бо порсоӣ Бӯъалӣ,[3]
Порсӣ бе порсоӣ Булъалост[4]

Порсӣ бе порсоӣ булҳавас
Порсӣ бо порсоӣ булвафост.

Порсӣ тан, порсоӣ ҷони он,
Колбад бе ҷон чаро гӯӣ равост?

Порсоӣ ҳалқаи боби биҳишт,
Порсӣ фирдавси мардони Худост.

*Соли 2003*

---

1 Пуриёи Валӣ- сӯфии шоъир ва паҳлавони маъруфи Хоразмӣ, ки мазҳари садоқат ва ҷавонмардӣ шинохта шудааст.
2 Бӯриё - яъне бисёр риёкор.
3 Бӯъалӣ - Абӯалӣ ибни Сино, ҳакими маъруфи форсизабон, ки мазҳари доноӣ шинохта шудааст.
4 Булъало - марди нодон ва аҳмақ.

## ПАЖВОК

Рӯй аз ман бармагардон, эй фуруғи коинотӣ,
Эй суботи ҳастиям дар ин ҷаҳони бесуботӣ.

Зишт ё хуш, нек ё бад, ман ҳамин як рӯй дорам,
Нест дар анбони рӯҳам рӯйҳои эҳтиётӣ.

Созумонам аз Кироталкотибин ҳасту надонам
Фитнаҳои созмонӣ, ҳилаҳои котиботӣ.

Ояти Хуршед бар лаб, менадонам аз чӣ бошанд
Хокиён бо ман қавоқӣ, осмониҳо ҷиготӣ.

Асли одам аз ду ҷо омад – зи дил ё ки зи ишкам,
Ту бипурсӣ «Аз куҷоӣ?», ман бипурсам:
«Аз куҷотӣ?».

То куҷо ҷӯям наҷобат, аз куҷо ёбам шаҳомат?
Хастаам, Санчо, аз ин пиндорҳои Дон Кихотӣ.

Нест андар ёдбудам лаҳзае, ки шод будам,
Лаҳзае гар шод шод будам, нест дар ёдам чиғотӣ.[1]

Шукр, ки аз ҳашри шабнам субҳ дилро метавон шуст,
Аз ғубори девбоди «шеър»-ҳои нашриётӣ.

Шукр, ки дар ин биёбон, аз варои шӯразорон,
Сабз мебинам ҳанӯзат, эй ки чун шохи наботӣ…

*Тобистони 2013*

---

1 Ғот – гот, гос, гоҳ- лаҳза, замони кутоҳ.

## ХУДО БО ШУМО АСТ

Худоро маҷӯед аз осмонҳо,
На аз ахтарону на аз каҳкашонҳо.
Худоро биҷӯед аз тинати хеш,
Зи дилҳо, равонҳову аз мағзи ҷонҳо.
Худоро биҷӯед аз чашми пирон,
Ки ҷӯянд аз одамийят нишонҳо.
Худоро биҷӯед аз лафзи тифлон,
Ки афришташон мениҳад бар забонҳо.
Худоро биҷӯед аз меҳр, аз сидқ,
На аз кинаварзию не аз гумонҳо.
Маҷӯедаш аз коххои забарҷад,
Ки хуш оядаш хаймагоҳи шубонҳо.
Куҷо ҳаст бемор, бемордор ӯст,
Биҷӯедаш аз маҳзари нотавонҳо.
Нишонӣ чӣ пурсед, ӯ бенишон аст,
Агарчи ҳам аз ӯст ҷумла нишонҳо.
Маконаш чӣ пурсед, ӯ ломакон аст,
Ҳам аз ӯст гарчи макинҳо, маконҳо.
Худо меҳрбон аст, агар меҳрбонед,
Худо бо шумояст, эй меҳрбонҳо.

*Баҳори 2013*

## ТАҲРИМ

Мекунад таҳрим обатрову нонат низ ҳам,
Мегудозад хасми ту танрову ҷонат низ ҳам.
Бо ризои Ҳақ агар таслимро сар мениҳӣ,
Мерабояд ин ҷаҳонат, он ҷаҳонат низ ҳам.
Бар заминат роҳ гар бандад, умед аз пар макун,
Роҳ мегирад туро дар осмонат низ ҳам.
Оташи чашмат агар бигрифт, рӯзе оқибат
Мекушад оташ даруни ощдонат низ ҳам.
Гар забонатро зи мактаб ронд чун тифли ғаюр,
Мекашад аз ҳалқ рӯзе ин забонат низ ҳам.

Ҳеч айбе ҳам надорӣ, ғайри он ки ту туӣ,
Ӯ нахоҳад инчунинат, ончунонат низ ҳам.

*Соли 2013*

## СУХАНЕ ГӮЙ, КИ…

***Сухан андар даҳони дӯст шаккар,***
***Валекин гуфтаи Ҳофиз аз он беҳ.***

*(Дар посух ба мақолаи як нафар муддаъии донишмандӣ, ки Шайх Камолро ба бадбинӣ ва ҳасодат нисбат ба Хоҷа Ҳофиз туҳмат кардааст)*

Суханат дар даҳанат қанд шавад,
Аз хирад об хурад, панд шавад.
На ки андар дами боде ояд,
Ҳарзаву лоф шавад, фанд шавад.
Ҳамчу дарё ҳамаро пок кунад,
На чу мурдоб пур аз ганд шавад.
Сухане, ки ба Бухоро биравад,
Сухане, ки ба Самарқанд шавад.
Ҳамчу шаҳбоз ба Шероз парад,
Шакари форсии Ҳинд шавад.
Ҳар кӣ бишнид, дилаш гардад шод,
Ҳар кӣ дарёфт, хирадманд шавад.
Пеши муслим чу тафсири Нубӣ,
Бари устоӣ чу Позанд шавад.
Бинигар чанд варақ дил бикушуд,
Манигар, то вараќе чанд шавад.
Сухане гӯй, ки чун шеъри Камол
Пули Табрез ба Хуҷанд шавад.

*Соли 2012*

## БА ЧАШМ

Ёр гуфт: Аз кӯйи мо бо сар гузар.
Гуфтам: Ба чашм.
Нақши худро ҳам бишӯ з-ин раҳгузар,
Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Ғамҳои маро дар дил нишон,
Гуфтам: Ба ҷон.
Гуфт: Ҳар нози маро бо зар бихар,
Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Гардун гар ба коми мо намегардад даме,
Ҳарду оламро бикун зеру забар.
Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Дар шаб гар намебинӣ маҳи рухсори ман,
«То саҳаргоҳон ситора мешумар.
Гуфтам: Ба чашм».

Гуфт: Нахли меҳри ман аз хуни дил сероб дор,
То нахушкад ногаҳоне ин шаҷар.
Гуфтам: Ба чашм.

Гуфт: Ҳар гоҳе, ки ҷон хоҳӣ супурдан аз дигар,
Як ишорат кун ба сӯям мухтасар.
Гуфтам: Ба чашм.

*Тобистони 2013*

## РӮЗЕ…

***Дар пайи як овозаи «поёни ҷаҳон»***

Рӯзе ҳаё намонад, поёни ин ҷаҳон аст,
Шарм аз Худо намонад, поёни ин ҷаҳон аст.
Рӯзе ки дасти сабзе боло бар осмонҳо
Баҳри дуъо намонад, поёни ин ҷаҳон аст.

Рӯзе ки халқи олам душман шаванд бо ҳам,
Ду ошно намонад, поёни ин ҷаҳон аст.
Кӯдак ба сар битозад бозору сӯи мактаб
Як бор по намонад, поёни ин ҷаҳон аст.
Рӯзе ки ағниёро касбе барои рӯзӣ
Ғайр аз рибо намонад, поёни ин ҷаҳон аст.
Рузе, ки бевафоӣ қонуни ом гардад,
Қадри вафо намонад, поёни ин ҷаҳон аст.
Рӯзе, ки одамийят боқӣ намонд
-Олам-
Монад ва ё намонад, поёни ин ҷаҳон аст.

*Баҳори 2013*

## АДАБ

***Оят-оят ҳамагӣ маънии Қуръон адаб аст.***
***(Мавлоно)***

Машъали дасти раҳравон адаб аст,
Матлаъи шамси Ховарон адаб аст.
Осмон пояе агар дорад,
Шаҳсутун зери осмон адаб аст.
Бе вуҷудаш ҷаҳон зи ҳам пошад,
Назми кайҳону азми ҷон адаб аст.
Галлаи ахтарон ба марзи шабон
Бе шубон несту шубон адаб аст.
Нанишонад хасе ба чашми касе,
Сахт савганди Каҳкашон адаб аст.
Рӯзу шаб деру зуд кай донад?
Балки ҳар соату ҳар он адаб аст.
Кӯҳҳо истода бар фармон,
Аз ҳама кӯҳҳо гарон адаб аст.
Асли ҳар мазҳабею ҳар дине
Эй ҷавони намозхон, адаб аст.
Корвони башар ба раҳ пӯён,
Қофиладору сорбон адаб аст.
Бо адаб ҳеч кас нагардад хор,
Баҳри овора хонумон адаб аст.

Сад бало дар камини ҳастии мост,
Гӯшае, ки диҳад амон адаб аст.
Солҳо тир дар камон хоб аст,
Банди он тир дар камон адаб аст.
Пир гардад ба домани модар,
Мардро моми меҳрубон адаб аст.
«Гул ҳамин панҷ рӯзу шаш бошад»,
Он гулистони бехазон адаб аст.
Ишқ ҳам бе адаб намепояд,
Гавҳари ишқро замон адаб аст.
Ҳаст мақсуди ҷумла илм адаб,
Илм чун колбад, равон адаб аст.
Гар ҳунар барравад ба авҷи фалак,
Шаҳпараш бе шаку гумон адаб аст.
Фарқи эъҷозро зи ҷодуйӣ
Он чи созад ба мо аён, адаб аст.
Хасм хоҳад туро, вале бе ту
Хасмро хасм дар ниҳон адаб аст.
З-он ситезад ба мазҳабу имон,
Ҳосилат чун зи ҳардувон адаб аст.
То адаб ҳаст, асли ту барҷост,
Миллататро нигоҳбон адаб аст.
Тоҷи тоҷик ҳам адаб будаст,
Рамзи ойини паҳлавон адаб аст.
Ёд овар зи панди Афредун,[1]
То муқаррар шавад – тавон адаб аст.
Бандагиро зи бардагӣ бишнос,
Қавми озодаро нишон адаб аст.
Як ҷаҳон гар сухан фароз орам,
Кам бувад, баски ду ҷаҳон адаб аст.
Аз адаб ман сухан намегуфтам,
Ончи гардонадам забон, адаб аст.
Нестам мазҳари адаб, аммо
Ормонам миёни ҷон адаб аст.

*Майи 2013*

---

1 Ишора ба достони озмоиши Фаридун писаронашро.

## ҲАРФИ БАРФ

Таборакаллаҳ, эй рӯҳи биҳиштӣ,
Ба шири ҳур оламро сириштӣ.

Ҷаҳон монанди дарёе сафед аст,
Ба амвоҷаш дилам монанди киштӣ.

Намеёбам намое аз сиёҳӣ,
Намебинам нишоне аз палаштӣ.

Биҳиште инчунинат буд Инсон,
Чи осонаш, дареғ, аз даст ҳиштӣ.

Дарахтон суф бар тан карда яксар,
Ба тасбеҳанд чун Абдоли Чиштӣ.[1]

Зи ҳарфи барф бишнав нуктае жарф:
Дурустӣ нест ҳаргиз дар дуруштӣ.

Чӣ беҳтар аз сапедӣ метавон гуфт?
Бигардон сафҳа, бар он чи навиштӣ.

*2 феврали 2014*

## ОҲУИ БАРФ

Ба чанголи бод аст гесуи барф,
Ҷаҳонро гирифта ҳаёҳуи барф.
Чу шоҳони афсонаҳои қадим
Ман аз пушти оҳуи ҷодуи барф
Биронам саманд аз уфуқ то уфуқ,
Рабуда нигоҳам талолуи барф.
Ба гӯшам занад занг халхоли ӯ,
Ба чашмам ниҳад пой ҳиндуи барф.

---

1 Суфии машҳур.

Куҷо меравам? Аз зиё то зиё,
Зи шаш сӯй рӯ кардаам сӯи барф.
Кӣ дида чунин фавҷи занбӯри шаҳд?
Ҷаҳон гашта яксар чу кандуи барф.
Ба шириният, ангубини сапед,
Фазои дилам медиҳад бӯи барф.

*Феврали 2015*

## АССАЛО

Ассало, эй шабнишинон, нурро бовар кунед,
Сайҳаи бепардаи Мансурро бовар кунед.
Хок аз ҷону дили ток ашкафшорӣ кунад,
Нашъаи хуни дили ангурро бовар кунед.
Нест бе хуни ҷигар нохуни мутриб лолагун,
Гоҳ-гоҳе нолаи танбӯрро бовар кунед.
Ёд доред аз хазоне, ки баҳор аз пай надошт?
Сӯг поён мепазирад, сурро бовар кунед.
То нафас боқист, бар бурҷи умед аст ин каманд,
То ситора медурахшад, дурро бовар кунед.
Шоҳи Тирандозро то такя бар пойи худ аст,
Покбозиҳои ин мағрурро бовар кунед.
Нашри Фардо дар навори офтоб омода аст,
Субҳ наздик аст, ин маншурро бовар кунед.

*Феврали 2015*

## ДИЛИ ТУ

Аз гавҳари чашмони ту пайдост дили ту,
Чун кавкаби ҳодист, чу миност дили ту.

Дар боғ ба зебоии лабханди ту гул нест,
З-ин оя тавон дид, чӣ зебост дили ту.

Ҳар ҷой ки доғест, дили туст ҳувайдо,
Ҳар ҷой ки дардест, ҳамон ҷост дили ту.

Пероҳани гулрези ту в-он оташи гесу
Чун сохта бо ҳам? Чӣ тасаллост дили ту?

Бо замзама мехонаду бо ноз биронад,
Аз оҳани ноқуси калисост дили ту?!

Меъроҷи туву ҳасрату дар хок тапидан,
Эй сайраи фирдавс, Сурайёст дили ту.

Сад қофила гум гашт дар ин бодияи ваҳм,
Нозанда ҳамон маҳмили Лайлост дили ту.

Бас нукта ба таҳқиқ бигуфтанду абас буд,
Роз аст, тилисм аст, муамост дили ту.

*Соли 2010*

## САНГАРИ ХУНИН

То нарӯяд лолае аз сангари хунини мо,
Кас намедонад чӣ буд дар зиндагӣ ойини мо.

Шохи золимро ба зӯри даст мебояд шикаст,
Хам нагардад мижаи сайёд аз нафрини мо.

Кини ҳабдаҳ шермарди Коваро Рустам гирифт,
Рустаме дигар бибояд, то ситонад кини мо.

Дар миёни мову Ҳақ ҷуз мову Ҳақ ботил бувад,
Куфр бошад бандаи одам будан дар дини мо.

Нози Лайлову парешонии Маҷнун рой нест,
Ҳиммати Фарҳод мехоҳад зи мо Ширини мо.

Хоки мо ҳар лаҳза меларзад, зи бас фориғ шудем,
Кӯҳи мо дар ҷунбиш уфтодаст аз тамкини мо.

*Соли 1987*

## ЧӢ МЕГӮЙӢ?

Ба мункирони Худо аз Худо чӣ мегӯйӣ,
Ба душманон сухани ошно чӣ мегӯйӣ.

Зи аҳли бухлу ҳасад дӯстӣ чӣ металабӣ?
Ба ҷамъи кӯрдилон аз сафо чӣ мегӯйӣ.

Ба мардуме, ки ба ҷуз ин суол нашносанд:
«Ту аз куҷоиву ман аз куҷо?» чӣ мегӯйӣ.

Зи адлу донишу инсофу фазл мегуфтам,
Замона гуфт: «Чунин нораво чӣ мегӯйӣ!»

Сукут кардаму хилват гирифтаму мурдам,
Рақиб гуфт: «Дар он инзиво чӣ мегӯйӣ?!»

Чӣ гӯяму чӣ нагӯям, дигар намедонам,
Ба ҷуз ту ёр надорам, Худо, чӣ мегӯйӣ?

*Соли 1996*

## БЕ МАН

Боғро дар зар гирифта зарнигорон боз бе ман,
Кӯч баста мурғҳо бар гармсорон боз бе ман.

Дар диёри шедшоне, шохсори гулфишоне
Мерасад бар авҷ гулбонги ҳазорон боз бе ман.

Рӯй сӯйи кӯчаҳои холии деҳи муҳоҷир
Гиря дорад ҷурзи[1] пире зери борон боз бе ман.

Чанд барги зарду себи бодрези сурх бар дӯш,
Хонаи дарё раванд он ҷӯйборон боз бе ман.

---

1 Дарахти кӯҳистонӣ шабеҳи сада.

То сари мардум нагардад аз ниҳеби тирмаҳ хам,
Осмонро шона дода кӯҳсорон боз бе ман.

Боз бе ман, боз бе ман, боз бе ман, боз бе ман,
Ин ҷаҳон будаст гӯё аз ҳамон оғоз бе ман.

*Ноябри 2013*

## ҚИБЛАИ НАХУСТИН

Мекашад зи банди дил қиблаи нахустинам,
Каъба дар миёни ҷон, рӯй бар Фаластинам.

Ку ҳаловати имон? То зи Қудс маҳрумам,
Аз маломати виҷдон дард мекунад динам.

Сангҳои хунолуд, сангҳои хунолуд,,.
Ҳар шаб аз канорони дил ситора мечинам.

Бӯса мезанам аз дур, кӯдаки фаластинӣ,
Лолаҳои захми ту – муҳри Оли Ёсинам.

Новгони Озодӣ то ба гил фуру биншаст,
Ошно нахоҳам буд, беш аз ин чу биншинам.[1]

Эй башар!
Тафовутро бас азим меёбам
З-он ки ту ҳамегӯйӣ то ман он ки мебинам.

Пойгоҳи меъроҷ,
эй хоки поки Озодӣ,
Обрӯ зи ту дорад осмони рангинам.

Дидаам ба руъёе аз миёни хоку хун
Даст мебарад Ҳуре[2] сӯйи қалби сангинам.

Мекашад зи банди дил қиблаи нахустинам…

1 Киштинишастагонем, эй боди шурта, бархез. – Ҳофиз.
2 Ҳур – фариштаи офтоб.

## ҚАСИДАИ ЗИМИСТОН БА САБКИ БАҲОР[1]

Ҷомаи симин ба болои баланди кӯҳсор
Сим дар санг аст ин сон дилнишину устувор.
Барф бо боли фаришта менишинад рӯйи барф,
Сим тал-тал мекунад баҳри ҷиҳози навбаҳор.
Коҷҳои сабз зери барф истоданд рост,
Ростон дар ҳеч аҳволе наяфтанд аз виқор.
Рӯйи барфи ширгун рақсанда зоғи қиргун,
Масти сармо гаштаву туркона хонад «қор-қор».[2]
Ғӯраҳои лаългуни хор ҷо-ҷо рӯйи барф
Қатраҳои хун бувад шорида аз пойи шикор.
Теғи алмосаш бисояд бар тани алмоссанг,
Мекунад хирман ба даври хеш алмос обшор.
Тифли худро медиҳад гӯё ки аз сармо паноҳ,
Арчаро бар синаи худ ҷафс карда кӯҳсор.
Шӯшае аз гӯшаи боми зимистон бар дилат
Гар бияфтад, бишканад чун шиша, андӯҳе мадор.
Ин ҷаҳон гаштаст яксар сафҳае поку сафед,
Ҳар сиёҳӣ мешавад дар партави он ошкор.
Одамӣ аз заҳри афъӣ нӯшдору мекунад,
Ҳеч беморӣ намонад, сол бошад соли мор.
Мешавад Хуршед ҳар соат ба мо наздиктар,
Инак, инак, мерасад поёни фасли интизор.

*Феврали 2013*

1 Манзур сабки Маликушшуаро Баҳор аст.
2 Барфро ба туркӣ “қор» гӯянд.

## РӮШНОӢ

***Барои Ҷонибеки Акобир***

Дар дилат чун шуъла дар санг орзуи Рӯшноист[1],
Қиссаи мӯи сапедат мӯбамӯи Рӯшноист.

Чун хати ҷӯи дурахшон субҳгоҳон дар куҳистон
Бар ситеғи ҷони ту як хатти ҷӯи Рӯшноист.

Ин ҳикоёт, ин фасона нест беш аз як баҳона,
Мавҷи гавҳар дар миёна гуфтугӯи Рӯшноист.

Марзи рӯҳат офтобист, субҳ меҷӯшад зи чашмат,
Қатраи ашке, ки дорӣ, обрӯи Рӯшноист.

Рӯй бар даргоҳ дорӣ, сад далели роҳ дорӣ,
Байти аҳзони шуморо дар ба рӯи Рӯшноист.

Меравӣ аз сангсорон дар бағал ойина пинҳон,
Парда-парда мефитад шаб, роҳ сӯи Рӯшноист.

*Соли 2012*

## ШУКУФАҲОИ ҲУНАР

***(Зикри хайри устод Шоҳмузаффар Ёдгорӣ)***

Хушо ба ҳоли касе, ки чу абри фарвардин
Чунон гузашт, ки дар роҳи ӯ ғубор намонд.
Ба ғайри хотираи сабзи боғу ашки қалам
Аз ӯ ба сафҳаи айём ёдгор намонд.
Шукуфаҳои ҳунар шоҳиди бақои ӯст,
Агарчи чашма фурӯ хуфту обшор намонд.

1 Рӯшноӣ номи зодгоҳи Ҷонибеки Акобир аст.

# ШЕЪРҲОИ КӮТОҲ

***Қитъаҳо***

## ЭЪҶОЗ

Афсонаи Бодғис бас зебост
Аз Рӯдакию каломи рангинаш.
Ку шоири дигаре бад-он санъат,
То чарх кунад дубора таҳсинаш.
Шеъре орад, ки ҷон дамад андар
Исмоъилу ду шери сангинаш.

## ХАЗОН

Чанори тановар хазон мефишонад,
Чӣ бӯйе шунидаст аз бод ин субҳ?
Ки бо бевафоӣ
Ба сар он чи парварда буд рӯзгорон,
Ба по менишонад.

## УЗР

Нагзарам сӯйи боғи ҷонварон,
Шерро дар қафас нахоҳам дид.
Ончи бар хештан намехоҳам,
Ончунон ҳам ба кас нахоҳам дид.

## АЙНАК

Як-ду соле пеш аз ин
Ҳар ки айнак дошт,
мегуфтам:
«Кори ӯ ё худнамоӣ ҳаст, ё ноз аст.
Гавҳари чашми ҷаҳонбинро ба айнак
Кай ниёз аст?»

Ҳолиё ман худ
Ончи бе айнак ҳамебинам,
Фақат хоб аст
В-ончи бе айнак ҳамехонам,
Намоз аст.

## ҲАМДАРДӢ

Мушкили бисёр бинад хиттае
Дар таовун мисли як дил мешавад.
Ашк дар гаҳвора резад кӯдаке
Обҳои шаҳри мо гил мешавад.

## НАҚДУ НАСЯ

Ман аз Симурғ мечӯям нишона,
Туро мурғе хуш ояд, ки ба сих аст.
Масеҳои ман андар осмонҳост,
Масеҳои ту андар чормех аст.

## ТАНОҚУЗ

Зи як гавҳар, зи як конем, эй дӯст,
Чу як рӯҳему як ҷонем, эй дӯст.
Миёни мову ту фарқе ҷуз ин нест,
Ки мо ҳарду мусулмонем, эй дӯст.

## САНЪАТ

Рафтию канори чашма биншастӣ,
В-он дам ки ба ноз даст мешустӣ,
Ногоҳ чи санъате илоҳӣ шуд:
Аксе зи ду дасти симгуни ту
Дар об заду ду ширмоҳӣ шуд.

## НОВБОН!

Як тараф кӯҳҳои сангии соф,
Як тараф мавҷҳои кӯҳпайкар.
Зер садҳо наҳанги хуношом,
Барқоганда абрҳо ба забар.

Киштии мо миёни тӯфонҳо
Мепарад ҳамчу новаки пӯлод.
Новбоно!
 Манеҳ ду чашм ба ҳам,
Заҳмати Нӯҳ меравад бар бод!

## ҶУНУНИ САБЗ

Ба ҳар фарҷом оғозе ниҳоданд,
Ба ҷовидон дари бозе ниҳоданд.
Дили ҳар зарра андар синаи хок
Ҷунуни сабзи парвозе ниҳоданд.

## РОҲ

Бародар, зарраe ҳиммат бибояд,
Ки ҳар бероҳи ту як роҳ гардад.
Ба ҳар оҳе ду ҳарфе гар физоӣ,
Туро ҳар «оҳ!» як «Аллоҳ!» гардад.

## НУКТА

Зи сайёде шунидам нуктаеро,
 Ки бар девори дил онро тавон зад:
 Чу мурғон бо ҳам овезанд дар ҷанг,
 Ба тире метавонӣ даҳ нишон зад.

## ЗОМИН

Ба дурустӣ, ки суннату ойин
Ҳаст дар даври фитна зомини дин.
Даст бишкаст, остини гаҷ
Нагузорад, ки даст гирад каҷ.

## РОЗИ ПОЯНДАГӢ

Устоди пири деҳистони мо,
Кардаӣ сад имтиҳонро пушти сар.
Дар мақомат устувор истодаӣ,
Нест аз ту дар ҷаҳон пояндатар.

Ҳар гаҳе ки кӯдакон баҳсомабаҳс
Даст бардоранд аз баҳри ҷавоб,
Бар мақому мансаби волои ту
Мекунандат бори дигар интихоб.

## ШАРҲА

Кибр варзӣ ту бо мутаккабирон
Пеши уфтода хоксор туӣ.[1]
Хор агар, хори чашми ағёрӣ,
Дӯстро масдари баҳор туӣ.
Гар дурӯйӣ, дурӯй ойинаӣ,
Дузабонию зулфиқор туӣ.

## ЗАБОНИ ҲОЛ

Зебост ҷилваҳои ту, эй товус,
Хуш мехиромӣ,
                    дилбарию шодӣ,
Аммо
Нақши ҳазор чашм ба парҳоят
Лабрези интизории озодӣ.

---

1 Мазмуни ҳадис.

## ТАОРУФ

Моҳие бо моҳие мегуфт:
- эй моҳӣ,
Туъмае дидам, ки сар бар осмон дорад,
Намехоҳӣ?

## ТАЪБИРИ ОМ

Симгарде[1] дар дили шаб
Мекашад раҳ аз миёни шаҳр бо фарёд.
Андарунаш тоқаву танҳо
Ҳаст марде масти лоямъқил.
Аз куҷо меояд ӯ,
ҳаргиз надорад ёд.
Дар куҷо бояд фуруд омад,
намедонад.
Зери лаб гӯё суруди дард мехонад
Бо радифи «ҳар чӣ бодо бод…»
Рост чун таъбири ом
Аз рубоъиёти Хайём.

## ХАЗОНРӮБ

Хазонрӯбо,бизан оҳиста ҷорӯб,
Хазон чандон ки мерӯбӣ, ҷавон буд.
Таҳи ин чатри сабзи соягустар
Ҷаҳонеро нишоти ройгон буд.

Хазонрӯбо, ба дӯшат ҷомаи зард,
Қадат хамгашта, рангат заъфаронӣ.
Ба чашми ҷодасумбони сияҳмаст
Ту ҳам уфтода як барги хазонӣ.

1 Симгард – троллейбус (сохтаи муаллиф).

Хазонрӯбо,
кӣ аз рӯзи азал дод
Ба дасти зиндагӣ ҷорӯби бедод?
Писарҳоят,
писарҳоят кучоянд?
Аё модар, нигаҳбонат Худо бод.

## АЧРИ БОДОМ

Ба рӯзи ҳачр паёми муҳаббат аст азиз,
Ба гоҳи васл сурудан табиати лофист.
Касе ба қалби зимистон шукуфт чун бодом,
Баҳор лаб накушояд, ҳамон сухан кофист.

## БЕҲТАРИН ҲАДЯ

Яке пурсид аз пире накуном:
-Кадомин ҳадя беҳтар?
Гуфт: Дашном!
Аз ин посух тааччуб кард соил,
Ки: Бо дашном чун хуш кардаӣ дил?
Бигуфто: Ғайри дашном он чи доданд,
Ба ҷонам миннате аз он ниҳоданд.

## БИГЗАШТ

Агарчи теғи ту аз устухони мо бигзашт,
Мусаллам аст, ки бар ту зи мо чафо бигзашт.
Барои куштани ёрони хеш узр маёр,
Дудаста теғ бизан, кор аз ҳаё бигзашт.

## БИМ

Дили гудохтаам
Чу махзани қир аст.
Ман аз баланд гуфтани «ишқ» метарсам,
Чунон ки метарсам
Аз садои соиши санготаш.

## ГӮШОНА

Ҷаҳонро макун ту саросар сиёҳ,
Ки дар он битобӣ ба монанди моҳ.
Ҷаҳонро бикун, то тавонӣ, сапед,
Ки дар он дурахшон шавӣ мисли шед.

## ҲИММАТ

Мо зи андешаи оне ки мабодо ба назар хурд
шавем,
Гиряро дар дили худ мебандем,
Осмонро, ки чунин биме нест,
Бинигар чун ба фиғон,
бо фаварон,
аз дилу ҷон
мегиряд.
Шарм бодат, мутакаббир дили ман,
Осмон мегиряд!

*Баҳори 2012*

## СУБҲИ ЗОРУН

Субҳи Зорун чӣ сафое дорад,
Духтарон хонаву дар мерӯбанд.
Мӯсафеде, масалан, мегӯяд:
«Хӯҷа Аҳмад, бачаҳоят хубанд?».

Остини пури гелоси Чаман
Рафта берун зи сари девораш.
Кӯдаке чинаду гӯяд ба дигар
Ҳарчи уфтод, ту мебардораш.

Роҳро шабнами субҳ об задаст,
Бӯйи хок аст, вале гарде нест.
Дили ҳар зарра яке хуршед аст,
Дар ҳама ҷо нигаҳи сарде нест…

Шеҳаи аспи Назар меояд
Аз сари теппаи сабзи Сурхун.
Мешавад шарфаи Сурхоб баланд,
Чӣ гапе ҳаст,
Худо хайраш кун.

## БУЛӮР
***Панди модар***

Марав бар ҳар даре, эй тифлаки ман,
Ки пушти ҳар даре ҳамдам наёбӣ.
Даме, ки доғи ман сӯзад дилатро,
Басе ҷӯӣ, вале марҳам наёбӣ.
Марав бар ҳар даре, эй тифлаки ман.

Туро ин кулбаи хокии ман бас,
Ки ин ҷо оламе меҳру сафо ҳаст.
Падар беҳтар зи ҷонат дӯст дорад,
Канорат модари мушилкушо ҳаст.
Туро ин кулбаи хокии ман бас.

Булӯре бо дурахши дилфиребаш
Туро бар хонаи ҳамсоя хонад.
Равӣ аз пушти ҳамсоя чу соя,
Туро дар пушти дар чун соя монад
Булӯру он дурахши дилфиребаш!

Машав ғамгин,
биё, баргард, ҷонам,
Булӯри чашмаконатро ба ман ор.
Мабодо бишканад нури ҳаёшон,
Булӯри чашмҳоятро нигаҳ дор.
Худоро, тифлаки ман, тифлаки ман,
Булӯри чашмҳоятро нигаҳ дор!

*Соли 1989*

## МОЯИ ЭЪТИБОР

Нури имону нори нанги падар,
Қатраи оби дидаи модар,
Мояи сарбаландии додар,
Кимиёи муҳаббати хоҳар –
Ин ҳама дар сиришти як ҷавҳар,
Ки варо мардумон Шараф хонанд.

Инак он ҷавҳари ба сад тахлит
Аз тамоми муқаддасоти ҷаҳон,
Ҳамчу як маҳзарест дар кафи ман,
Ки манам бо шаҳодаташ Инсон.

Ӯ ба каф дар миёни ҳангома
Манаму
            дил ба ёд-ш
                                ларзон аст.
Дар қиёси баҳои покизагиш
Ҷони ман сад баробар арзон аст.

*1984*

## ЁЛИ ДАРЁ

Шона дар шона мезанад амвоҷ,
Ёли дарё ситабру печон аст.
Шонаҳо бишкананду маҳв шаванд,
Боз ҳам дарҳаму парешон аст
Ёли дарё
            чу рӯзгори мо…

## ИМОН

Маҳкуми сад гунаҳ,
                    захмини ҳарфи зишт,
Аз хонақоҳ дур,
                    безор аз куништ.

Ҷойи китобаи санги мазори хеш
Дар вопасин нигоҳ
Бо неши теғи чашм
Бар осмон навишт:
«Падруд, эй азиз,
Дидор дар биҳишт».

*07.02.10*

## РАСТОХЕЗ

Офтоб
Дар миёни осмон
Бетаҳаррук истодааст
Ваъдаро чаро ба шом додаӣ?!

## «СИЁҲГӮШ»

Аз Одам кам ҳунар доранд дар ёд,
Ҳама он як гуноҳашро бигӯянд.
Гули Наврӯз бо сад ноз омад,[1]
Ҳама гӯши сиёҳашро бигӯянд.

## МАВЛАВӢ

Бар боми фалак нишастаӣ хуш,
Мавло!
Дар доми фалак фитода моем.
Ё лутф куну даме фуруд о,
Ё пилла бинеҳ, ки мо бароем.

*Соли 2009*

## МУҲОВАРА БО ХУД

– Ба беҳуда, эй дил, чӣ дар изтиробӣ,
Ки некутар аз сина ҷойе наёбӣ.

1 Номи дигари гули сиёҳгӯш – гули наврӯзӣ аст.

Агар осмонӣ, ба хокат нишонанд,
Ба рӯят набинанд, агар офтобӣ.
Ниқобе бубояд дар ин саҳнаи даҳр,
Бас аст ин, ки ман мурдам аз бениқобӣ.
Риё сози ҳастӣ шуда, чун наёриш?!
Таааллуқ нафас гашта, чун барнатобӣ?!
Сириишташ ба даъвои худ мунқалиб аст,
Касеро, ту бишнохтӣ «инқилобӣ»…

– Бале, нохуш ояд туро изтиробе,
Ки дар бистари нарми худ масти хобӣ.
Шитобе бубояд дар ин арсаи даҳр,
Ки тир аз шитобу ҳадаф – бешитобӣ.
Умеди ҷаҳонӣ, чаро ноумедӣ,
Ғаме, ки харидӣ, чаро барнатобӣ?
Бикаш хешро аз ниём – теғи тезӣ,
Кушо хештанро ба ҳикмат – китобӣ.
Гузашт он ки аз ҷаври гардун биноли,
Ки гардун зи ту чашм дорад савобе.
Туро реша дар ҳафт пушти замин аст,
Ҳам аз ҷоми Ҷам дар кафат офтобе,
Ки бинӣ дар анвори ӯ асли худро,
Ки дар партаваш ҳамгинонро биёбӣ.
На тифлӣ, на овораи дашту ҳомун,
Чу дунё қадимӣ, абадро хитобӣ.
Ҷаҳонро ба бедории ту ниёзест,
Хушо, к-аз ту хезад дигар инқилобе.

*Соли 1987*

## СИДҚ

Шаб тираву сарду дил зи уммед тиҳӣ,
Пажмурда нишот чун гули тирмаҳӣ.
Сад дӯст ба як ҳарфи тасалло пайғом
Медод ба ман:
К-ин тирашабонро саҳаре аз пай ҳаст.
Он ёр вале

Чун шамъ биёмаду ба пешам бинишаст,
Лаб муҳр ба мум,
Гӯгирд ба даст.

*Зимистони 2013*

## БАРОИ ФАРОМАРЗ

Ба лаб ояд агар ҷони Фаромарз
Зи дасти муддаъӣ дору нахоҳад.
Шарори санг бошад лолаи кӯҳ,
Гули озодагӣ пору нахоҳад.

## АСОЛАТ

Мо асилтарин фарзандони Одамем,
Зеро
Ҳар чизеро бо нон мехӯрем,
Ҳатто ғамро,
Ҳатто қасамро.

## ПОСУХ

***Суоли равшани моро ҷавоб лозим нест***
***Қайсари Аминпур***

Бо ҳама шаҳомати маҳиб,
Ҷунди деву ҷин,
Чашмакию гӯшакии анҷум андар анҷуман,
Тирҳои оташин,
Нешханди роздори чуғзҳо
Бо киноякҳову истиъораҳову луғзҳо,
Кинаҳову буғзҳо.
Дар хаёли мо муҳолу лоҷавоб
Шаб суоли мубҳамест.
Мухтасар
посухи сапедадам
– Офтоб.

## АШКИ ТИФЛ

Отаҷон[1] Пайрави Сулаймонӣ
Қадаҳе аз булур дошт ба чанг.
Зад қадаҳро ба оҳани комун,
То биёбад ба шеъри худ оҳанг.

Он булӯрин қадаҳ шикасту бирехт
Майи гулгун, ки буд хуни дилаш.
Ё ки буд хуни як чаман гули сурх,
Бӯйи гул медиҳад ҳанӯз гилаш…

Отаҷон Пайрави Сулаймонӣ -
Шоҳиди инқилоби коммунист,
Шеъри ту ашки тифли маъсум аст
Рӯйи ожангҳои қарни бист.

*Соли 2009*

## БАРОИ ҶОВИДОНА

Агар ба шеъри дилкаше,
ки мезанад дари дилам,
Нишоти як тарона ҳаст,
Барои тард карданаш
маро дигар баҳона нест:
Тамоми шеърҳои мо
барои ҷовидона нест.

*Августи 2011*

## СУХАН

Сухан аз осмон фуруд омад,
Боз бояд ба осмонаш бурд.
Бояд ин тирро зи хок кашид,
Боз бар хонаи камонаш бурд.

---

1 Исми хосси Пайрав Сулаймонӣ

Мурғи ҷовиди ошёни дил аст,
Боз бояд ба ҷовидонаш бурд.

*Соли 2008*

## ФАРҶОМИ ШАҲЧАНОР

*Барои Раҳматуллоҳ паҳлавон*

Шунидам чун куҳан шуд шаҳчаноре,
Баногаҳ аз дарун оташ бигирад.
Надорад тоби сӯз аз оташи ғайр,
Таҳамтан шаҳчанор ингуна мирад.

Бипечад панҷаи оташ ба пайкар,
Нагирад то ки домони касеро,
Бияндешад, ки мегӯянд мардум:
Чаноре буду оташ зад хасеро.

## ТАҲРИР

***Ёд меорад араб шодона «Аттаҳрир»-ро***
***(М.Турсунзода)***

Ало асҳоби Аттаҳрир,
ки бе як тир
бо тадбир
Бурун ҷастед аз майдони сад тазвир,
Мабодо, аз фиреби нобародар роҳ гардад
чоҳ,
Мабодо, боз дар пероҳани садпораи Юсуф
Нишинад бар фарози маснади тақдир
Гурги пир.
Кунун бедор бояд буд,
Ки фарҷоме надорад хоб,
На бедорист агар он хобро таъбир.

*Ноябри 2011*

## ДИДОР

Бихез аз хоб, эй дунёи асрор,
Зи чоҳи яъс берун о дигар бор.
Ту пиндорӣ, ки ин хуршед ҳар субҳ
Ба дидори ту меояд ба бекор?!

## РИСОЛАТ

Нигар, Ҷибрил дар ҷонаш сафире,
Ҳамеҷӯяд ҷаҳонро дастгире.
На шаҳрею на кохею на мире,
Сари кӯҳею ғорею фақире.

## САКАРОТ

Ҳар сатри равон пули Сирот аст маро,
Аз оташи дил раҳи наҷот аст маро.
Дар ҳар сухане пораи ҷонам биравад,
Ҳар шеъри навам як сакарот аст маро.

## САБҚАТ

Ҳама дар баҳри нопайдоканорем,
Ҳама бар кӯҳаи мавҷе саворем.
Дар ин ҷо аввалу охир касе нест,
Агар соҳил наю мақсад надорем.

## ФОНУСИ МАҒРИБ

На роҳею на бероҳест пайдо,
Шабе торику ҳавле бас сутург аст.
Нишин як дам, бияндеш, эй бародар,
Куҷо фонус дидӣ?
Чашми гург аст!

## ХОС ВА ОМ

Нишаста даври оташ маҳфиле шод,
Сухан аз ҳикмату фарҳанг доранд,
Вале аз партави ларзони оташ
Дар он сӯ сояҳошон ҷанг доранд.

## ЧАРО?

Намедонам, ба чашмат чанду чунам,
Вале ёдат ба ҳайҷо ҷавшанам шуд.
Наям гар дар шумори дӯстонат,
Чаро ҳар душмани ту душманам шуд.

## МИЗОНДОР

Аз ин марди раҳӣ инсоф омӯз,
Ки умре дар канори ҷода бар пост.
Ба нархи ним сомонӣ бисанҷад
Якояк вазни мардум бе каму кост.

## ҶОВИДОНА

Дар он ҷое сухан аз ҷовидонист,
Чӣ ҷои баҳси пирию ҷавонист?
Нигорино, гули пироҳани ту
Ҳамоно нусхаи Аржанги Монист.
Намезебад ба мо бечораголӣ,
Забони мо забони паҳлавонист.
Замингирам чу тири хокхӯрда,
Валекин шеърҳоям осмонист.

## ПОСУХ

Фаротар омад аз ҳасту адам ишқ,
Ду олам тай занад дар як қадам ишқ.
Чӣ мепурсӣ «заминӣ ё самовист?»
Замину осмон дӯзад ба ҳам ишқ.

*Соли 2012*

## ХОР ВА БУЛБУЛ

***Гул неъматест ҳадя фиристода аз биҳишт.***

***Касоии Марвазӣ.***

***Симои шармгини ту дорад сафои гул...***

***Шаҳрёр***

Хори чаман ба булбули маҳҷур таъна зад:
«Ту з-ин чаман наӣ, чӣ сароӣ санои гул?
Тавсифи гул раво бувадат, гар ки ҳамчу ман
Умре нишаста будӣ ту ҳам пеши пои гул.
Тарки чаман кунӣ ба зимистону ҳар баҳор
Ҳозир шавию бар сари доғат ҳавои гул.
Ин гуна тарки заҳмати мо гар намекунӣ,
Тадбири кори ту талабам аз худои гул».
Булбул бад-он нишот сурудан давом дод,
Фармуд: «Эй ба пойи гул, аммо ҷафои гул,
Як аз ҳазор ман насурудам, агар ки ту
Як аз ҳазору як бишиносӣ адои гул».

*11-07-2009*

## ТАСАЛЛО

Умр ҳарчанд дар кафи бод аст,
Аз ғами пириям дил озод аст.
Миллати шашҳазорсоли маро
Тифли панҷоҳсола навзод аст.

## МАРЗИ ХАТ

Хатти марзи мо
Марзи хатти мост.
Марзи хатти Пири Панҷрӯд,
Марзи хатти Пири Тӯс,
Марзи хатти Пири Ғиждувон,
Марзи хатти Устод Мирзо.
Марзи хатти бехатост,
Марзи хатти устувост,
Бе ҳудуду мунтаҳост.

Ин замон, ки баҳри ҳар ваҷаб замин
Наъли як ҷаҳон дар оташ аст,
Ҳарфи охирини мо –
Забони мо – тири Ораш аст.

***Тирамоҳи 2013***

## ШАРҲИ ЯК БАЙТ

(аз забони Хоҷа)

***Шароби талх мехоҳам, ки мардафкан бувад зӯраш,***
***Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш.***

***(Ҳофиз)***

Дар ин гулшан чу наҳли ангубин аз ҳар гуле шаҳде
рабудам ман,
Дар ин майдон ба ҳар зӯре тавони бозувонам озмудам
ман,
Дар ин маҳфил ба ҳар нозукадо баҳси хирад кардам,
Писандидам, гирифтам, озмудам, боз рад кардам.
Дар ин хоки куҳан дигар зи нақши куҳна дилгирам.
Худовандо, даре дигар ба рӯям боз кун аз лутф,
Ки бо ин хилқати туфониям дар тангнои ваҳм мемирам.

*Соли 1984*

## ДАР БОЗОРИ КУҲНАФУРӮШОН

Гузаштам ба бозори куҳнафурӯшон,
Намадмӯзапӯшону хамгаштадӯшон.
Нишаста яке пирзан дарканора,
Ба пешаш зи ҳар колае чанд пора.
Яке колба, як-ду сар ҳам калова,
Агар мехарӣ, чор сӯзан илова.
Самовори бесиму чанд истаконе
Ва як қабза абзори қолитаконӣ.
Ду-се қартаи куҳнаву як патифон,
Пасуфтодаи базми сарди ҳарифон.

Нишони пиёнерию камсамолӣ.
Аз ин гуна ҳар ҷинсу ҳар навъ моле.
Гули сабри садсолааш бор дода,
Гуле аз миёни дусад хор дода.
Кушода китобе пур аз доғу аз гард,
Навишта бар он чанд фарди пур аз дард.
Якеро чу бо шеваи тарҷумонӣ
Бихонӣ, ту аҳволи он пир донӣ:
«Ҳама ноз доранду бозор нест,
Ҳама мефурӯшад, харидор нест.»[1]

*Соли 2008*

## ҶАФО

Кас ба ҷони касе ҷафо накунад,
Ончунон ки кунад ба ҷони хеш.
Ҷони ҳар кас паси ҳисори танест
В-они ту бо ту, даст карда ба пеш.

## ДАР СИРК

Пилангез!
Аз барои Худо,
Мушкили бандаро бикун осон:
Ё фуруд ой худ зи кӯҳаи пил,
Ё маро бар набарди пил махон.

## ШЕРОЗАИ ЗИМИСТОН

Насими субҳ баозарму нарм меояд,
Дар остини ҳарираш чӣ ҳадя пинҳон аст?
Шитобу шарфаи рӯд ончунон фузун гашта,
Магар ки хос фиристодае зи Зарвон аст.
Зи ҳар канор шамими салом мешунавӣ,
Замон замони дуруду сипосу эҳсон аст.

---

1 Тарҷумаи ҳамон фардбайти русӣ, ки дар шеър ишора шуда.

Ба ҳар чӣ чашм бияфтад, чу ғунча во гардад,
Паёми кист, ки бар боли атри райҳон аст?
Кашида бар лаби офоқ хатти нуронӣ,
Табассумест, ки шерозаи зимистон аст.

*24-02-2010*

## ЭҲСОС

Ҳар гаҳе дар замини сахти дилам
Мезанад зоғи ғуссаҳо минқор,
Ҳар гаҳе аз надомату ҳасрат
Мешавад қалби хастаам хуншор,
Мекунам бо ғаму фусус эҳсос
Наъши Ҳобилро ба шонаи хеш.

Ҳар гаҳе ки ба ҷурми ҳақ гуфтан
Мефишорад ба панҷаи оҳан
Ҳалқи ҳақгӯйро яке кавдан,
Мекунам чун ҳакими Тус эҳсос
Қадами филро ба шонаи хеш.

*2 феврали 2011*

## ЯК БОМУ ДУ ҲАВО

Лаби тирезаи бозе,
канори саҳнаи бозӣ,
Ки баччагони сабуксар ба дастҳо табтоб,[1]
Ба шӯру валвала чавгонпиёда мебозанд,
Қанорӣ
дар қафасе ҳасту моҳӣ дар қафасоб.[2]
Қанорӣ
мунтазир аст,
Ки иттифоқ бияфтад
ва бишканад қафасаш…
Валек моҳию сад изтироб,
печу тоб,

1 Табтоб – чӯбдасти чавгонбозӣ.
2 Қафасоб – аквариум. Сохтаи муаллиф.

Нафас-нафас бизанад,
Худо-худо бикунад,
Сад илтиҷо бикунад,
Ки нашканад қафасоб.

*8 феврали 2010*

## ЭЙ САГ

Дилам бар ҳоли ту месӯзад, эй саг,
Чӣ кас сӯи манат бинмуда киш-киш.
Агарчанде, ки ғуррон мисли шерӣ,
Вале дар туст сад тардиду ларзиш.

Ту метарсӣ, ки шояд дар кафи ман
Ба қасди ҷони ту чӯбест, ё санг.
Валекин ҳеч гоҳе ман надорам
Пайи озор ё ҷанги ту оҳанг.

Бидон, ки аз фишори рӯзгорон
Маро сутхон чу санг асту чу оҳан.
Ба сӯям ҳамла меорию ин дам
Ба ҳолат гиряҳо дорад дили ман.

*Тобистони 2004*

## ГУЛҲОИ ТИРАМОҲӢ

Гулҳои тирамоҳӣ
Падруди офтобанд.
Эҳдои охирини
Мавлуди офтобанд.

Гулҳои тирамоҳӣ
Рухсора зард доранд.
Аз хори хушки пойиз
Як дарза дард доранд.

Сад чашм интизоранд,
Сад лаб суолу хоҳиш.
Муҳтоҷи як тасалло
Муҳтоҷи як навозиш.

Бо нархи ҷон бубахшанд
Эъҷозро таҷассум.
Хандон шаҳиди ишқанд
Аз теғи як табассум.

Резанд болу парро,
Дар домани зимистон.
Гулҳои тирамоҳӣ
Дар зери тири борон.

*Октябри 2011*

## ПАНД

Ба Самарқанд қасам,
Ки дигар раҳ надиҳам
Роҳ ёбад ба сари ғосиби меҳан ҳавасе.
Ба Бухоро савганд,
Ки дигар заррае аз хоки ватанро
Нагузорам ба касе.

*19 сентябри 2011*

## ПАРАНДА

Ту чун парандаӣ:
Ҳар сол
Як бор ҷома мекунӣ,
Валек ҷомаат
Ҳамеша покиза аст.

Ту чун парандаӣ:
Якумр
Як чома[1] мехонӣ,
Валек чомаат
Ҳамеша тоза аст.

*24 майи 2011*

1 Чома – шеър, суруд.

## ПИР

Қоматат шикастааст,
лек
Қиматат ба ҷост,
Хизри роҳи ман,
Қимати ту ба қомат нест,
Хоки пойи ту
тӯтиёст.

*27.10.11*

## ШАРҚ

Шарқ дар хуни хештан ғарқ аст:
Зодани офтоб осон нест.

## СУБҲИ ЗИМИСТОН

Замин ба бистари нози фаришта мемонад,
Ҷаҳон ба як вараќи нонавишта мемонад.

## НАБАРД

Ало гардун!
Гиребонат ба чанги ман агар афтад,
Чунон афшонамат,
к-аз синаат шамсу қамар афтад!

*Соли 1989*

## САВДО

Дунё!
Фирор мекунию аз қафои ту
Ҳай медавем…
мисли саги бовафои ту.

## ТАЪХИР

Омадам,
то як нафас гирам.
Ҳаво қисмат шудаст.
- Ё Худо – гуфтам.
Нидо омад:
- Дуъо қисмат шудаст!

*Соли 2007*

## ҲОДИСА

Не дуруде дар лаби сардаш,
На падруде.
Чашмҳо дар пушти анбӯҳи ғубори
бетафовут.
Болҳои абрувонаш
хаста,
бишкаста.
Рӯи берӯҳаш
чун дари баста…
Чанд рӯзе пеш .
Дар паси ин дар
Аз суи афроди номаълум
Кушта шуд Бовар.

*Соли 2007*

## РӮЗИ САЪД

Субҳ.
Мебарояд кадхудои хаста аз хона,
Бозмегардад зи пушти остона.
Мекунад фарёд:
- Кадбону!
Маҳ, бигир ин чатру ин боронию…
ҳо, ин кулаҳро ҳам,
Болҳоямро биёр,
Имрӯз хуршедист!

*Соли 1991*

## НОМАИ ГИРЁН

Пушти тиреза маҳви хиёлат нишастаам,
Борон ба рӯйи боғу чаман гиря мекунад.
Номи туро ба ҳаври тиреза навиштаам,
Ҳар ҳарф дар баробари ман гиря мекунад...

*Соли1987*

## ХАЗОН

Хазон асту рухи ту арғавонист,
Ҷаҳон пиру туро фасли ҷавонист.
Хазон дур аст аз боғи вуҷудат,
Надорад ҳеч падруде дурудат.
Вале эй боғи насрини суманбӯ,
Сари шохи баландат себи ман ку?
Ҳамон як себи дил, як себи танҳо,
Куҷо шуд аз сари он шохи боло?!

*27.10.1991*

## ЧӢ ОЙИНЕ!

Лабе бӯсидаму умре лаби худро фурӯ бастам,
Ба ёдат аз лаби ҳар ғунча ҳарфи сода мечинам.
Намедонам, чӣ ойин аст дар ин шаҳр мардумро,
Ки умре аз раҳу рӯ ман дили уфтода мечинам.
Азизе додрас дорам, насиме ҳамнафас дорам,
Ғубори ҳарфро аз хотири озода мечинам.

*Соли 1990*

## РОЗ

Намедонам,
Чи дасте боз
Чи тарҳе тозаро бар сафҳаи хоки куҳан
резад,
Ки ҳар гаҳ аҳраманро мекунам нафрин,

Басе з-онон,
Ки худро ёвари Ҳурмузд мехонанд,
Зи қаъри ҷонашон фарёд мехезад.

*18 майи 2010*

## САБКИ КАБК

***Дар пойи баёзи Манучеҳрии Домғонӣ***

На ироқию на хуросонӣ
Бартар аз лафзи одамиву парист.
Устодо, ту ҷони гӯёӣ,
Сабки шеъри ту сабки кабки дарист.

*Феврали 2010*

## САРГАРМӢ

Рӯйи реги соҳили рӯди замон биншаста
саргарм
Мекашам барномаи фардои худ бо нӯки
ангушт.
Мавҷи ин рӯди хурӯшон мерабояд
нақшҳоро,
Дастмузде мегузорад аз хасу хошок як
мушт.
Боди бодӣ,
боди дайду
бо тамасхур
мезанад «ҳушт!”

*Сентябри 2011*

## РИВОЯТ

Сири ту асири туст,
То ки дар замири туст.
Чун бурун шуд аз замир,
Ту асирӣ, ӯ амир.

*26.09.12*

## ХУДКОҲ

Аз ин рафтор ҳар оқил раво бошад ҳазар созад:
Ба майли худ диҳам чархиш ду теғи тези соатро,
Ки ҳар дам пайкари умри маро кӯтоҳтар созад.

## БАҲРАЙН

Баҳри шӯру баҳри ширин лаб ба лаб,
Дарнаёмезанд бо ҳам, воаҷаб!
Шоҳиди ин санъати Парвардгор
Чун дар инкораш бимонад устувор?

## ҲУШДОР

Дӯстам!
Такаббури ту чист?
Шохае зиёдатӣ
Бар дарахти Зиндагист.
Гар бар он нишаста бошӣ,
(Инчунин мабод)
Зуд ё ки дер,
Ногузир,
Сарбазер
Хоҳӣ уфтод.
Ҳар қадар баландтар,
Дард-
        манд-
                тар.

*Соли 2011*

## «НАСИҲАТ»

Ҳама гӯянд:
Ба худододагон ситеза макун…
Шигифто, яке ҳам
Аз ин «худододагон» намегӯяд –
«Ба Худо ситеза макун!»

*Январи 2013*

## МАҚСУД

Қалбе, ки дар он меҳри ту набвад, калб аст,
Зарре, ки дар он муҳри ту набвад, қалб аст.
Шарқе, ки дар он нури ту набвад, ғарб аст,
Сулҳе, ки ба хотири ту набвад, ҳарб аст.

*Соли 2012*

## ЧАРО МЕХУРӢ?!

Мусалмон, ки бас асрҳои дароз
Ту савганди аҳду вафо мехурӣ,
Биноли, ки душман фиребам диҳад,
Бале, медиҳад…
Ту чаро мехурӣ?!

*2012*

## ЭҲСОС

Фазоро дарнавардад бӯйи шуми фитнае,
Меҳан,
Сарам аз дард мегардад, дилам аз ранҷ
метаркад.
Канори туст норанҷею симаш бар лабони
ман,
Ҳаметарсам, ки гар лаб во кунам, норанҷ
метаркад.

*1991*

## ҚОНУНИ ТАБИАТ

Кӯҳ чун роҳи рӯдро бандад,
Медамад, то ки баҳр гардад рӯд.
Монеъа ҳар қадар бузург бувад,
Он қадар ҳам бузург хоҳӣ буд.

*2012*

## БЕНИЁЗӢ

Маънои баланд чун «Аналҳақ!»
Ороиши тоҷи дор гардад.
Шамшер бараҳна чун дурахшад,
Гулҳои наём хор гардад.

*2012*

## «БАХИЛ»

Резине, ки мекашандаш рӯйи кафш,
Дар забони рус гӯяндаш «бахил».
Ман бидуни тарҷума пазруфтамаш,
Мутмаиннам, ки намехоҳӣ далел.

*2012*

## ҲАСУД

Пахол тар шуд,
истод,
дар гирифт,
дод дуд,
Дар осмон падид гашт тарҳи пайкари
ҳасуд.

*2013*

## ДИДОР

Осмонро дубора мебинам,
Дар ду чашмат
Дупора мебинам.

*2013*

## ДАР СӮГИ ДӮСТАМ ПУРИЁ

Баландном Пуриё
то ки зинда буд,
ба дур аз риё
ба хандаву ба гиряи дурӯғ тан
барои зистан надод.
Ба маҷлиси азои хеш ҳам
ба садри анҷуман нишасту ғайри модараш
ба ҳеч навҳагар
Иҷозаи гиристан надод.

*Соли 2010*

## МАРМАРИ ДИЛҲО

Шеъри ман фарёд аст,
Муршидам Фарҳод аст,
Килкам аз фӯлод аст,
Дафтарам мармари дилҳои шумо.

*Феврали 2014*

## ФИРДАВСӢ:

То зинда будам, чу хасм такфирам кард,
Тадбири варо забони шамшерам кард.
Имрӯз маро чу дӯст такфир кунад,
Фирдавсии Фирдавс чӣ тадбир кунад?

## МЕҲРИ МОДАР

Агар рӯзе замин аз ҷазбаи худ
Бимонад, мешавад дунё парешон.
Чу коҳе, ки ба чанги бод афтад,
Шавад хурду бузурги мо парешон.

Аё модар, ба ҷазби меҳри покат
Ту ҳамтадбиру ҳамзӯри заминӣ,
Ба гирдат ҷамъ карда бачаҳоят
Зи ҳар кунҷе пайи дидорбинӣ.

Агарчи ҳар кадомеро ҳавоест,
Хаёли дигару маъвои дигар,
Вале сад моҷаро пеши ту яктост,
Ки онон кӯдаконанду ту модар.

Аҷаб давлат, ки ҷазби меҳри покат
Нагардад з-ихтилофу ҷанги мо кам,
Вагарна ҷумла қудратҳои олам
Набитвонанд моро дошт бо ҳам.

*1989*

## ДОМОНИ КӮҲИСТОН

Хушо, домони кӯҳистон, ки ман пойи нигаҳ ёзам,
Шавад озод афкорам, шавад бебок парвозам.
Ба ҳомун даст афшонам, ба гардун гардан афрозам.
Дар он ҷо мову ман набвад, хилофи ҷону тан набвад
Ва хоре нешзан набвад ва санге дилшикан набвад,
Ба оби рӯд бистезам, бад-ин шеъри равон нозам.

Ба оби чашма рӯ шӯям, гулонро табъи дил бӯям,
Кашам санге ба паҳлуям, ба ӯ аҳволи дил гӯям,
Тапад чун дил ба паҳлуям, шавад чун санг ҳамрозам.
Дар ин хилватгаҳи шоҳӣ, ки аз моҳ аст то моҳӣ,
Ҳама дору надорамрову ҷони интизорамро
Агар ногаҳ биёӣ, дар қадамгоҳат барандозам.

*Соли 1986*

## НУСХАИ ЗАМОНАСОЗ

Дар вуҷуди ман касе дигар ба номи ман
Кӯ ба кӯ дар шаҳр мегардад парешонҳол.
Бигзарад чун соя ором аз сари ҳар чиз
На дар ӯ ошуфтану на ҷангу на ҷанҷол.

Бар ҳама кас ӯ зи номи ман сано гӯяд,
Меравад ҷойе, ки аз дидорш безоранд.
Бо дили худ шон ду се тан дӯстон дорад,
Ки ба ғайбат кардани ман гармбозоранд.

Бишнавад бад, хешро нашнида мегирад,
Бад бубинад, хешро нодида ангорад.
Дидану бишниданаш танҳо чунон бошад,
К-ончунон диду шунидаш бар касон форад.

Дар димоғаш даъвии ашъор ҳам дорад,
То диҳандаш роҳ дар маҳфили тутиҳо.
Дар ҷабинаш арзи қалби зудшикан нақш аст
Ҳамчу нақши сотгин бар рӯйи қутиҳо.

Лек бо сад ҳилаву фанду табаҳкорӣ
Мешавад ӯ низ то бегоҳ афсурда.
Баъд то даргоҳи ман, яъне ки асли худ
Мерасонад хештанро мурда номурда.

Боз ин ҷо ҳам даме беғам намеёбад:
То саҳар чун дар қиёмат қоимаш дорам.
То саҳар аз кардаҳояш тавба фармоям,
Бар сараш гаҳ обу гаҳ оташ ҳамеборам.

Субҳ чун ояд, ниқобашро ба рӯ гирад,
Дар кушояд, дар бипӯшад нарму дуздона.
Меравад ӯ боз дар базми ниқобиҳо,
То напӯсад, мешавад аз асл бегона.

Ҳамчу маҳбус аз пайи маҳбуси тарсуе
Ман зи пушташ бо ғазаб дандон ҳамесоям,
Ҳай дареғо!
Ман наметонам, ки ҷонашро бигирам,
Ӯ миёни маърака, ман шахси танҳоям.

*Соли 1988*

## ДОМГУСИЛ

Риштаи ожир ларзид,
Хез бигрифт аз каминаш тортан,
аммо…
На доме, не шикоре,
Дар ҳаво пар мекашад шоҳину дар чанголи ӯ
торе.

*Августи 2012*

## “ЧАШМАИ БАРАҲНА”

Оташҷигарон, ки доғи оби сарданд,
Чун селаи кабки рав ба даврат гарданд.
Эй теғи бароҳехтаи нурфишон,
Пайдост чаро “Бараҳна” номат карданд.

*Июли 2014*

## РУБОИЁТ

Эй кӯҳ, ғурури ту писанд аст маро,
Тамкину сабурии ту панд аст маро.
Як пораи хораи ту будам шояд,
Баҳри чӣ иморате? Кӣ кандаст маро?

* * *

З-онон нашавӣ, ки ранг мепардозанд,
Ойина шикаста, санг мепардозанд.
Ду байт накарда шеър ё назми дуруст,
Бо назми ҷаҳон ба ҷанг мепардозанд.

* * *

Он як гуфта, атому нитрон бошад,
Дигар гуфта, ҳанӯз пинҳон бошад –
Он зарра, ки ҳеч гоҳ қисмат нашавад,
Якпорча хоки Тоҷикистон бошад.

* * *

Ин Монии Барф килки Ораш дорад,
Аржанг ба хуни Дай мунаққаш дорад.
Дарё, ки шафақ ба синааш панҷа кашад,
Дар шишаи ях шароби оташ дорад.

* * *

Ин оҳуи кӯҳсор побасти ту беҳ,
Ин моҳии беқарор дар шасти ту беҳ.
Он дил, ки зи ман рабудаӣ, настонам,
Он ки ба ту хуштар аст, дар дасти ту беҳ.

* * *

Эй барф, ки хуш нишастаӣ бар қади раҳ,
Чун ҳолаи нури пок бар пайкари маҳ.
То субҳ барои ту дилам месӯзад,
Аз сумбу сапал, ки мешавӣ ғажду сияҳ.

* * *

Он нуқтаи такя, ки бурун аз кайҳон,
Бо такя бар он чарх нигун кард тавон –
Мечусту наёфт аз ҷаҳон Архимед,
Чизи дигаре набуд ғайр аз имон.

* * *

Гар хора будӣ, паранд мегардидӣ,
Гар хор будӣ, сипанд мегардидӣ.
Панди ман агар ки мешунидӣ, эй дил,
Ҳаргиз на чунин нажанд мегардидӣ.

* * *

Чун нури Ҳақ аз қалби гумон бояд рафт,
Чун андеша миёни ҷон бояд рафт.
Пӯйидани ту то ба самар роҳ барад,
Чун об ба решаҳо ниҳон бояд рафт.

* * *

Дарё бинад туро, дамидан гирад,
Оҳу бинад, сар зи чаридан гирад.
Аз хандаи хуршед ба раҳ дил резад,
Доман гирад ёлаву чидан гирад.

* * *

Ҷоми дилам аз бодаи уммед пур аст,
Чашмам зи фурӯғи бахти испед пур аст.
Азбаски ба фардои худ имон дорам,
Шаб хонаи ман зи нури Хуршед пур аст.

* * *

Як ахтари тобандаи пурсӯзу гудоз
Бибрида зи хайли ахтарон аз сари ноз,
Дар синаи мо нишасту «дил» ном гирифт,
Имрӯз хаёли осмон дорад боз.

* * *

Додем нигин зи дасту номе мондем,
Сад сад бишикастему ба доме мондем.
Бо қомати мо ба осмон бар бишуданд,
Мо чун нардбон бар лаби боме мондем.

* * *

Аз санги хамӯши мо шарар мебезанд,
Аз реги дурушти мо гуҳар мебезанд.
З-ин хок, ки мо бар сари ҳам мебезем,
Бингар, ки дигарҳо ҳама зар мебезанд.

* * *

Дунёи Абулбашар бишуд ободон
Бо қимати ҷон супурдани Фарҳодон.
Ҳар лаҳза ҳазор фитна барпо созанд,
Зинҳор, зинҳор аз Абушшарзодон.

* * *

Бояд паймуд зи Бохтар то Ховар,
Бояд ки ба сар кашид сад ҷоми дигар.
Ҳарчанд ҳама аз ин ҷаҳон мегузаранд,
Бар мурдани худ ҳеҷ надорам бовар!

* * *

Зинҳор, савоби кас гунаҳ нашморанд,
Некӣ бикунӣ, туро наку медоранд.
Дар хидмати мардумон гар аз пой уфтӣ,
Чун резаи нонат аз замин бардоранд.

* * *

Онон ки ба хидмат ҳама дам яксонанд,
Гӯё ки зи чашми қадри мо пинҳонанд.
Як субҳ агар дер бароянд Хуршед,
Он лаҳза ҳама қадри варо медонанд.

* * *

Эй дил, ту бикӯш дар вафои дигарон,
Аз хеш бурун баро барои дигарон.
Дасти дигарон бигир, к-охир биравӣ,
То бар лаби гӯри худ ба пои дигарон.

* * *

Ин як-ду нафас, ки умр номаш кардем,
Гаҳ оҳи дилу гаҳе каломаш кардем.
Зоди сафари тамомӣ асту, афсӯс,
Аз ҳирс ба нимраҳ тамомаш кардем.

* * *

Аз ғурбати хеш дар ватан бигристам,
Аз танҳоӣ дар анҷуман бигристам.
То ки ба мақоми хеш қоим бошам,
Чун шамъ ба пои хештан бигристам.

* * *

Бехуд шудани мо, ки зи худхоҳии мост,
Андӯҳи шаб аз хоби саҳаргоҳии мост.
Аз дасти кӣ нолем зи умри гузарон?
Кӯтоҳии умри мо зи кӯтоҳии мост.

* * *

Эй боми ҷаҳон фарошта бебомон,
Эй номи ҷаҳон фарошта беномон,
Эй чашми ҷаҳон кушодагон бастадучашм,
Эй пухта ҳама хоми ҷаҳонро хомон.

* * *

Имрӯз, ки ҳар лол сухан мегӯяд,
Фазл аст, агар кулӯх “ман” мегӯяд.
Бояд зи тану ҷону равон нандешад,
Тоҷик, агар имрӯз Ватан мегӯяд.

* * *

Эй минбари ҷовидони Яздон, бархез,
Эй баччаи Сому пури Дастон, бархез,
Эй мурда зи бими ҷон, агар ҷон дорӣ,
То зинда бимонӣ, аз сари ҷон бархез.

* * *

Эй войи шикам, войи шикам, войи шикам,
Уфтода дилу ақли ту дар пойи шикам.
Занҷир шуда ба дасту по рӯдаи ту,
Мемирию барнаёӣ аз лойи шикам.

* * *

На Вахшу на Хуҷанду на Хатлон гӯям,
На Рашту Ҳисору на Бадахшон гӯям,
Бо ин ҳама мухтасар саломе дорам,
Бе рӯву риё чу Тоҷикистон гӯям.

* * *

То Вахш равон аст, ғами нур махур,
То ҳаст Зарафшон, ҳаваси ур махур
То ҳаст Бадахшон, нашавӣ хуни ҷигар,
Эй хуфта ба гаҳвора, ғами гӯр махӯр.

* * *

Он илми ту, ки асоси қонуни ту буд,
Дидам, ки нишони ҳиммати дуни ту буд.
Кофист ҳамин зи аввалу анҷомаш,
К-одам ба насиба ибни маймуни ту буд.

* * *

Ҳар сатр чу тозиёна мехоҳам ман
В-аз баҳри касе зиён намехоҳам ман.
Ошӯби даруниҷон накӯтар ояд,
Таҳсини саризабон намехоҳам ман.

* * *

Ҳикмат, ки ба дил мукарраму комил шуд,
Бо хуни дилу гавҳари ҷон ҳосил шуд.
Мулло на барои хонақоҳ асту мазор,
Қуръон на барои мурдагон нозил шуд.

* * *

Шоме, ки ба хоб биспарам, сӯзи ман аст,
Шоме, ки ба рӯз оварам, рӯзи ман аст.
Умре, ки чунон гузашт, нахчири аҷал,
В-ин гуна чу мурғи дастомӯзи ман аст.

* * *

Ҳар гоҳ ба мо дари сухан боз шавад,
Ин сина пурошӯбу пуровоз шавад.
Ҷангест миёни ҳарфҳо дар дили мо,
То он ки киро насиби парвоз шавад.

* * *

Хокистари оташи кадомин базмем?
Пайкони шикастаи кадомин размем?
Таҳқиқ на аз Вахшу зи Хуҷанду Ҳисор,
Шояд зи Бухору Балху аз Хоразмем.

* * *

Ин гуна ки имрӯз ба ҳам омадаем,
Безор зи кинаву ситам омадаем.
Ҷӯёи амон бар дари дил омадаем,
Ҳуш дор, на бар ҷанги шикам омадаем.

* * *

Зар ҳаст турову зӯр, зорит чаро?
Зорит ба ҷуз даргаҳи борит чаро?
Бар қатраи раҳмати касон чашми ту чор,
Пас чашмаву рӯдҳои ҷорит чаро?

* * *

То чанд талоши тахту минбар кардан,
То чанд ҳавову ҳаваси зар кардан,
Эй бехабарон ғанимат аз умр ин аст:
То ҳаст даме, хидмати модар кардан.

* * *

Сарви ту зи боғи бехазон омадааст,
Илми ту зи файзи Ломакон омадааст,
Бисёр ба гавҳари худӣ хок мазан,
Гаҳвораи ту аз осмон омадааст.

* * *

Пирандешон, ки дар ҷавонӣ пиранд,
Доранд гумон, ки соҳиби тадбиранд.
Гӯянд ҳама чароғи шабафрӯзем,
Тарсанд, ки чун субҳ расад, мемиранд.

* * *

Ман душмани ҷони хеш будам умре,
Побанди гумони хеш будам умре.
Гаҳ-гаҳ будаам судрасони дигарон,
Аммо ба зиёни хеш будам умре.

* * *

Он ҷо ки ба наъра дил даридан бояд,
Афсӯс, ки ангушт газидан бояд.
Дар гулшани даҳр ҳар нафас як ҳунарест:
Тӯфон будану нарм вазидан бояд.

* * *

Чун чарх ба ҷони ману ту қасд кунад,
Аввал ба ҳавову ҳавасе маст кунад.
Якчанд сари манораи ҷаҳл кашад,
З-он баъд ба қаъри нокасӣ паст кунад.

* * *

Бигзор ҳамеша шодмонам бинӣ,
Дар коми наҳанг комронам бинӣ.
Гар ҳеҷ табассумам муяссар нашавад,
Теғе бизанам, ки устухонам бинӣ.

* * *

Эй ҳаҷри ту санҷиши суботи дили ман,
Васли ту сабабгори ҳаёти дили ман.
Рӯзе зи ту бӯйи бевафоӣ шунавам,
Он рӯз бувад рӯзи вафоти дили ман.

* * *

Ин гуна, ки хатту холи ту ширин аст,
Чун хоби саҳар хаёли ту ширин аст.
Ин қадр, ки дарди ҳаҷри ту ширин аст,
Овоҳ, чӣ қадар висоли ту ширин аст!

* * *

Чун шӯълаи ҷони рӯз хомӯш шавад,
Дар мотами рӯз шаб сияҳпӯш шавад,
Хуршедрухе маро дар оғӯш шавад,
Ин мурдану зистан фаромӯш шавад.

* * *

Хайём, баҳори ту гулафшон бошад,
Шеъри тари ту шароби риндон бошад.
То чархи фалак ба коми мо мегардад,
Ҷоми ту ба даври даҳр гардон бошад.

* * *

Хайём, ба ҳар замона поянда туӣ,
Чун рӯди равон ба раҳ фазоянда туӣ.
Аз гардиши айём заволат нарасад:
Дирӯз ту, имрӯз ту, оянда туӣ.

* * *

Онон ки зи Хайём фақат май донанд,
Хайём кӣ будааст, шон кай донанд?
Ин сон ки зи май ҳама қай эҷод кунанд,
Ин тоифа шеърро магар қай донанд?

* * *

Эй хок ба фарқи чарху бар гардунаш,
Як масхара буда олияш, ҳам дунаш:
Маймун, ки ба сад машаққат одам гаштаст,
Аз чист, ки боз мекунад маймунаш?!

* * *

Варзоб хуш асту бо дили сода хуш аст,
Бо синаи ҳамчун дара бикшода хуш аст.
Мегӯӣ, ки бода нӯш, то хуш бошӣ,
Имрӯз чунон хушам, ки бе бода хуш аст.

* * *

Аз чор тараф қақраи кабкони дарист,
Ин хок пур аз ганҷи парешони дарист.
Дарё бар дарӣ, бод дарӣ мехонад,
Ҳар кӯдаки Ғарми ман нигаҳбони дарист.

* * *

Эй пои шикаста, қадамат хоҳам кард,
Эй дасти шикаста, аламат хоҳам кард.
Эй қалби шикаста, ту давотам мебош,
Ангушти шикаста, қаламат хоҳам кард.

* * *

Сар бар тани мо барои афрохтан аст,
Дил дар бари мо барои бигдохтан аст.
Ин чашм пайи шинохтан мардумро
В-ин ақл барои хеш бишнохтан аст.

* * *

Раъде биғуриду қатраборон борид,
Гӯё зи фалак яке баҳорон борид.
Бӯи гили тар аз гули тар хуштар буд,
Ашки борон ба хоки ёрон борид.

* * *

Бе суду зарар ба хеш мепечам ман,
Бе арзи ҳунар ба хеш мепечам ман.
З-он рӯз, ки дар шеъру сухан печидам,
Шаб то ба саҳар ба хеш мепечам ман.

* * *

Ғамҳои туро ба қаъри ҷон ҷо кардам,
Бо дарди ту лабро ба сухан во кардам.
То ин ки туро ба кор оям рӯзе
Бо душмании даҳр мувосо кардам.

* * *

Бо ҳар сухане қалам ба дафтар надавад,
Ёҳу зада монанди қаландар надавад,
Бар теғи хати чун дами ханҷар надавад,
То масти сухан нагашт, бо сар надавад.

* * *

Имшаб, ки дилам дарун-дарун мегиряд,
Ҷонам зи ҳазор рахна хун мегиряд.
Як қатраи ашкро ба дуньё надиҳад
Девона, ки аз завқи ҷунун мегиряд.

* * *

Аз худ хабарам нест, маро ном мапурс,
Оғоз хуш омадаст, анҷом мапурс.
Роҳест ба умр, фурсате чун нафасе,
Лаб бар лаби хум ниҳодам, аз ҷом мапурс.

* * *

Аввалгуҳари ҷаҳон гили Инсон аст,
Ин маърака баҳри ҳосили Инсон аст.
Оташкадаву Каъбаву бутхонаву дайр,
Ҳар нусха иморати дили Инсон аст.

* * *

То чанд ҷафои ёру ағёр кашем?
То чанд зи рост гуфтан озор кашем?
Ин гуна ки ҷурми мо бузург асту баланд,
Худро ба таноби Каҳкашон дор кашем.

* * *

Чун ғунча агар ки нақди зар нест туро,
Ту ханда макун, ки зебу фар нест туро.
Чун абр агар домани тар нест туро,
Дар гиря ҳам он қадар ҳунар нест туро.

* * *

Эй рӯйи ҷаҳон гирифта овозаи ту,
Ку рӯйи кушодаи туву тозаи ту?
Чун тӯб зи шаттаи қазо меоянд,
Не бо сари худ, бар дари дарвозаи ту.

* * *

Чун ойина чашми интизоре набувад,
Чун ойина покизанигоре набувад:
Дар хонаи ойина ҳама меҳмонанд,
Аммо зи пайи касе ғуборе набувад.

* * *

Ҳар кас, ки насиби инбисоташ набувад,
Саҳме зи хизонаи ҳаёташ набувад.
Бишкофу бубин санги дили дарёро,
Як қатраи ашк дар бисоташ набувад

* * *

Охир ки ба сад азоб одат кардӣ,
Нодидани офтоб одат кардӣ.
Боракаллаҳ, «шоири Шаҳри Хуршед»,
Чун чуғз ба ин хароб одат кардӣ.

* * *

Дар косаи лола шири борон хӯрдем,
Ҷоме зи кафи сабзи баҳорон хӯрдем.
З-он баъд ҳар он чи буд дар боқии умр
Андӯҳи фироқи дӯстдорон хӯрдем.

* * *

Ҳар кас ба худои хеш розе дорад,
Дар ҳар нафасе тоза намозе дорад.
В-он байзаи аблақе, ки бар мушти хасест,
Дар синаи хеш шоҳбозе дорад.

* * *

Сӣ рӯз беҳ аз рӯз бувад ҳар шаби мо,
Дар бурҷи нигори мо бувад кавкаби мо.
Тӯмори ҳазорсолаи ихлосем:
Меҳри ту ба сина, мӯҳри ту бар лаби мо.

* * *

Донанд дигар, ки узӯму истофил
Ангуру инаб бувад, на қолею на қил.
Асли даъво бар сари он як дирам аст,
Беҳуда машав ранҷа зи баҳри таъвил.

* * *

Он як ба ғурур гуфт: «Дорӣ ту савод?
Дин пеши ту аввал аст ё ин ки нажод?».
Гуфтам, ки агар довари мо Дарвин аст,
Сад вою дареғи ифтихори аҷдод.

* * *

Ман заҳри туро хӯрдаму шаккар додам,
Куфри ту фурӯ бурдаму бовар додам.
Сад хори хазон дар ҷигарам биншондӣ,
Чун хок ҷавоби ту санавбар додам.

* * *

Ҳар огоҳе дарду азобе дорад,
Дар дашти талаб ранҷи саробе дорад.
Аз мо чӣ аҷаб ҳоли харобе, чӣ шигифт:
Дарё дарёст, печу тобе дорад!

* * *

Гар аз даҳане ба фаҳш меранҷонім,
В-ар аз нигаҳе ба қаҳр метарсоним,
Ё Раб, донам ин ҳама тадбир зи туст:
Аз халқ ба сӯи хештан мероним.

* * *

Гар бо дили хеш будаме, хуш будам,
Кай зору парешону мушавваш будам.
Дилро чу вафо нест, зи ман бигрезад,
Ҳар бор, ки ман миёни оташ будам.

* * *

Ё Раб, ё Раб, он дари мафтӯҳ куҷост?
Меъроҷи дуъову шаҳпари рӯҳ куҷост?
Ҳар қалб сафинаест бишкаста ба баҳр,
Туфон бигирифта оламу Нӯҳ куҷост?

* * *

Ё Раб, Ту ҳама ниҳони ман медонӣ,
Андешаи ман, гумони ман медонӣ.
Ҳарчанд, ки муддао бисӯзад ба забон,
Сад шукр забони ҷони ман медонӣ.

* * *

Ё Раб, ё Раб, қути маро нур бидеҳ,
Аз нур маро шамъи шаби гӯр бидеҳ.
Он лаҳза, ки дил тиҳӣ шавад аз нурат,
Хоҳеш ба мору хоҳ бар мӯр бидеҳ.

* * *

Ё Раб, нафасе ба худ раҳоям накунӣ,
Аз меҳвари меҳри худ ҷудоям накунӣ.
Дар баҳру бар аз Худои худ менозам,
Маҳмилкаши нози нохудоям накунӣ.

* * *

Ё Раб, зи кӣ ҷуз ту доварӣ меояд,
Бахшоишу, додгустарӣ меояд.
Эй баҳри карам, косаи гирдоб ба каф
Дарё ба дарат гадягарӣ меояд.

* * *

Ё Раб, зи хирад маро баҳоре додӣ,
Дар домани ҷон шукуфазоре додӣ.
Дар сина зи дил чӣ обшоре додӣ,
В-аз нафс дар остин чӣ море додӣ!

* * *

Мо куштаи қалби ноумеди хешем,
Шерони ҳақему нотавон чун мешем,
Дарвеш зи дасти нафси нодарвешем,
Дар пайкари рӯзгори худ чун решем.

* * *

Мо ҳосили ҷадду боби худро бихурем,
Аз паҳлӯи ҳам кабоби худро бихурем.
Онон ки ба хоки мо нишастанд фарох,
Менагзоранд оби худро бихурем.

* * *

Эй дӯст, биё, ки мешу гургӣ накунем,
Кори сутурон аст сутургӣ, накунем.
Бар фарқи сари миллати уфтода зи пой
По мондаву даъвои бузургӣ накунем.

* * *

Эй дӯст, биё, ба ҳоли худ гиря кунем,
Бар беҳуда моҳу соли худ гиря кунем.
Нозиста умри ҷовидон мехоҳем,
Бар орзуи муҳоли худ гиря кунем.

* * *

Мо хурду бузург ҷумлагӣ устодем,
Устод зи тоқи осмон уфтодем.
То нима лабе ба гуфтугӯ бикшодем,
Пири хирадему соҳиби иршодем.

* * *

Сад нохуни андеша ҳамефарсояд,
То як гираҳ аз румузи ту бикшояд.
Ойина муқобили ту ҳайрон монда,
То бар ту кадом рӯйи ту бинмояд.

* * *

Имсол тамом соли Мавлоно буд,
Дар ҳар даҳане мақоли Мавлоно буд.
Дидем ба таҳқиқ чу дар дафтари хеш,
Ашъори ману ту моли Мавлоно буд.

* * *

Чун аз фалаки каломи Мавло нигарӣ,
Ҳамвор бувад мулки сухан сарбасарӣ.
Гирам, ба сутурлоб агар ҳам сипарӣ,
Фарқе накунад бурҷи яке аз дигарӣ.

* * *

Меҳан, нафасе агар туро гум кардам,
Парҳез зи обу хоки мардум кардам.
Дар роҳи ту бигзашта зи дарёи Муҳит,
Чун кабк ба хоки ту таяммум кардам.

* * *

Ин як ба ҳақиқат бинависам, на маҷоз,
Ғурбат буду шаб буду ману шамъу гудоз.
Ашке, ки ба пои шамъ резон мешуд,
Чун нақшаи хоки Тоҷикистон мешуд.

* * *

Ҳошо, ки пайи баҳои худ гиря кунем,
Бар арзиши ҳарзаҳои худ гиря кунем.
Дар сӯги дусад шаҳид як кас нагирист,
Мо зиндаву аз барои худ гиря кунем?

* * *

Эй дӯст, хуш омадӣ ба кайҳони сухан,
То арш бувад арсаи ҷавлони сухан.
Гар даст диҳад, ба дасти худ овезам
Бар гардани ту шаддаи марҷони сухан.

* * *

Аз шеър ҳазору анд дафтар дорем,
В-он шеър, ки дорем, ҳама тар дорем.
Айб аст, агар ба хушксоли илҳом
Аз мазраъи ғайр хушае бардорем.

* * *

Гоҳе ба миёни дафтарам гул монӣ,
Гаҳ тораи мушкбӯй сунбул монӣ.
Ин дафтари мо зи пораҳои дили мост,
Эй кош ту низ порае дил монӣ.

* * *

Ҳарчанд сари ту мушти ҳар кал хӯрдаст,
В-он чеҳраи ту силии ҳайкал хӯрдаст,
Ойинаи равшан аст пешонии ту,
Аз баски ба хоки ишқ сайқал хӯрдаст.

* * *

Ин шӯру ғурури ту зи ҷои дигар аст,
Ин боди бурутат аз ҳавои дигар аст.
Бебок дили халқи худоро машикан,
Ё пиндорӣ туро худои дигар аст?

* * *

Ё Раб, сухане, ки дар тавонам набувад,
Онгуна бикун, ки дар забонам набувад.
Он нӯш мадеҳ, ки бар зиёнам бошад,
Он неш бидеҳ, ки дар зиёнам набувад.

* * *

Қалби ману қалби шабу қалби Қуръон,
Дар панҷа гирифта қалби бемори замон.
Мегӯяму мехурӯшаму мезорам:
Ё Шофию ё Карим, ё Раб, дармон!

* * *

Афсӯс, ки паймуда шуд он паймона,
Ин дурдаи бедард нашуд дурдона.
Ку шамъ, ки дар хилвати Ҳофиз месӯхт,
Моему чароғҳои бепарвона.

* * *

Одам зи нахуст олими Асмо буд,
Шак нест, Абулбашар зи мо доно буд.
Фарҳанг ҳазору милиёнсола наяст,
Ин гавҳари пок аз азал бо мо буд.

* * *

Хун мечакад аз ниҳоли сархункарда,
Хун мечакад аз дутори нохункарда.
Маъзур, ба рӯзи ид агар хун накунем,
То субҳи қиёмат ин ватан хун карда.

* * *

То чанд ту шӯру моҷаро мехоҳӣ,
Ҳақ мехоҳӣ? Чӣ нораво мехоҳӣ!
Эй бехабар, андар ин чарогоҳи хаёл
Аз «чун?» бигузар, агар чаро мехоҳӣ.[1]

* * *

Ойинаи ҷон зи баски зангорӣ шуд,
Аз дуди нафас субҳ шаби торӣ шуд.
То пеш омад як чарогоҳи фарох,
Шабдези ману ту гови парворӣ шуд.

* * *

Эй маст, шароби ҳушёрон нахурӣ,
В-ин машки сиришки сӯгворон нахурӣ.
То мисли садаф машқи хамӯшӣ накунӣ,
Зинҳор, ки ин қатраи борон нахурӣ.

* * *

Сад шукр, ки чашми имтиҳон дорам ман,
Мизон ба фарохури дукон дорам ман,
В-ар теғи забоне ба даҳон дорам ман,
Аз санги дили касон фасон[2] дорам ман.

* * *

Хуррамдилу тандуруст мебояд зист,
Чун оҳӯи вахш чуст мебояд зист.
Гирам, ки дилат зи зиндагонӣ бигирифт,
Эй дӯст, барои Дӯст мебояд зист.

---

1 Мазмун аз Козимӣ.
2 Санги қайроқ.

* * *

Он ҷо, ки салоҳ нотавонӣ бошад,
Афсонаи бехудӣ «ҷаҳонӣ» бошад.
Зинҳор, забони тоҷикон давлатӣ нест,
То давлати тоҷикон забонӣ бошад.

* * *

Он кас ки ба зери по ниҳад Қуръонро,
Аз тоқи баланд то бигирад нонро,
Қаддаш наю балки ақли ӯ кӯтоҳ аст
В-арна биниҳад ба зери по кайҳонро.

* * *

Мансур бишав, ки дори ту шеър шавад,
Яъқуб, ки интизори ту шеър шавад.
Ин лолаву настаран ҳама шеъри Худост,
Шоир туӣ, ар ки хори ту шеър шавад.

* * *

Инъоме агар зи даҳр пинҳонам буд,
Дарди дигаре буд, на дармонам буд.
Бозе, ки раҳо кардаму вопас омад,
Дар чанголаш кабки ғазалхонам буд.

* * *

Онро ки азизу муҳтарам сохт туро,
Бишнос наку, чу нек бишнохт туро.
Дасте, ки бар осмон барафрохт туро,
Ҳам битвонад ба хок андохт туро.

* * *

Шуҳрат чи бувад, ки аз пайи он бошӣ,
Хилват биталаб, ки дар пайи ҷон бошӣ.
Бо санги дигар бурун ҳамеорандат,
Гар мисли шарар ба санг пинҳон бошӣ.

* * *

Меояд барфи тоза бар боли Масеҳ,
Авроқи сапед мешавад фоли Масеҳ.
Бар қомати ҳар дарахт ташрифи нав аст:
Наврӯзи сапедҷомагон – соли Масеҳ.

* * *

Кай ҷоиза хостам? Ҷазоям надиҳед,
Бо ин ҳама ранҷ носазоям надиҳед.
Ман омадаам, ки дасти фардо гирам,
Асҳоби парер, пешпоям надиҳед.

* * *

Чашме ту бияндозию, дунё гирӣ,
Дасте ту биёзию Сурайё гирӣ.
Гиранд-нагиранд касон як моҳӣ,
Шасте ту биафканию дарё гирӣ.

* * *

Он гаҳ, ки рагат кашида шуд чун раги тор,
Аз синаи ту бурун шавад нолаи зор.
Он сон, ки туро хуш ояд аз нолаи тор,
Ин нолаи ту хуш аст пеши Додор.

* * *

Ман шоири солу ҳафтаву моҳ наям,
Аз ҳафтаву моҳу сол огоҳ наям.
Ман шеър ба ёди ҷовидон мегӯям,
Ҳарчанд ки худ гоҳ ҳаям, гоҳ наям.

* * *

Ту санг занӣ ба мову мино ёбӣ,
Ту дард диҳӣ ба мову Сино ёбӣ.
Куштӣ ту чароғи мову мо зинда шудем,
Худро ту бикуш, магар тасалло ёбӣ.

* * *

Як ҷону ҳазор таб, чӣ ҳам битвон кард?
Як шамъу ҳазор шаб, чӣ ҳам битвон кард?
Моро ба ҳақи Ҳақ офаридаст Худой,
Гар ҳақ накунӣ талаб, чӣ ҳам битвон кард?

* * *

Эй миллати фарзона, ҳакими ту куҷост?
Эй меҳани ман, лутфи қадими ту куҷост?
Афканда дилам ба пойи Албурзи ғам аст,
Симурғ! Куҷойӣ ту? Нишеми ту куҷост?

* * *

Ҳар сӯ назаре бияфканӣ, роҳ шавад,
Дар сояи лутфи ту гадо шоҳ шавад.
Дар сина ниҳон диле чу хуршед туррост,
Гар оҳ кашӣ, дар осмон моҳ шавад.

* * *

Дар маҳифили дил на ғайбату кин гӯянд,
Ҷамъест, фариштаҳош таҳсин гӯянд.
Тифле хонад зи сафҳаи дил Қуръон,
Пире бикунад дуъову омин гӯянд.

* * *

Эй дӯст, ду чашми ту чароғи Ватан аст,
Бедор бидор.
Ақлу хирадат марҳами доғи Ватан аст,
Ҳушёр бидор.
В-ин қомати ту сутун ба сақфи Ватан аст,
Аз по манишин.
Чун шоҳчанор зеби боғи Ватан аст,
Солор бидор!

* * *

Користонест боғ бе ҷавшану тарг,
Борон бизанад ба ғунчаҳо мисли тагарг.
Дар панҷаи бод дар ҳаво печопеч
Гаҳ селаи зоғ бину гаҳ селаи барг.

* * *

Аз тоқи Ҳарам он чи ба даврон монда,
Як кафтари жӯлидаи сарсон монда.
Ҳудҳуд бинам, дилам зи ғам бифшорад,
Ин тифли ятим аз Сулаймон монда.

* * *

Аз шохи чанор заъфарон мерезад,
Зар дар қадами раҳгузарон мерезад.
Рафтанд ҳазорону дарахтон loланд,
Бар хок ҳазорҳо забон мерезад.

* * *

Дар боғу чаман боди хазон метозад,
Бо ҷомаи зарфишон аҷаб менозад.
Фарроши саҳар карнайи ҷорӯб ба даст
Симфонии зардҷомагон бинвозад.

* * *

Дар найчаи дору ар ҳубобе афтад,
Дар ҷони табиб изтиробе афтад.
Дар нойи қалам ҳубоби ҳарфи пуче
Чун мояи сактаи китобе афтад.

* * *

Эй ғунчаи тирамоҳ, шаб чун бигузашт?
Пайдост, ки бо ҳазор афсун бигузашт.
То бар сари ту панҷаи хуршед расид,
Аз он дили танги ту шати хун бигузашт.

* * *

Марди ду ҷаҳон даме зи дунё гузарад,
Аз лафз бибурраду ба маъно гузарад.
Гар хок ба сар кунад Замин, боке нест,
Ғам нест, чу об аз сари Дарё гузарад.

* * *

З-онон нашавӣ, ки ранг мепардозанд,
Ойина шикаста, санг мепардозанд.
Ду байт накарда шеър ё назми дуруст,
Бо назми ҷаҳон ба ҷанг мепардозанд.

* * *

Ҳар марди ҳаким як ҷаҳонат бидиҳад,
Аз вартаи гумраҳӣ амонат бидиҳад.
Шаб тираву ту мусофиру роҳ баъид,
Як шамъ зи оламе нишонат бидиҳад.

* * *

Навбоваи гул ба рӯзи чил мерезад,
Тоҷи сари гил ба пойи гил мерезад.
Ҳуш дор, ки мавсими хазонафшон аст,
Оҳе накашӣ, ки барги дил мерезад.

* * *

Не тоату не намозу не илми ҳудо,
Не тавбаву не салоҳу не савму сало.
Бо ин ҳама "таън"-ам чу ба ислом зананд,
Аз шарм арақшор шавам пеши Худо.

* * *

Парвонаи ҷон ба даври тан мегардад,
Олам ба мадори "мову ман" мегардад,
Як бор ба даври шед то гардад хок,
Сесад раҳ даври хештан мегардад.

* * *

Афсӯс, ҳазору як шаби мо бигузашт,
Аз чашми сипеҳр кавкаби мо бигузашт.
Ҷоне, ки умеди сад ҷаҳон бо ӯ буд,
Бар дил нанишаста, аз лаби мо бигузашт.

* * *

Не даъвии кашфи ҳолу не ҳарфи дурушт,
Не дил ба кафи дасту на санге дар мушт.
Дар тоати онам, ки маро ҷон бахшид,
Дар хидмати онам, ки маро хоҳад кушт.

* * *

Доси маҳи нав омадаву фасли дарав,
Гандум ки фишондаем, ҳайфо, шуда ҷав.
Гӯянд, ки чӯҷа тирамаҳ мешумаранд,
Чун мешумарем, он ҳама шуд селаи рав.

* * *

Гар ҳарзадарое ба сухан мекӯшад,
Дебои сухан мисли катон мерӯшад.[1]
Нанвис сухан, ки чу касаш бинюшад,
Девон ду кафи даст шавад, рӯ пӯшад.

* * *

Чун ғунча агар ки нақди зар нест туро,
Ту ханда макун, ки зебу фар нест туро.
Чун абр агар домани тар нест туро,
Дар гиря ҳам он қадар ҳунар нест туро.

* * *

Он қадр равони мо танида борик,
Он қадр баёни мост бо ҳам наздик.
З-ин ҳарду бурун нест, яқин мегӯям:
Ё мо муғулем ё ки Бедил тоҷик.

* * *

Фарёд зи тири мижаи хунрезаш,
Лахти ҷигар аст ҷумла дастовезаш.
Ҳар гоҳ забон бар он ду лаб месояд,
Теғест, ки бар лаъл намояд тезаш.

1 Рӯшидан –аз ҳам пошидани бофти матоъ.

* * *

Охир ба мароми хеш бармегардам,
Аз шом ба боми хеш бармегардам.
З-ин ҳастии орият чӣ оре дорам,
Бар қуллаи номи хеш бармегардам.

* * *

Ҳам ҷоиза, ҳам ҷазои мо дафтари мост,
В-ин парри қалам боли ҳумо бар сари мост,
Фардо, ки зи роҳ мерасад, довари мост,
Нақде, ки зи каф намеравад, бовари мост.

* * *

Гар роҳ равам, ба пойи ман мепечад,
Оҳам ба гулӯ мисли расан мепечад.
Аз бас ки сухан ба туҳмат олуда шуда,
Дар шохи қалам зи ғам сухан мепечад.

* * *

Тоҷи шараф андешаи Истиқлол аст,
Андешаи ҳақ решаи Истиқлол аст.
Соҳибватане, ки бо ҷаҳон сар ба сар аст,
Шерест, ки аз Бешаи Истиқлол аст.

* * *

Обе, ки зи ҷӯйи кӯдакиҳост хуш аст,
Боқӣ ҳама гар шаҳд бувад, талхваш аст.
Умре ба димоғ атри каҳгил дорам,
Андоваи девори дилам панҷакаш аст.

* * *

Дил дар гарави фикри каму беш мабод,
Гар шиква кунам, ба ғайрам аз хеш мабод.
В-ар дар ду ҷаҳон чу банда дарвеш мабод,
Бодову диле зи дасти мо реш мабод.

* * *

Чандон ки ту дар вуҷуди худ меҳмонӣ,
Ин хона раҳонадат зи саргардонӣ.
Аз худ биравӣ, бирав, вале дур марав
Он қадр, ки баргашта дигар натвонӣ.

* * *

Ин нафс, ки чун ғулом сад кор кунад,
Ҳайф аст ба саркашӣ туро хор кунад.
Аспи тани хешро макун маст чунон,
К-аз хонаи зин туро нигунсор кунад.

* * *

З-он лаҳза ки аз умр маро ёд бувад,
Дар ёд надорам, ки дилам шод бувад.
Сад банд ниҳодаем бар пойи ҳавас,
То пойи забон зи банд озод бувад.

* * *

Инсон зи куҷосту куҷояш бибаранд,
Сад марҳала дар чуну чарояш бибаранд.
То ҷон дорад, ба сӯи худ хонандаш,
Чун ҷон бидиҳад, пеши Худояш бибаранд.

* * *

Он кас, ки ҳамеша аз пайи кин гардад,
Ҳар лаҳза зи паймону зи ойин гардад.
Магзор пиёда ҳам зи марзат гузарад,
Чун бигзарад, ин пиёда фарзин гардад.

* * *

Қонуни Ватан ба зидди ҷангафрӯз аст,
Бар зидди ситамкораи оламсӯз аст.
Эй хӯса, ба шаб ту халқ метарсондӣ,
Бардор ниқоби макр акнун, Рӯз аст.

*Соли 1985-2014*

## ДУБАЙТӢ

Ситора омада баҳри назора,
Ало эй қалби ту чун санги хора,
Ниҳон гашта ба хора чун шарора,
Чӣ созад бе ту бечора ситора.

* * *

Ба боғи дил нишонам токи худро,
Бисозам ҷӯй ҷони поки худро.
Мабод он рӯз, к-аз баҳри лабе нон
Тамошогоҳ созам хоки худро.

* * *

Басо розо, ки аз дил ҳам нуҳуфтам,
Басо ҳарфо, ки бо худ ҳам нагуфтам,
Вале бо ин ҳама аз он ки гуфтам,
Басо шаб аз пушаймонӣ нахуфтам.

* * *

Муқими хонаи дарё тавон шуд,
Чу моҳӣ ар тавонӣ безабон шуд.
Далели айби пургӯӣ ҳамин бас:
«Забон», як нуқта афзудам, «зиён» шуд.

* * *

Зи як сӯ таънаву бухлу гумон аст,
Зи як сӯ оташу тиру камон аст,
Биё, парвоз омӯзем, тоҷик,
Ки роҳи мо фақат бар осмон аст.

* * *

Замину осмон вожун нишаста,
Кӣ дида гард бар гардун нишаста?
Агар дарё сиришки моҳиён нест,
Чаро ки чашмашон дар хун нишаста?

* * *

Агар кашфат кунанд, эй кони ангишт,
Агар нашфат кунанд, эй кони ангишт,
Бувад гарданда то ин чархи гардон,
Намонад бе алови Тоҷикистон.

* * *

Биё, хоҳар, ту бо Мусҳаф қарин шав,
Ба пои ӯ нишин, чархи барин шав.
Чунон шав аз сафои ишқу имон,
Ки дар ин хокдон чун ҳури ин шав.

* * *

Надорам чашм, ки зорат бубинам,
Чу колое ба бозорат бубинам.
Ҷаҳон дар дидаи ман хор гардад,
Зани тоҷик, агар хорат бубинам.

* * *

Занонро гар зи дониш зеваре ҳаст,
Умеди рӯзгори беҳтаре ҳаст.
Агарчи аз занон пайғамбаре нест,
Ҳама пайғамбаронро модаре ҳаст.

* * *

Агар дар хонаат қолӣ надорӣ,
Бисоту пардаи олӣ надорӣ.
Ҳаёи ту бувад оройиши он,
Вуҷудатро аз он холӣ надорӣ!

* * *

Зани тоҷик моми Бӯалӣ буд,
Ва ё чун Робиъа поку валӣ буд.
Нахуст аз мактаби модар гузашта
Ба ҳар ҳар ҷо тоҷики соҳибдиле буд.

* * *

Агар миллат ҳама лашкар бигардад,
В-агар олим ҳама кишвар бигардад,
Бақое ончунон ҳаргиз надорад,
Агар бе ҳурмати модар бигардад.

* * *

Аё ғамхори нону оби кӯдак,
Шабонро зиндадори хоби кӯдак,
Биҳишти кӯдакон домони мом аст,
Биҳишти модарон одоби кӯдак.

* * *

Аё ҷӯёи рушди Тоҷикистон,
Аё хоҳони фанну илму ирфон,
Бувад гар фозила ҳар модари мо
Шавад ҳар хонадони мо дабистон.

* * *

Чӣ дил бошад диле, ки ғам надорад?
Куҷо чашм аст, чашме нам надорад?
Вуҷуди беғамон қасрест заррин,
Чӣ бошад қаср, агар Одам надорад?

* * *

Агар гӯӣ хирадро меҳтарӣ ту,
Ба чашми аҳли ҳикмат гавҳарӣ ту
В-агар хоки раҳам бо мижа рӯбӣ,
Намебахшам туро, чун беҳтарӣ ту.

* * *

Ҳамеша дар ҷаҳон ҷанги ҷаҳонист,
Гаҳе ҷанги тану гоҳе равонист.
Ҳама ноком мемонад ба фарҷом,
Ғараз аз он агарчи комронист.

* * *

Бияфкан хоб аз сар, эй ҳушевор,
Зи чоҳи яъс берун о дигар бор.
Ту пиндорӣ, ки ин хуршед ҳар субҳ
Ба дидори ту меояд ба бекор?!

* * *

Зи як гавҳар зи як конем, эй дӯст,
Ба як пайкар чу як ҷонем, эй дӯст.
Миёни мову ту фарқе ҷуз ин нест,
Ки мо ҳарду мусалмонем, эй дӯст.

* * *

Агарчи сад раҳам афшондӣ, эй дил,
Каям аз даргаҳи худ рондӣ, эй дил.
Ба сад ҷавру ҷафо шукри ту гӯям,
Зи ёрон як ту бо ман мондӣ, эй дил.

* * *

Намегӯям, ки ман кишвар кушудам
Ва ё бар осмонҳо дар кушудам.
Чу дидам синаам оташ гирифта,
Ба рӯйи дил дари дафтар кушудам.

* * *

Ало гул, оташи деринаи кӣ?
Нишони мадфани ганҷинаи кӣ?
Ту ҳарфи ишқи пинҳони кӣ будӣ?
Бурун ҷастӣ зи чоки синаи кӣ?

* * *

Куҷо он гул, ки доғи шабнаме нест?
Куҷо он дил, ки доғи марҳаме нест?
Фиғони булбулон моро сурур аст,
Ба дунё ғамгусори беғаме нест.

* * *

Ватан, эй будаву нобудаи ман,
Ҳама коҳида, ноафзудаи ман,
Тани тифлони ту бедард бодо,
Ватан, эй ҷони дардолудаи ман.

* * *

Даме ки нақди ҷонат рӯйи каф буд,
Камон буд ин ҷаҳон, ҷонат ҳадаф буд,
Ба олам қисматат дар як тараф буд,
Касе, ки бетараф буд, бешараф буд.

* * *

Ману ту ҳарду ҳамзодем, Хуршед,
Зи Шарқи оташэҷодем, Хуршед.
Ҷаҳон гар доми макру бардагиҳост,
Ману ту ҳарду озодем, Хуршед.

*1983-2014*

## АЗ ДАФТАРИ
## «ҲАЗОР БАДЕҲА»
### *(муфрадоти бадеҳа)*

Ҳар дам зи дил ҳазор хати барқ бигзарад,
К-онро ба коғазе натавонӣ нигор кард.
Девони Дил агар бинависанд дар адам,
Абёти он касе натавонад шумор кард.

Лашкар нахоҳад он ки ба каф теғи ҷон гирифт,
Хуршед як тан аст, вале осмон гирифт.

Уфтод анори дил зи барат, пора-пора шуд,
Ҳар донаи анори дилат як ситора шуд.

Агар ту ишқ надорӣ, ҷунун савоб набошад,
Ки айб бошад, агар ганҷ дар хароб набошад.

Агар сухан зи дили дард метавон гуфтан,
Дусад рисола ба як фард метавон гуфтан.

На ҳар фарде дили огоҳ дорад,
На ҳар ҷӯйе ба дарё роҳ дорад.

Гузар аз изтироби бесаранҷом,
Нагардад хушк уқёнуси Ором.

Эй амал хоста ба ҷойи сухан,
Сухани шоирон беҳин амал аст.

Бар нигоҳи гарми ин ойина кам бовар бикун,
Чун бирафтӣ аз бараш, акси ту берун афканад.

Чу лола порсое дар чаман нест,
Бисоти лола ҷуз як пираҳан нест.

Хурӯсе дертар аз хоб барҷаст,
Бизад бонг: «Офтобе рафт аз даст!»

Пири девони Зимистон гуфт: Мамнӯъ аст тақлид,
Ҳар касе бояд раҳи худро ба пои худ нависад.

Лаби барбастаи ту шоҳбайтест,
Мусаллас мешавад ҳангоми гуфтор.

Аз ин сон худшиносӣ ҷойи тарс аст:
Каюмарсат ҳамоно Карл Маркс аст.

Видоъ нест агар дар садои пойи баҳор,
Чаро ки рӯйи гули аввалини ӯ зард аст?

Шаҳди нигаҳат нарафта аз дида ҳанӯз,
Чун шеър, ки ранги ӯ нахушкида ҳанӯз.

Гар дилам аз офарин рам кард, маъзураш бидор:
Дастае гул ҳар кӣ додам, риштаи он буд мор.

Тоҷиконро дар Ватан душвор афтад иттифоқ,
Сиру Ому бо ҳам ояд дар биёбони Қазоқ.

Зи мори гурзаву аз шери шарза
Наметарсам, ҳаметарсам зи ҳарза.

Аз ту моро ҳеч ҷуз дидори ту манзур нест,
Ҳадяи ойина бар ойина ғайри нур нест.

Агар гуфтам, ки пар дорад парасту,
Махоҳ аз ман далеле аз Арасту.

Ба ҳар роҳе, ки сар монам, саре дар пои ту дорад,
Зи ҳар ҷӯ қатрае ҷӯям, дили дарёи ту дорад.

Гесӯи ту ба фарши чаман то расидааст,
Фасли ғазал гузашту замони қасида аст.

Туро чун сураи Ихлос ман аз ёд медонам,
Агар дар хоб пурсандам, туро аз ёд мехонам.

Касе чашми тамаъ бар ҷоҳ дӯзад,
Ду чашмаш нуқтаи он ҷоҳ гардад.

Надидам дигареро ғайри сайёд,
Ки бо як чашм бинад дигаронро.

Бо дили гумгаштаам дунёву уқбо гум шуда,
В-он ки пайдо мекунад дилро, чу анқо гум шуда.

Дар хонаи дил нишасту бинвишт ба дар:
«Ин хона хароб мешавад, зуд гузар!»

Эй бар ҷунун кашида корат зи худпарастӣ,
То ғайри ту набошад, ойинаро шикастӣ.

Нон азиз аст, агар гандуму гар ҷав бошад,
Шеър шеър аст, агар куҳна в-агар нав бошад.

Аз дасти хушмақолӣ ҷоне бадар набурданд,
Булбул чӣ гуфт, к-охир гулҳо зи ханда мурданд?

Шикояте агарам ҳаст, он ҳам аз хеш аст,
Чӣ ҷои шиква зи мардум, дилам зи худ реш аст.

Рӯзгори шеъри кӯтоҳ аст,
Шеъри рӯз «оҳ» аст.

Борҳо бурдам ҳасад бар соати девори худ,
Ман басо бекор будам, ӯ ҳама дар кори худ.

Олам ду қисмат аст: яке кор мекунад
В-он қисмати дигар ҳама инкор мекунад.

Мо даст ба банди кас надодем,
Ҷуз соати мо, ки бандаи мост.

Чӣ гуна рост тавон рафт, агар ки роҳ каҷ аст,
Чӣ гуна рост тавон буд, агар нигоҳ каҷ аст.

Суханҳо ҳама гуфта шуд, кор бояд,
Ҷаҳон гил шуд, эй дев, девор бояд.

Як дил суол мондаву устод рафтааст
В-он дарсҳо, ки хондаам, аз ёд рафтааст.

Хуршеди субҳгоҳон мегуфт бо табассум,
Эй ахтарон куҷоед, инак салом аз мо.

Ҳар куҷо ифрот ояд, дар миёна нест ҷой,
Ё ки лаъли тоҷ гардӣ, ё ки наъли зери пой.

Зи «мониъ» мекашад «маъно» бурун табъи
сухангустар,
Ки санги роҳ мавзун мекунад мазмуни дарёро.

Пари коҳест бодоварду як олам парешонӣ,
Гаронтар нест дар дунё аз он чи ҳаст маҷҷонӣ.

Аз ин хоби сиёҳи ноумедӣ
Шавам бедор, аз шодӣ бимирам.

Гуфтӣ, ки ба лаб расида ҷонат,
Ҳаққо, ки расида бар лаби ту.

Дидаам хоб, ки бедор шудем,
Магар имрӯз қиёмат бошад?

Ниёз аз аҳли кому ноз н-ояд,
Ки аз болишти пар парвоз н-ояд.

Рафтанд гулнисорон, гул мондаву ғами ту,
Дар лаб табассуми ту, дар дида шабнами ту.

Бар лаби теғи марзи «хештан»-ем,
Як қадам он тараф дигар на «ман»-ем.

Камоли раҳмати Парвардгор аст:
Ба ҷони худ на моро ихтиёр аст.

Баҳри ту, эй поки пок, ҷуръа фишонам ба хок,
Халқ агар хуни ток, хуни дили хеш ман.

Уммед намемирад, агар чашми таре ҳаст:
«То реша дар об аст, умеди самаре ҳаст».

Гар тиҳӣ аз меҳру ёди хеш ё бегонаест,
Дар вуҷуди одамӣ дил нест, як гардонаест.[1]

1 Гардона – мотор. (Сохтаи муаллиф).

Кӣ хонд дафтари ин боғро ба шаб? Ки саҳар
Ба ҳарф-ҳарфи тараш қатраи сиришки касест.

Эй моҳ, бо ман ҳар ҳар замон мижгон ба
мижгон менихӣ,
Дилро ба кайҳон мекашӣ в-он гоҳ поён менихӣ.

Сухани ҳар кӣ порае аз ӯст,
Гар бувад хора, хорае аз ӯст.

Забони сояҳо бар ман дароз аст,
Мабодо ки ғуруби ман расида!

Чу кӯҳе бош, агар истода бошӣ,
Чу дарё бош, агар уфтода бошӣ.

Шерони куноми орзуем,
Эй ғам, ту наё, ки мехуремат.

Маро гӯӣ заминӣ бош, ҷоно,
Замин ҳам дар фалак парвоз дорад.

Оҳро дар дил ниҳон дорам, ки фарёде шавад,
Ҳар шарар дар синаи ин санг Фарҳоде шавад.

Ало Якто, ало Танҳо, ало Ёр,
Маро танҳо даме бо хеш магзор!

Дили худро ба дарёе бияфкандам, ки пилон ҳам
Канори он намеоянд аз бими наҳангонаш.

Байти сардастии ман раҳтор[1] аст,
Лағзише ҳаст агар, як бор аст.

Бимон, то ман ба ханда зарқ бозам,
Агар гирям, ҷаҳонро ғарқ созам.

Қалам хомӯш бар коғаз биронад,
Садои пои ӯ сад сол монад.

---

1 Раҳтор – канатная дорога. (Сохтаи муаллиф).

Замона ҳарфи раҳи ростро намешунавад,
Зиҳӣ ба ҳавсалаи истиорагустари мо.

Тиҳидасто, чӣ нолӣ аз фақирӣ,
Ки бе дасти тиҳӣ дасте нагирӣ.

Ҳар ҷо ки бигзарӣ, чу гули офтобгард
Ойинаҳо ба ҷониби ту тоб мехуранд.

Бигӯ ғамро, ба гирди мо нагардад,
Агар гардад, чу мо девона гардад.

Эй гуле, ки хазон шудӣ сад бор,
Ба чӣ уммед боз омадаӣ?

Ду чашми мо ба ҳам қаҳрӣ, пайи «номус» мегарданд,
Агар аҳвол ин бошад, ҳама олус мегарданд.

Куҷо номе, ки бар санги мазорест,
Кулоҳе бар ғубори сад ҳазорест.

Зи нодонӣ бад-он авҷе расидем,
Ки донотар зи худ касро надидем.

Оташ мазан ту парчами моро, ки оташе
Ҳар ҷо баланд гашт, ҳамон парчами ман аст.

Ту раҳм кун бар он ки побанди хокдон аст,
То бар ту раҳмат орад он ки бар осмонҳост.

Ман аз он ғунчаҳоро меписандам,
Ки дар дил як ҷаҳон парвоз доранд.

На ҷоҳею на нонею на ном аст,
Муроди мо зи Меҳан эҳтиром аст.

Дерест надидаем худро,
Ойина маро намешиносад

Гар раҳмати Ҳақ ба дашту ҳомун резад,
Дар ҷоми вуҷуди вожгун чун резад?

Чӣ мепурсӣ зи ман, ки «зиндагӣ чист?»
Намедонам, на ман эҷод кардам.

Завқи инкор он қадар дар ҷони шобу шайб зад,
Чашм мепӯшанду мегӯянд, олам ғайб зад!

Гули беном, ту шоистаи ҳар унвонӣ,
Ки надоданд туро ному чунин хандонӣ.

Гул шукуфту дар лабаш дашном нест,
Ошно бо шеваи айём нест.

Аз дасти худ аст, дил чу ғамнок бувад,
Шаб – сояи хок бар сари хок бувад.

Фитода бар лаби олам гапи мо,
Ки ашки мо наафтад бар лаби мо.

Пандҳое ҳаст ин фарҳангро:
Ганҷ хоҳӣ, вожгун хон ҷангро.

Рӯйи як по соате як ҷой бест,
То бидонӣ ҳоли ин шамшод чист.

Магар дарё фаромуш карда расми ошино кардан?
Ки бар ҳар санги соҳил мезанад чангу фиғон дорад.

З-онон, ки расулону худоро нашиносанд,
Айб аст кунӣ шиква, ки «моро нашиносанд».

Ба кӯҳ бар натавон шуд бидуни қомати хам,
Ки бе суҷуд суъуде намешавад майсур.

Ба замин хурдаму бишкастаму пас донистам,
«Косаи доғтар аз ош намебояд буд».

Ман дар миёни оташу шабтоб аз чаман
Талқини сӯхтан бикунад ҳар замон ба ман.

Ойинаи айбнамояст гил,
Ойинаи ғайбнамояст дил.

Сарат аз санг бод, эй кӯдаки санг,
Дилат аз парниён бо нақши фарҳанг.

Ғами ту даме нагузорадам, ки зи дасти худ
биниҳам қалам,
Ки ғизоли дашти хаёли ту начарад ба ҷуз
гули ғазалам.

Об ором дар сабӯй шавад,
Об аз ҷустуҷӯй ҷӯй шавад.

Гулу инсон ба мушти баста меоянд дар дунё,
Яке аз меҳри модар во шавад в-он дигар аз Хуршед.

Бинам чу бар рухсорае ранги ҳаё гул мекунад,
Он лаҳза дар пиндори ман боғи Худо гул мекунад.

Басо афшурдамат, эй дил, басо озурдамат, эй дил,
Агарчи низ гоҳе дар қадамҳо мурдамат, эй дил.

Рабби ту бар халқ меронад туро,
Сӯйи худ бо халқ мехонад туро.

Агар дар ин ҷаҳон як тифл хор аст,
Башар маҳруми ҳаққи ифтихор аст.

Магар ҳанӯз дилам зери дасти ҷарроҳ аст:
Ба теғ ишора кунад ки «масоз бедораш».

Ба содиқон лақаби «қаҳрамон» намебояд,
Барои хидмати модар нишон намебояд.

Шунидаам, ки «Рӯзи Офтоб» будааст,
Аҷаб! Кадом рӯз рӯзи Офтоб нест?

На танҳо ҳар чӣ гӯйӣ, шоҳбайтест,
Туро ҳар тори мӯйе шоҳбайтест.

Ту чунон бош ба олам, ки Худо мехоҳад,
На чунон бош, ки ҳар бесарупо мехоҳад.

Ту некӣ мекуну чораспа бигрез,
Мабодо, ки кунандат ҳалқовез.

Сад шукр мекунам зи баландии осмон,
Аз он ки санги кас ба чароғаш намерасад.

На аз таҳдиди душман, не зи макри ошно тарсам,
Маро шарм аз худо ояд, ки аз ғайри худо тарсам.

Хок бо ман гуфт: Аввал пок шав,
Баъд аз он дар ман биёву хок шав.

Сиёсат чу тадбир бошад, равост,
Сиёсат чу тазвир бошад, хатост.

Бар рағми касе зистанат шарт набошад,
Бо меҳри касе низ тавон зист ба олам.

Ба ҳар ҷое, ки деворе хароб аст,
Шиореяш зи ободӣ ниқоб аст.

Ин наъраи ҷовидони дарё
Ҷуброни сукути моҳиён аст.

Фармуд сангпушт, ки мо ҳам тавонгарем,
Ҳастем то ки дар садафи хеш, гавҳарем.

Шеъри Бедил чу хӯшаи ангур,
Ҳама яксар дил аст, ранги булур.

Аз ҳар бути хуфтае дилам безор аст,
Бедорам ман, худои ман бедор аст.

Ҳубоби осмон бар дӯши дарёст,
Чу шабнам бар лаби хомӯши дарёст.

Ту шамъ мекушӣ бебоку хуб медонӣ
Касе ба куштани шамъе нагашт зиндонӣ.

Эй басо дасто, ки аз беҳимматӣ по мешавад,
Пойи соҳибҳимматон дасти тавоно мешавад.

Ба ҳеч ҳол тиҳӣ нест дасти марди карим,
Агар ки ҳеч надорад, пур аз салом бувад.

Чӣ сон панде диҳӣ дигар ба тифлон,
Ки тифлон баста гӯши худ ба тилфон.

Дилеро бишканӣ, фарёд хезад,
Дилеро бишканӣ, Фарҳод хезад.

Ба мижгоне агар аз мо ғубор аст,
Муборак бод, к-он пайғоми бор аст.

Дар ин мавҷи ҳасрат ба ҳам ошноем,
Чу киштӣ ба соҳил нишинад, ҷудоем.

Гарчи хони рӯзияш як олам аст,
Ноштои офтоб аз шабнам аст.

Гар касе бошӣ барои худ басӣ,
Бекасӣ беҳтар бувад аз нокасӣ.

Ба кӯйи дӯст сафар кардан зи ту раҳона[1] намехоҳад,
Зимоми дил чу раҳо созӣ, дигар баҳона намехоҳад.

Ҳар нафасро касе нигор кунад,
Умр дар дасти ӯ қарор кунад.

Ҳар рӯз ба дӯш мебарад моро,
Рӯзи дигар аз нав оварад моро.

Хандае бо ҳазор афсун мекашам аз дилам берун,
Хокдонро надонам чун ин қадар гул бурун орад?

Як даме бехабар зи ҳоли падар, як даме
бехабар зи модар нест,
Мо ғарибему офтоб қариб, дар ҷаҳон мисли ӯ
бародар нест.

Ҳама рӯди тирамоҳон зи ғубор соф бошад,
Дили ман фидои рӯде, ки баҳор соф бошад.

1 Раҳона – роҳхарҷӣ. (Сохтаи муаллиф).

З-он чи насим гуфт, ҷуз инам ба ёд нест:
Як лола дар вилояти мо бесавод нест.

Дар ин дунё касе ки монд бекор,
Наёбад кор ғайри кину пайкор.

Замона пеши лаби ман ниҳод ойинае,
Ки аз ғубори нафас зинда буданам донад.

Ало тоҷи сари ман, миллати Тоҷ,
Ба ҳар бетоҷ то кай медиҳӣ боҷ?!

Агар сад сифрро анбоз созанд,
Ҳамоно, як даҳони боз созанд.

Чӯб хомӯшу арра дар фарёд:
– Мехурандам! Расед бар имдод!

Ин саҳар содадиле мепурсид:
Қибла имрӯз кадомин тараф аст?

Писта аз баҳри лабат хандон шуда,
Қисмати ӯ нохуну дандон шуда.

Ало Хуршеди ҷонафзо, касеро дӯст медорӣ?
Ки шом аз ҳаҷр дилхунӣ, саҳар гулгун зи дидорӣ.

Забони мо гар аз аҳли биҳишт аст,
Чаро гуфтори мо ин қадр зишт аст?!

Ҳар чиз ки додаӣ, дар он хайри ман аст,
Ҳарчанд, ки он хостаи ғайри ман аст.

Мову ту ба ҳам чӣ ҳамнавоем,
Пайдост, Худои мо ягонаст.

Гиря ҳарчанд ҳалли масъала нест,
Мешавад ғам дар оби чашми ту ҳал.

Истгоҳи аввалину охирин сабр аст,
Истгоҳе ғайр аз ин гар ҳаст…

Бинеҳ Юсуф, баҳои хеш чандон,
Ки натвонанд ёронат фурӯшанд.

Болиши тифлро зи санг кунед,
То бидонад, ки зиндагонӣ чист.

Чун бидонам тиҳист аз инсоф,
Каҳ шавад дар нигоҳи ман куҳи Қоф.

Озодии бандагон шиорест,
Пайғомбарӣ на ихтиёрист.

Одамизод аз камони хашми худ
Мезанад тири хато дар чашми худ.

То гумон созанд буд дар раҳми модар Бӯалӣ,
Ҳар касеро хат биёмӯзӣ, туро хат мезанад.

Хӯрданд ҳар ончи хӯрданӣ буд тамом,
Имрӯз ҳама яксара савганд хӯранд.

Ончи аз ин рӯзадорӣ муддаъост,
Иштиҳои меҳмонони Худост.

Нафасҳо хун шуда, аз ҳам гусаста,
Миёни байтҳоям лаъл баста.

Як сафҳаи оташзадаро мемонам,
Бар шоми дилам ситора меафшонам.

Дӯстонро ишорате кофист,
Муъҷиза баҳри мункирон омад.

Ин умр аёну ҳам ниҳон хоҳад рафт,
Дар барбандӣ, ба нардбон хоҳад рафт.

Ҷавонмард аз хати мобайни гандум
Бихонад: «ними мову ними мардум».

Магарам ташна шавӣ мисли гиёҳе ба биёб,
То бидонӣ ғазали об чӣ ширин будааст.

Он ки нонаш зи кӯйи эҳсон аст,
Бар сари хони хеш меҳмон аст.

Фариштаи шаби идам, хуш омадӣ, шодам,
Чу фитри рӯза диламро ба дасти ту додам.

Касеро ба ноошно кор нест,
Муқаддимаи душманӣ дӯстист.

Чун меҳр менишинию чун моҳ меравӣ,
Пойи бараҳна рӯйи дилам роҳ меравӣ.

Биёбони ҷунун холист, ҷуз «оқил» намебинам,
Ҷаҳон аз беҷигар пур гашту як бедил намебинам.

Дар ин баландигоҳӣ нишони кибр маҷӯй,
Назар зи қулла ҳамон одати куҳистонист.

Ду чашми тар ба сӯйи моҳпораст,
Фазои дидаам пур аз ситораст.

Чӣ осон кӯҳи оҳан суда гардад,
Чӣ мушкил дил даме осуда гардад.

Гарчи мурғонро тафохур бар ҳавост,
Ризқи ҷумла мурғгон дар зери пост.

Дил супурда ба «ҳар чи бодо, бод!»
Бод аз он ҳамеша ҳаст озод.

Эй ки бинии худ ниҳон бинӣ,
Чӣ кунӣ даъвии ҷаҳонбинӣ.

Бар ин роҳе, ки захмину фигор аст,
Пайи дандони чандин ришвахор аст.

Чӣ андӯҳе гули садбарг дорад,
Ки бо ҳар барги худ як марг дорад.

Ба бедорӣ дили худ реш дорем,
Ки хобе ҷовидон дар пеш дорем.

Шаб асту роҳ хусусӣ нагаштааст, биё,
Ҳанӯз моҳ хусусӣ нагаштааст, биё.

Аз қалам хостам, ки рост бирав,
Гуфт: ин ҳарф дар алифбо нест.

Чун бигӯйӣ ба тири дар парвоз,
Ки ниҳон дор аз ҳадаф ин роз?

Раҳе, сар ба кӯйи ту надорад, роҳи гумроҳ аст,
Гуле, ки рангу бӯйи ту надорад, як пари коҳ аст.

Зи пойи кӯҳ мегирад кафи хок,
Ки дарё з-ин сафар дигар наёяд.

Шуд шамъ адову оташаш гулбасар аст,
То лаҳзаи марг зинда будан ҳунар аст.

Биё, бар доманат чанде бигирям
В-агар бар ман ту меҳандӣ, бигирям.

Шохаи сабзе дигар нест ба боғи дилам,
Шиква куҷо мебарӣ? Дӯст табарвор буд.

Як нима Душанбе асту як нима Бухор,
Марзи ватанам аз дили ман мегузарад.

Ба кафтарҳо сало мезад яке боз:
Фазо боз аст, инак вақти парвоз!

Чандон ки аз тааллуқи дунё гузаштаем,
Бо киштии ҳубоб зи дарё гузаштаем.

Ҳақи шиква ҳама доранд зи ҳам,
Бурд аз он аст, ки оғоз кунад.

Аз дида ҳавас ба дил нишинад,
Ҳарфи авали «ҳавас» ду чашм аст.

Нури покаш ба олам афшонад,
Доғи маҳ бар рухи худаш монад.

Шунидам «фитна кутоҳ аст», алҳақ,
Ҳамон беҳтар, ки бошад фитна кутоҳ.

Кай расӣ ҷойе, гар аз худ нагзарӣ,
Дар раҳи худ чун сади Искандарӣ.

Гар сояи ҳам чунин тарошем,
Девор дар ин ватан намонад.

Баски аз халқ мекунад ваҳшат,
Соя аз мо ҷудо намегардад.

Забоне, ки ба заҳр оганда бошад,
Ҳамон беҳ, ки ба коми ғунда бошад.

Бимон то дил шавад аз ҳарф саршор,
Пайи ҳарфе дили худро маяфшор.

Агарчи ҳарфи ту чун тути Балх аст,
На бар коми касон гар ҳаст, талх аст.

Эҳсос мекунам, ҳама бекор мондаем,
Чун сурате ба синаи девор мондаем.

Гар аз лавҳи ҷабинат чин шавад боз,
Раҳе аз он ба Ҳинду Чин шавад соз.

Даҳанҳо баста бо сию ду дандон,
Ба як дандон даҳоне ҳаст хандон.

Раҳоӣ гар ҳамехоҳӣ зи ҳар банд,
Кушо банд аз ҷабину бар камар банд.

Хирқа бар дӯш карда майхорон,
Хуни сад хум ба гардани соқист.

Гандум ба ҷаҳон ба ҳифзи ҷон омадааст,
Ҳар дона ба ҷавшану синон омадааст.

Ба амни роҳ хомӯшӣ гувоҳ аст,
Даҳоне роҳро гар ҳаст, ҷоҳ аст.

Касеро, ки сипосу сабр бошад,
Бихонам муъминаш в-ар габр бошад.

Марде нишаста пойбурида канори роҳ,
Пойи бурида ҳам ба сари роҳ мекашад.

Ҳар рӯз барои дили худ ман нигаронам,
Бар шонаи тифлонаи дил кӯҳи гаронам.

Бар осмон нигаристам, ки такягоҳ ин аст,
Парандае бигузашту бар осмон хат зад.

Ба ҷуз сайёд дигар кас надидем,
Ки бо як чашм бинад дигаронро

Магар, эй лола, зи боғи дигарӣ?
Ки дар ин боғ ба доғи ҷигарӣ.

Ба дунёе, ки аз он «дар фиғонем»,
Ба ҷон хоҳем ҷовидон бимонем.

Ту дунёро дигар кардан надонӣ,
Валекин хештанро метавонӣ.

Ба сангистонӣ, эй гулдони кошӣ,
Саломи сангро омода бошӣ.

Ҳар ҷо ки дар ин замона сайёдест,
Доме ба кафаш ба номи «озодист».

Ҳарфи оташзан ҳамеша равшан аст,
Он чи ӯ мехоҳад аз ту, равған аст.

Назарат тоҷи сарат, ҳоҷати ғавғо набувад,
Шеър назди ту ҳамон аст, ки аз мо набувад.

Гиряҳои тифли навзод аст бас коре шигарф,
Чашм во нокарда медонад куҷо уфтодааст.

Зи фарти меҳрубонӣ марди боандеша меафтад,
Дарахти борвар дар хоки нарм аз реша меафтад.

Аз ҷафои якдигар, дидем гоҳ,
Мебарад одам ба Оҳарман паноҳ.

Диламро тешаи ғам метарошад:
Мабодо ин ҳама беҳуда бошад!

Ба қалби баҳр аз лутфи илоҳӣ
Намемирад чароғи чашми моҳӣ.

Нишони ҳиммати волои боғбон аст ин,
К-аз ӯ баланд бувад қомати дарахтонаш.

Пири поиз монда оҷиз аз шумори арзҳояш,
Мерабояд боду мегӯяд: ҳисоби қарзҳояш.

Дар оғӯшаш дамодам мефишорад,
Ғамат оё диламро дӯст дорад?

Абр бигристу нашуд қалби фалак реш аз ӯ,
Метавонӣ ту магар гиря кунӣ беш аз ӯ?

Ҷаҳон моли Худост, эй ҳушёро,
Махоҳ аз дигарон моли Худоро.

Ҳар гоҳ ба ман «тухмат»- и ислом зананд,
Аз шарм арақшор шавам пеши Худо.

Худотарсе чу мункирҳо надидам,
Ки ҳатто аз «худо» гуфтан битарсанд.

Ҳар ғаме мерасад ба мо, гузарад,
Лек ҳайфо, ки маркабаш умр аст.

Бишнохтамат, фитнагар, ин шӯру мағал чист?
Ҳар кӣ на зи моми ту бишуд зода – «маҳалчист».

Агар ҳасуд бадат гуфт, ғам махур зинҳор,
Ту кори хеш бикун, ӯ ба кори хеш дар аст.

Ба рӯйи қалби зимистон, ки ях задаст зи дард,
Ба по гирифта ду ханҷар чӣ маст мерақсӣ!

Кӯчаҳо аз бекасӣ гӯё азо бигрифтаанд,
Бомҳо дар дасти худ аз ях асо бигрифтаанд.

Сапедат бод раҳ, эй раҳрави дай
Ба ҳар роҳе, ки по монӣ, сапед аст.

То чашми тамаъ бувад фусунсоз,
Чашми дили мо намешавад боз.

Аз косаи сар касе нахӯрдаст,
Ин коса ҳамеша хом дорад.

То чанд баҳри обу гилам зиндагӣ кунам,
Бигзор, то барои дилам зиндагӣ кунам.

Санги алмоси Кӯҳи Нур канем,
Пойдевори коҳдон бикунем.

Кучо як дидаи бедор дорем,
Ки мо афсонаҳо бисёр дорем.

Сиёҳу сурху сапеду шимолу шарқу ҷануб…
Баҳона баҳри адоват чи қадр бисёр аст!

Донӣ, ки чаро «биҳишт» гуфтанд?
Яъне ки зи даст дода будем.

Дерест рӯйи хуш надиҳад ҳеч кас ба кас,
Бар дидаҳо ситора ҳам ангушт мехалад.

Дар ҳама рангҳо чу найрангест,
Шоҳроҳи наҷот берангист.

Агар «кафтор»-ро «кафтар» навиштам,
Тавалло буд, не аз бесаводӣ.

Гар аз рӯйи муҳаббат ҳам саги ҳор
Бихоҳад рӯйи ту лесид, магзор!

Зи ҳар касе, ки бипурсам: «Нахустинсон кист?»
Ба худ ишора кунад, ё сареҳ «Ман!» гӯяд.

Агарчи нест шабе, ки саҳар намегардад,
Даме, ки рафт, дигарбора барнамегардад.

Ҳурмати роҳ нигаҳ дору ба андоза бирав,
Ҳеч кас пештар аз роҳ ба манзил нарасид.

Аз сафҳаи сафеди уфуқ дар хиҷолатам:
Шамъе бисӯхтам, ки баҳояш рисолаҳост.

Валӣ гуфтам турову беш хоҳӣ,
Рисолат хатм шуд, маъзур дорам.

Матарс аз марг, эй дӯзахдаруно,
Ҷазое бештар аз худ надорӣ.

Бинишин як шабу то субҳ ситора бишумар,
То бубинӣ чӣ қадар санг ба хуршед заданд.

Ба ним сония тобиш зи наърахои барқ
Сукути равшани хуршедро қиёс кунед.

Фарқе агар бувад, ба забонҳои одамист,
Гунҷишкҳои ҷумла ҷаҳонро забон якест.

Чӣ гӯямат суханеро, ки ту намешунавӣ,
Вале рақиб зи лавҳи хаёл мехонад.

Шаб давот асту рӯз дафтари ман,
Ин як оранду он дигар бибаранд.

Даруни сина набошад агар ситораи қалб,
Ба рӯйи сина чӣ кор оядат ситораи қалб?

Мазан аз неши забон нештарам,
Ҳар чи гӯӣ ту, аз он бештарам.

Аз ҷаҳон сангару камин монда,
Аз «ҳуқуқи башар» ҳамин монда.

Он чи аз ман монда бо ту в-он чи бо ту монда аз ман –
Пораи доман ба дасте, пораи дасте ба доман.

Фалотун гарчи мегунҷад ба хумбе,
Ба фаҳми хум намегунҷад Фалотун.

Дар ҳисори вуҷуди хештанам,
Гар ба Руму Раям, дар ин ватанам.

Бишнав аз дӯст, агар шиква зи ту дӯст кунад,
Душман аз ту накунад шиква, туро пӯст канад.

Намехоҳам касеро хор бинам,
Кӣ мехоҳад ба чашми хештан хор?

Сухан шикаста бигӯ, то муосират донанд,
Ба лаҳни хаста бигӯ, то муосират донанд.

Зи хун тоҷи хурӯсон лаълбанд аст,
Маҷӯ осоише аз тоҷдорӣ.

Намебинӣ, ки дар майдон чӣ гард аст,
Ҳанӯзат бо Қутайба он набард аст.

Бишкуфтани гул агар ҳазорон бор аст,
Такрор надорад, ончи нотакрор аст.

Касоне пашшаро симурғ донанд,
Чӣ нозӣ, гар туро шаҳбоз хонанд.

Он ки худ аз ҳар саге ҳаст устухоне қарздор,
Нек медонам, тамаъ дар устухонам бастааст.

Аз хароши панҷаи шеъре, ки бас мастур буд,
Мондааст осори хунине ба девори дилам.

Мазан бар хоки мо бебок дандон,
Ки дар ҳар порааш сангест пинҳон.

Нест шайдои баҳорон ҳеч кас монанди барф,
Об мегардад, чу ӯ аз дур пайдо мешавад.

Мурғе, ки нағма хонад пушти тирезаи ту,
Озори рӯзгорон камтар зи ту надидаст.

Беҳин васфи Биҳишт ин аст дар Қуръон ки
фармуда:
«Биҳишт он ҷо бувад, ки нашнавӣ гуфтори
беҳуда».

Ду чиз аз якдигар ҳаргиз нашуд сер:
На хок аз мардуму на мардум аз хок.

Ту қадам бебок бигзору бубин,
Кӯҳи пешорӯи ту вопас равад.

Ба ҳақ то ним чашме боз гардад,
Ба мижгон осмон бояст бардошт.

Аҷаб дунё, ки Шеди зиндагисоз,
Ба хун меояду бо хун равад боз.

Чист шаб? Хокистаре аз Офтоб,
Ахтарон ҳам ахгаре аз Офтоб.

Сангпуште ба роҳ мепурсид:
Роҳ то моҳ чанд фарсанг аст?

Дар дилам чашмаи зар меҷӯшад,
Даст дар судани оҳан дорам.

Гар Сулаймонест бар фавқи башар,
Дев набвад ғайри як деворгар.

Зикри бад чун бигзарад аз марзу ҳад,
Гум шавад фарқи миёни неку бад.

Об менолад зи half, ки монеъ бар манӣ,
Гӯядаш полован: оре, монеъат аз ғайри ту.

Ҳазорон бор, борон, бор борон,
Гул оташ рехт бар ҷони ҳазорон.

Ошиқи озодагӣ аз оташ афсар менихад,
Шамъ агар сар менихад, дар пойи худ сар менихад.

Як ваҷаб ҷойи тиҳӣ дар паҳнаи офоқ нест,
Бор агар аз дӯш бигзорӣ, ба дӯши дигарест.

Гар шағоле шиква аз рӯбаҳ кунад,
Хоҳам аз ӯ то сухан кӯтаҳ кунад.

Аҳаммийят надорад – осмон соф аст ё абрист,
Хабар обу ҳаворо ман зи чашмони ту мегирам.

Худои ту туро ҳушёр хоҳад,
Чу бо ту рост мехоҳад бигӯяд.

Шеър пайдо, шоираш пайдо набошад ҳайф нест,
Ҳайф бошад шоире пайдову нопайдош шеър.

Набошад гар саре дар пойи девор,
Напояд дер он девор зинҳор.

Бо маҳу зуҳра гарчи сарбасаранд,
Кӯҳҳо такядори якдигаранд.

Ҳикмати мижгон задан донӣ ки чист?
Хоб бедор асту бедор аст хоб.

Исёни ошкоро чун сел дар хурӯш аст,
Гарди гуноҳ ҷӯем аз остони зоҳид.

Китоби мо ба зери болиши мост,
Аз он ҳам нозишу ҳам болиши мост.

Чист шуҳрат? Сайди аз ҷӯяндаи худ дар гурез
В-аз пайи он кас, ки аз ӯ мегурезад – чорхез.

Чу Худованд зи ҳиммат кӣ нишонат бидиҳад?
Ки ба подоши гуноҳет ҷаҳонат бидиҳад.

Ба ин пайкар марав оғӯши дарё,
Ки метарсам, намесозад раҳоят.

Оҳ, ин чӣ маҳфилест, дилам танг аст,
Ҷашни ҳазорсолагии санг аст.

Ғулбае тақлидро «шақ-шақ» кунад,
Ман нагӯям «ишқ»-ро муштақ кунад.

Эътибори халқ асли мардум аст,
Дум, агар аз шер ҳам бошад, дум аст.

Нишони сидқ меҷӯям аз ин дунёи бесомон: -
Пайи мӯре, ки з- ин саҳро гузашта пеш аз Тӯфон.

Ҳаст дарде, ки аз он гарде шавӣ,
Ҳаст дарде, ки абармарде шавӣ.

Ҳаё кун аз он ки ҳаёе надорад,
Битарс аз касе, ки худое надорад.

Эй басо ки зи Худо хостаӣ,
Баҳри он хештан оростаӣ?

Даҳонею ду дар бар он ниҳода,
Ду гӯшатро Худо як дар надода.

Ҳазорон шукри «ёрон»-и маҷозӣ,
Ки моро нест бар душман ниёзе.

Нест сурат тиҳӣ зи моҳийят,
Кӯза чун бишканад, кафи хокест.

Ақли кӯтоҳ бо забони дароз,
Ҳаст танбӯри ҷӯри ӯ носоз.

Касеро к-офтобаш дар нигоҳ аст,
Чӣ сон гӯӣ, ки дузди нури моҳ аст?

Он қадар барги хазон рехта бар пову сарам,
Ки агар марг надонам, чӣ бувад, бебасарам.

Фиреби гардани хамро касе тавонад хӯрд,
Ки ҳикмати хами шамшерро намедонад.

Марги касе ибрати мо кай шавад?
Ибрати ҳар банда ба марги худ аст.

Шафқати ту ба ман он қадр зиёд аст, ки ту
Сояи боли ҳуморо зи сарам мерӯбӣ.

Ҳамчу анқо Қоф бояд ошёни дил шавад,
Бенишон дар бенишон ояд, нишони дил шавад.

Аз сангдилон гурехтам то дили санг,
Аз санги дили худам паноҳе набувад.

Мазан санг онро, ки дар дасти ӯ
Зи дасти замона ба ҷуз санг нест.

Бар дарахтон нест дигар баргу бор,
Баргу бори дил бибояд то баҳор.

Онро, ки ду чашмаш зи паси сар нигарон аст,
Ояндаи ӯ пору парери дигарон аст.

Ҳама донишиянд, донанда нест,
Ҳама менависанд, хонанда нест.

Он ки созад қуфлҳои бекалид,
Устоди мост дар сабки ҷадид.

Нест дарде мисли танҳоӣ шадид,
Абри танҳо шохборон медиҳад.

Пой гар лағзад, тавонӣ боз қомат рост кард,
Бишканад сад қомат аз як лағзиши пойи қалам.

Ҳақиқат уфтода бар гузаргоҳ,
Касе бинад, бигӯяд: "Аз кӣ бошад?!"

Дар ин ҳасратсаро, э вой, чун гул
Агар шарти вуҷудат ханда бошад.

Раҳе, ки мунтаҳояш дил набошад,
Марав, ки ҷуз раҳи ботил набошад.

Онон, ки ҳар дақиқа туро фанд медиҳанд,
Ҳар дам маро ба ишқи ту савганд медиҳанд.

Саҳар аз чашми ту оғоз гардад,
Чу бинад, шамси ҷонҳо боз гардад.

## МУНДАРИҶА


Сарсухан ........................................................................ 3

**Манзумаҳо**

*(Маснавӣ, қасида, мусаммат)*

Лозуркӯҳ ........................................................................ 5
Кӯҳистон ........................................................................13
Ойинаи якрӯӣ ....................................................................15
Соқинома ........................................................................19
Тоҷикистон ......................................................................26
Даврони офтоб ...................................................................31
Наврӯз ..........................................................................33
Наврӯзгоҳ .......................................................................35
Бухоро ..........................................................................36
Дилнома .........................................................................39
Шаҳри Хуршед ....................................................................40
Гуфтугӯ бо пайкараи пардапӯши ҳаким Фирдавсӣ ....................................47
Кабки дарӣ ......................................................................50
Паймон ..........................................................................53

**Шеъри нав**

*(Арӯзи нав, сапед)*

Қонуни забон ....................................................................54
Табарро .........................................................................57
Пайкартарош .....................................................................61
То интизор ҳаст .................................................................62
Ангорае бар девори Ҳисори Ной ...................................................64
Ойина ...........................................................................65
Ошёни меҳр ......................................................................66
Барф ............................................................................67
Меҳани Наврӯз ...................................................................68
Боғи Эшон .......................................................................71
Сомонгирд .......................................................................74
Охирин барф .....................................................................76
Дарди воло ......................................................................78
Ойини гургон ....................................................................79
Ихлос ...........................................................................80
Соли нав ........................................................................81
Наҷвои як китоб .................................................................82
Ҳубобфурӯш ......................................................................84
Паём ............................................................................85
Себи охирин .....................................................................86
Шоиро, гиря макун ...............................................................87
Истиора .........................................................................88
Истиқлол ........................................................................89
Шеъри сапед .....................................................................90

Зимистон ....................................................................90
Бичилгун....................................................................92

**Ғазалиёт**

Рӯҳи қалам....................................................................93
Гуфтугӯ....................................................................93
Меҳан....................................................................94
Суруши ғайб....................................................................95
Бовар ....................................................................96
Одамият....................................................................96
Шеър....................................................................97
Булбул....................................................................98
Девони Наврӯз ....................................................................99
Номаи Зарирон ....................................................................99
Гавҳари имон ....................................................................100
Ту на туӣ, на ту туӣ....................................................................101
Тилисм....................................................................102
Ба мо салом макун ....................................................................102
Ғамҳои ту ....................................................................103
Ихтиёр....................................................................103
Занҷир....................................................................104
Достони ғам ....................................................................104
Модар....................................................................105
Ватан....................................................................105
Ҷарида....................................................................106
Ниёиш....................................................................107
Лабханди ту....................................................................107
Қадр....................................................................108
Муноҷот ....................................................................109
Меҳрнома....................................................................110
Ба пойи Бесутун ....................................................................110
Сафо....................................................................111
Мадҳуши ту....................................................................112
Мавҷи ҳасрат ....................................................................112
Шукӯҳи умед....................................................................112
Сур....................................................................113
Маншури мансурӣ ....................................................................113
Пари ҷон....................................................................114
Насхи мижгон ....................................................................114
Ғазали равон ....................................................................115
Хоки ту....................................................................115
Эй офтоби бениқоб....................................................................116
Ба ёди гӯшае....................................................................116
Ёдбод....................................................................117
Чи оташе....................................................................117
Намози дил....................................................................118
Фидои ки бошам....................................................................118
Туфони ҳодисот ....................................................................119

Халқ механдаду ман мегирям....119
Аз ситора дуртар....120
Пос....120
Орзуи шаҳид....121
Эй дарё....121
Як ҳарф....122
Шафақи ҷовидон....122
Ҳадяи ойина....123
Эй дӯст....123
Бе баҳорӣ....124
Сипар....124
Ғуссаи ошно....124
Ҷунунҷилва....125
Шамшер....125
Суруди марзбон....126
Даравгарон....126
Бар бистари суруд....127
Беди сафедмун....127
Бе нишонӣ....128
Тасбеҳи ашк....128
Бародар....129
Ёд....129
Масдар....130
Дар остони зимистон....130
Дар куҷо буд?....131
Оҳани дил....132
Ҳанӯз?....132
Ё соқӣ....133
Зи ҷойи дигар....133
Аз даст меравад....134
Андешаи мардум....134
Кадом баҳр....135
Бар мазори орзуҳо....135
Хати фардо....136
Бо мо....136
Додхост....137
Вақт....138
Лутфи соқӣ....138
Тасхири бовар....139
Ёд надорам....139
Яқин дар маҷоз....140
Оғоз....140
Девор....140
Хамушӣ....141
Равони бегуноҳон....141
Тавалло....142
Ҳама кишвар....143
Тасвири ту....143

Ҳар Шамс Мавлавӣ нест ........ 144
Хуршед аст ........ 145
Ман чи гӯям ........ 145
Асмо ........ 146
Пайғом ........ 146
Калимаи ҳинду ........ 147
Порсӣ фирдавси мардони Худост ........ 148
Пажвок ........ 149
Худо бо шумо аст ........ 150
Таҳрим ........ 150
Сухане гӯй, ки ........ 151
Ба чашм ........ 152
Рӯзе... ........ 152
Адаб ........ 153
Оҳуи барф ........ 155
Ассало ........ 156
Дили ту ........ 156
Сангари хунин ........ 157
Бе ман ........ 158
Қиблаи нахустин ........ 159
Қасидаи зимистон ба сабки Баҳор ........ 160
Рӯйиш ........ 161

**Шеърҳои кутоҳ ва қитъаҳо**

Эъҷоз ........ 162
Хазон ........ 162
Узр ........ 162
Айнак ........ 162
Ҳамдардӣ ........ 163
Нақд ва нася ........ 163
Танокуз ........ 163
Санъат ........ 163
Новбон ........ 164
Ҷунуни сабз ........ 164
Роҳ ........ 164
Нукта ........ 164
Зомин ........ 165
Рози поядагӣ ........ 165
Шарҳа ........ 165
Забони ҳол ........ 165
Таоруф ........ 166
Таъбири ом ........ 166
Хазонрӯб ........ 166
Аҷри бодом ........ 167
Беҳтарин ҳадя ........ 167
Бигзашт ........ 167
Бим ........ 167
Гӯшона ........ 168

Ҳиммат ....................................................................168
Субҳи Зорун .............................................................168
Булур......................................................................169
Мояи эътибор...........................................................170
Ёли дарё..................................................................170
Имон ......................................................................170
Растохез .................................................................171
Сиёҳгӯш ..................................................................171
Мавлавӣ...................................................................171
Суруд .....................................................................171
Муҳовара бо худ .......................................................171
Сидқ.......................................................................172
Барои Фаромарз........................................................173
Асолат.....................................................................173
Посух .....................................................................173
Барои ҷовидона.........................................................174
Сухан......................................................................174
Фарҷоми шаҳчанор.....................................................175
Таҳрир ....................................................................175
Дидор......................................................................176
Рисолат ...................................................................176
Сакарот....................................................................176
Сабқат.....................................................................176
Фонуси Мағриб...........................................................176
Хос ва ъом ...............................................................177
Чаро?......................................................................177
Мизондор .................................................................177
Ҷовидона .................................................................177
Посух .....................................................................177
Хор ва булбул............................................................178
Тасалло ...................................................................178
Марзи хат .................................................................178
Шарҳи як байт...........................................................179
Дар бозори куҳнафурӯшон...........................................179
Ҷафо........................................................................180
Дар сирк...................................................................180
Шерозаи зимистон......................................................180
Эҳсос ......................................................................181
Як бому ду ҳаво.........................................................181
Эй саг .....................................................................182
Гулҳои тирамоҳӣ.......................................................182
Панд........................................................................183
Паранда ...................................................................183
Пир..........................................................................184
Шарқ.......................................................................184
Субҳи зимистон..........................................................184
Набард.....................................................................184
Савдо .....................................................................184

Таъхир ........................................................ 185
Ҳодиса ........................................................ 185
Рӯзи саъд ........................................................ 185
Номаи гирён ........................................................ 186
Хазон ........................................................ 186
Чи ойине ........................................................ 186
Роз ........................................................ 186
Сабки кабк ........................................................ 187
Саргармӣ ........................................................ 187
Ривоят ........................................................ 187
Худкоҳ ........................................................ 188
Баҳрайн ........................................................ 188
Ҳушдор ........................................................ 188
Насиҳат ........................................................ 189
Мақсуд ........................................................ 189
Чаро мехурӣ?! ........................................................ 189
Эҳсос ........................................................ 189
Қонуни табиат ........................................................ 190
Бениёзӣ ........................................................ 190
Бахил ........................................................ 190
Ҳасуд ........................................................ 190
Дидор ........................................................ 191
Дар сӯги дӯстам Пуриё ........................................................ 191
Мармари дилҳо ........................................................ 191
Фирдавсӣ ........................................................ 191
Меҳри модар ........................................................ 192
Домони кӯҳистон ........................................................ 192
Нусхаи замонасоз ........................................................ 193
Домгусил ........................................................ 194

Рубоиёт ........................................................ 195
Дубайтӣ ........................................................ 221
Аз дафтари “ҳазор бадеҳа” ........................................................ 226

**РУСТАМИ ВАҲҲОБ**

# САЛОМ


Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 20.10.2015 супорида шуд.
Чопаш 17.11.2015 ба имзо расид. Андозаи 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а.

Дар чопхонаи «Шарқи Озод» чоп шудааст.